# НАСИМИ ХАЗАР

БАЁЗИ НАЗМУ НАСРИ МУОСИРИ ТУРКМАНИСТОН

Душанбе
«Адиб»
2008

ББК – 84 Туркман 7-5-4
Н – 93

Мураттиб:
Ато Ҳамдам

Муҳаррирон:
Сайидалӣ Маъмур
Истад Қосимзода

Ороиши Ромиш Шералӣ

Н – 93 **Насими Хазар.** Баёзи назму наср.
– Душанбе, «Адиб», 2008, 224 саҳ.

«Насими Хазар» баёзи назму насри муосири Туркманистон буда, намунаҳои эҷоди адибони кишвари ба мо дӯсту ҳамсояро фарогир аст. Бояд тазаккур дод, ки баъди пошхӯрии давлати пуриқтидори шӯравӣ бори аввал аст, ки намунаи назму насри адибони муосири кишвари ба мо дӯст дар ин шакл чоп мешавад. Шеъру ҳикояҳоро шоиру нависандагони тоҷик ба забони модарии худ тарҷума кардаанд.

Китоб ба муносибати ҳафтаи фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Туркманистон таҳия шудааст.

ISBN 978-99947-57-55-8

© К. Тангриқулиев, А. Атабоев ва диг.

# *Н А З М*

*Қаюм* ТАНГРИҚУЛИЕВ

## ПАХТА ЧУН БАРФ САФЕД

Пахта ҳоло нест дар рӯйи замин –
Барф онро нағзакак пӯшидааст.
То шавад монанди пахта нозанин,
Абри найсон бо ҳавас кӯшидааст.

Навбаҳорон барф бигрезад хамӯш,
Ҷойи худ бар булбулу гул медиҳад.
Қалби деҳқон чун ҳамеояд ба ҷӯш,
Барф не – пахта ба саҳро мениҳад.

## ЧИНОР

Чинори қадбаланду ботану тӯш
Зи дуриҳо ҳамеша менамояд.
Надорад мева-ҳосил хӯрдание,
Вале аз диданаш дил мекушояд.

Надорад мева, аммо сояи он
Фараҳ бахшад ба ҷони хастаи кас.
Тамузаш ҳам бубахшад ҷони ҷонон,
Ба зери сояи он бошию бас.

Чинори қадбаландо, ки шинондат?
Намедонад касе инро, хаёлам.
Кӣ обат дод вақте, парваридат?
Намедонад касе инро, хаёлам.

Туро ман дӯст медорам, чиноро,
Дарозумрӣ, дарозумрӣ бихоҳам.
Надидам ман туро ҳаргиз фитода,
Агар боре бубинам, сахт коҳам.

Чи айёми баде аз сар гузаштат,
Натарсидӣ, наваҳмидӣ ягон бор.
Агарчи гоҳ – гоҳе ашки чашмон
Дили бинандаҳо бинмуд хуншор ...

Вале бахшӣ ба мардум шодмонӣ,
Бубахшӣ раҳмату орому тамкин.
Ба дасти сабзи худ алвонҷ бидҳӣ
Ҳама он дӯстони хубу дерин.

Накӯии туро чун васф созам ?
Ба ҳар ки он, ба ҳар чи он расида.
Накӯии туро ҷондору беҷон
Фаровон дидаву беҳад шунида.

Ту дар тамкин, валекин беназирӣ,
Ту дар қувват кабирӣ, бас кабирӣ.
Чиноро, рамзи зебоӣ ту ҳастӣ,
Ба ту ман меҳр дорам беназире.

Дарахти тут меномам худамро,
Ҳамин бошад маро андоза, эй ҷон.
Вале ту, дилбари ман, афсари тан,
Зи дури дурҳо ҳастӣ намоён.

Ба сӯйи ту ҳамеша мавҷи мардум,
Ба сӯйи ту умеду орзуҳо.
Ба ту фахранду нозанду навозанд,
Ки онҳоро диҳӣ дар синаат ҷо.

Ҳамехоҳам, ки ман мисли ту бошам;
Азизи одамони дуру наздик.
Ҳама умрам расонам роҳати кас,
Бимирам баҳри мардум ёру мушфиқ.

Ва гӯям лаҳзаҳои вопасинам:
Чиноро, аз ту ман омӯхтам панд.
Зи ту азму субот, ишқу умедам,
Зи ту будам, агар будам барӯманд.

## ЧОҲИ САНГИН

Андешаву фикри соқу солим
Дар сар бубарад панаҳ мудоман.
Абри сияҳу сафеду пурнам –
Меҳмони дайу ҳавои баҳман.

Гармо ба ҳавои дай бимонад
Андар дилу ҷону пораи нон.
Парранда ҳамеша дӯст дорад
Биншастани шохаи дарахтон.

Монанди ҳамин, ба мост равшан
Аз дарси гузашта рӯзгорон,
Дар чоҳи басе чуқур монад
Оби чу зулол софу яхсон.

## СЕ ҒАЛБЕР

Аё, эй шоири ҷон, шоири ҷон,
Аё, эй сер в-эй умре гурусна.
Туро хоҳам набошӣ лаҳзае, ҳон
Ҷудо аз элаки дунёи кӯҳна.

Бидонад марди деҳқон – бар заминаш
Фаровон барф ҷони ҷон бигирад.
Ана, ғалбери аввал дар ҷабинаш,
Ба шакли гунбади кайҳон бигардад.

Ана, ғалбери аввал, мефиристад
Ба деҳқону заминаш раҳмати ҳақ.
Ва чун дон бар замин афтад, барафтод,
Бубинад барқи ганҷи заҳмати ҳақ.

Чи ғалбери бузурге-осмонҳо,
Саодат, бахту шодӣ, кор, деҳқон.
Равад то бекаронҳо, бекаронҳо
Зи шавқу завқ барқу нури чашмон.

Зи гандум пур ҳама анбор бинӣ,
Шавад бозор сар то по фаровон.
Дуйум ғалберро худ зиндагонӣ
Ба дасти хеш бинмояд намоён.

Шавад хонум зи обу дона мафтун,
Дурахшад чеҳрааш аз нури шодӣ.
Бубинад кас дуйум ғалбер мамнун,
Сейумро ҳеҷ надҳӣ бод боде...

Сейум ғалбери кас рӯзи ҳаёт аст,
Сейум ғалбери кас пайванди айём.
Надонӣ қадри он, рӯзи мамот аст,
Биёбад зиндагӣ берабт анҷом.

Аҷаб некӯст ғалбери азалдод,
Дар он ҳар неку бад гашта таҷассум.
Бикун то метавонӣ манзил обод,
Зи бахту дӯстӣ ҳар ҷо тараннум.

Ба қисматномаи худ ман бигӯям:
Бидеҳ афзун маро, ғалбер, ёрон.
Ба ҷуз ёри накӯ чизе начӯям,
Ба ҷонаш медиҳам ҷонам ба қурбон.

Вафо бар аҳд нанмоям агар ман,
Хилофи ваъдаҳоям по бимонам.
Маро ғалбери қисмат зӯр, ҳатман
Раҳо созад, тани танҳо бимонам.

## ҶАНГУ ОШТӢ

Ба сӯйи ҳам зада сангу зада санг,
Шуданд охир ба ҳам муштy гиребон.
Заданду кӯфтанд он якдигарро,
Заданду кӯфтандӣ аз дилу ҷон.

Ба сони душмани бадхашм гаштанд,
Ба сони душмани берӯю раҳмат.
Зи якдигар чу мурғон пар биканданд,
Ба ҳамдигар накарда раҳму шавқат...

Гузашт аз байн соле, соли дигар,
Фузун оби равон, оби равон рафт.
Ҳама он душманиҳо,ҷангу ҷанҷол,
Мисоли солҳои бенишон рафт.

Кунун онҳо ба ҳам ёру рафиқанд,
Ба ҳам бинанд обу нони ҳамро.
Агарчи ҳар яке дунёи комил
Бигардидаст дар паҳнои дунё.

*Атамурод АТАБОЕВ*

## ЛОИҚ

Агарчӣ ӯ бимонд ашъори афзун,
Фузун умраш нашуд чун достонҳо.
Бирафт айни камол, эй Тоҷикистон,
Накӯ фарзанди ту бо ормонҳо.

Чӣ сангину гарон бори ҷудоӣ,
Ки холияст алъон ҷои шоир.
Вале бар рафтанаш бовар надорам,
Ки ҳар дил гашта буд маъвои шоир.

«Набошад халқи бе шоир ба олам»,
Ту мегуфтӣ ба ҳар маҳфил ба мардум.
Бикардам хубтар дарки каломат,
Аз он рӯзе, ки ман кардам туро гум.

Гарон буд аз бароят дарди миллат,
Қалам бишкасту умрат кард кӯтоҳ.
Раҳи шоир раҳи душвор бошад,
Набитвонад сипардан ҳар кӣ ин роҳ.

Муаммои ҳаёт охир надорад,
Набошад ҳалли он ҳам саҳлу осон.
Валекин шоирон мушкилписанданд,
Наметарсанд аз ҳаллаш ба даврон.

Чу шоир ворисӣ арзанда будӣ
Барои Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ҳофиз.
Давоми Саъдию Хайём будӣ,
Фаромӯшат намесозем ҳаргиз.

Маро дидори охир монда дар ёд,
Ба шаҳрам меҳмон будӣ сари роҳ.
Ҳикоят карда аз ҳоли диёрат,
Кашидӣ бо алам аз синаат оҳ.

Ба ёд оварда давру рӯзи мозӣ,
Қадаҳ бар даст бигрифтию гуфтӣ:
«Бимонад осмони кишварат соф»,
Сухан гуфтию дурри меҳр гуфтӣ.

Агарчи соате будем бо ту,
Вале бигзашт он соат чу як дам.
Агарчи будӣ худ хомӯш, Лоиқ,
Бидидам ман туро дар панҷаи ғам.

«Кунун шоир надорад эътиборе,
Надорад эҳтиёҷе даҳр бар ӯ».
Бигуфтӣ бо алам ин ҳарфҳоро,
Набуд аммо гуноҳат як сари мӯ.

Ба олам ҳеҷ чизе бобақо нест,
Сухан дорад ба худ ҷою мақоме.
Намонад аз дигарҳо гар нишоне,
Бимонад аз суханвар шеъру номе.

Нигоҳу ҳарфҳояш ҷовидонӣ,
Муҳаббатҳои шоир бекарона.
Замин хурд аст аз баҳри суханвар,
Чу дорад гуфтугӯ ӯ бо замона.

Ба шеъраш карда авсофи Ватанро
Равад бар олами дигар ба ҳасрат.
Бикарда зиндагӣ бо хоксорӣ,
Ба халқи худ бимонад ному шӯҳрат.

Дар ин дунё, ки дӯзах диду оташ,
Дар он дунёст ҷои ӯ ба ҷаннат.
Аё Лоиқ, ту фирдавс офаридӣ
Ба ҳар ҳарфи тари шеъри равонат.

Суруди наҷми танҳо нашнавидӣ,
Ҷаҳонро тарк бинмудӣ ба оҳе.
Вале ҷовид мондӣ дар дили мо,
Надорад марг шоир ҳеҷ гоҳе.

## ДАР БОБИ ОН, КИ ШЕЪРҲОИ МАРО МЕХОНАНД

Шеърҳои маро зиёд мехонанд
Чун навиштанро тамом мекунам,
Ва сиёҳнависамро наметавонам дубора хонам
Ва тозанавис кунам,
Онҳоро бори нахуст ҳамсарам мехонад:
«Шояд ӯ дигар занро ситоиш мекунад,
Ошиқ шудаасту аз ман пинҳон медорад
Аз миёни сатрҳояш оё инро пайхас метавон кард?» –
Чунин фикрҳо доимо дар сари ӯ чарх мезананд.
Сипас шеърҳои маро,

Қабл аз он ки имзо гузорад,
Айнаки худро ба чашм пӯшида
Муҳаррир бо диққат мехонад:
«Хайр агар хуб эҷод шудааст,
Баногаҳ дар он балвое ниҳон бошад,
Байни сатрҳо андешаи дигар баён шуда бошад,
Ва агар онро нашр намоям,
Ҳатман ба ман чорае мебинанд!»

Баъди эшон ҳар сатри маро
Гаштаву баргашта мунаққидон мехонанд,
Аз сатрҳоям мазмуни дигар меҷӯянд
Ва мегӯянд:
«Ин ҷавони мо аз ҳад гузарондааст,
Алъон, ки шоири бузург нашудааст,
Бояст таъҷилӣ чорае андешид,
Пешпоӣ дод, аз пой афтонд,
Ҳоло, ки фатҳи қуллае накардааст,
Чун шоир дар ҷаҳон машҳур нагаштааст,
Аз он шоироне,
Ки мо ситоиш кардаем
Пеш нагузаштааст,
Ва ҷоизаҳое ки барои онҳо ҷудо гаштааст
Шӯҳрат ва унвонҳое, ки интизорашон аст,
Насиби ин ҷавоншоир нагардад».
Ҳамчунин шеърҳои маро
Хушомадгӯён мехонанд
То бо тамаллуқ чизе рӯёнанд,
Рақибон мехонанд,
То тавонанд
Маро ғарқ намоянд
Ва ё гӯронанд.
Садде гарданд,
Аз пои равон мононанд.

Дӯстон, ақрабоён, наздикону шиносон
Мехонанд, то лаззате баранд.
Шоирони ҷавон мехонанд,
То омӯзанд,
Худ ба камол расанд.

Агар шеърҳои маро танқид кунанд,
Онҳоро дубора онҳое мехонанд,
Ки пештар хонда буданд.
Ин бор мехонанд,
То донанд:
«Оё ҳақиқат аст, он чӣ мегӯяд,
Шояд шоир пургӯӣ мекунад
Худро такрор менамояд.
Ва ё мунаққиди разил боз дурӯғ мегӯяд?»

Шоирон:
Магар ин ношуд пеш аз ман гузашт,
Шеъри наваш аз шеъри пешинаш
Ё аз навиштаи ман беҳтар аст,
Ё шояд ӯ тамом шудааст?
Бо ин гумонҳо эшон
Ниҳон аз дигарон
Шеърҳои маро бо навиштаҳои худ
Муқоиса мекунанд,
Баъзан бо ақидаҳои ман мувофиқ намеоянд,
Онҳоро рад мекунанд,
Яке бо кунҷковӣ,
Дигаре бо ҳасад
Шеърҳоямро мехонанд.
Вале хонандаҳоям азизанду зиёданд:
Аз ҷумла ҷавони ошиқе,
Барои дили духтарро ёфтан,

Соқиён барои тӯйҳоро гузарондан,
Шубонон дар хаймаҳо,
Дар мактабу коргоҳҳо
Шеърҳои маро мехонанд,
Номаҳои гирифтаам гувоҳ бар онанд…
«Аҷиб, магар ман инро навиштаам? –
Мазмун, Худо ба ман чунин истеъдод додааст,
Бе ман шеър таназзул меёфт».
Бо чунин ақидаҳо
Гоҳе шоду гоҳе ғамгин
Ҳоло бехабар аз он, ки нашр мешавад ё не
Ба маҷмӯаи «Мунтахаби осор»
Ҷой карда,
Шеърҳои беҳтаринамро
Худ ба такрор
Бо диққат мехонам.

Мазмун,
Шеърҳои маро бисёр мехонанд.

## ОДАМОН БА ЧАНД ҚИСМАТ МЕШАВАНД?

Ба пиндорам, одамони ба дунё омада
Баробар ба ду қисмат мешаванд.
Қисмати якӯми одамон ба дунё
Аз он меоянд, то бигиранд
На танҳо ҳар чизеро, ки дар олам ҳаст
Бал меоянд, то тамоми ҷаҳонро бигиранд.
Гоҳе хаёл мекунам: Магар ман ҳам
Ба гурӯҳи чунин одамон дохилам?
«На, на, ман на чунинам,
Ба ин дунё омада бо худ чӣ гирифтам?»

Онҳое, ки барои гирифтан омаданд,
Аз рӯзи тавлид синаи модарро доштанд.
Баъдан ба воя расида аз падар
Охирин чизи ӯ –
Нафақапулиашро ситонданд –
То тини охирин.
Чун ба эшон бигӯӣ: «Бигир ҳар чӣ хоҳӣ»
Онон ҳамаро мегиранд.
Зеро барояшон на ҳисса,
                    бал ҳама даркор аст.
Пурра.

Онон на танҳо модари худ,
Пасон говон,
            бузон
                ва гӯсфандонро мечӯшанд,
Баъд аз паси дунёгирӣ мешаванд.
Вале қуввае барои таъқиби онҳо нест
Аз паи молу чиз,
                унвонҳо
                        шараф ва шӯҳрат медаванд.
Хорӣ мекашанд,
                озор мебинанд.
Бо хасисӣ барои худ ҷамъ мекунанд,
Мемиранд.

Қисми дигари одамон
Мурдаҳоро ба хокдон мебаранд ва мегӯронанд.
Ба пиндорам, одамон
Ба ду қисмат мешаванд.

## ДАР СИТОИШИ ЯК ЗАН
## ВА ТАЪРИХИ ЯК ШЕЪР

Аз он замоне
Ки шеъри ҷиддии ошиқона гуфтам,
Вақти зиёде гузашт.
Гӯё дар дилам оташи ишқ хомӯш шуд.
Солҳои охир бошад
Сиёсат фарогири мо гардид.

Имрӯз ман ба роҳ баромадам,
То сафари худро идома диҳам.

Вақте ту аз хона мебароӣ,
Беихтиёр ба нозанине дучор меоӣ.
Ин бор ҳам чунин шуд.
Ҷавондухтари зебое дучорам омад,
Ки сайр мекард.
Агар наздик шавӣ – туро мекушад,
В-агар наравӣ – худ мемирӣ.

Он гоҳ ман
Ҷавонии худро ба ёд овардам,
Аз он, ки ба духтар ношиносам
Фаромӯш кардам,
Ва ногаҳ фарёд задам
Боз бо ифтихор гуфтам ки ман шоирам.
Хуб, агар дарвоқеъ ту шоирӣ,
Пас барои ман бисаро
Чун Муллонафас,
Чун Камина
Ва ё Шабенде».
Фармуд ӯ
Ва ман барояш сароидам,

Ҷозибаи шеъри худро нишонаш додам.
Ва шеър ҳам қудрати худро намоиш дод…

Пасон дарк кардам,
Ки дар дили ман оташи ишқ хомӯш нагаштааст.
Дарк кардам,
Ки алъон боз ишқварзӣ мумкин аст.
Вале ту, хонандаи ман,
Напурс аз ман он шеърро.
Шеърреро, ки дили занро фатҳ намуд,
Шеърреро, ки зӯру мадори шоирашро рабурд.

То дар бораи он шеър Бибӣ[1] хабар наёбад,
То пасон дар хона шӯру мағал барпо нагардад.
Ман он шеърро ба ҳамон нозанин тақдим кардам.
Бо худ намондам.
Кунун беҳуда ифтихор дорам,
                                        ки он шеъри аъло буд.
Аммо чӣ кунам, ки
                                чорае надорам!
Вагарна,
                        назми туркман
Бо шеъри марғуби ошиқона
Ғанитар мегардид.
Аммо чӣ илоҷ,
Қисмати он шеър
Дигаргуна будааст.

---

[1] Номи ҳамсари шоир, ки шоира аст.

*Байрам ЖУТДИЕВ*

## ВАТАН

Хизмат ба Ватан нест фақат мадҳу ситойиш,
Бардошта то авҷи фалак дасти дуояш.
Ҳамчун думи товус баён кардану гуфтан:
– Бинед чӣ сонам ба раҳи сидқу вафояш.

Ҳаргиз ту найӣ, эй Ватанам, ҳамчу арӯсе,
К-ороста онро, бибароранд ба шавҳар.
Фарзанди туям ман, ҳама дам бо ту бимонам,
Қурбони Ватан бод маро ин тану ин сар.

Хизмат ба Ватан нест фақат мадҳу санояш,
Бо мадҳу сано зӯру тавоно нашавад он.
Парвардаи хоки Ватанам, шукр гузорам:
Модар, Ватанам дода маро ширу лаби нон.

Хизмат ба Ватан нест фақат мадҳу ситойиш,
Дар лаҳзаи душвор дифо кардан аз он аст.
Дар теппае беном ду дида ба раҳи хасм,
Дар ҳифзи Ватан додани сар, додани ҷон аст.

## ИБОДАТ ВА ТИРАНДОЗӢ

Рӯз ин ҷо бо азон сар мешавад,
Мерасад овози муллоҳо баланд.
Аз паси девори масҷид ногаҳон
Тирандозӣ садо бидҳад дучанд.

Як ҷавон андар баҳори биступанҷ
Ташнаи гул, гушнаи дидори зан,
Шуд ҳалок аз дасти тирандози пир,
Тирандозо, бимирӣ бекафан!

Монд бешавҳар зани зебойи ӯ,
Бо фиғону нолаву дарду алам.
Шуд ба чашмаш рӯзи равшан шоми тор,
Офтобаш шуд сияҳ аз дуди ғам.

Он, ки тир андохт бар сӯйи ҷавон,
Буд пире дилсиёҳу бадгуҳар.
Гарчи аз худ метарошид ӯ уқоб,
Ҳамчу мурғи курк мебардошт пар.

Буд сияҳкори паноҳ дар кунҷаке,
Менамуд аз олами равшан ҳазар,
Чунки медонист: ноҳақ кори ӯст,
Кай тавонад кард бар мардум назар.

Аз ду дида ашк мерезам кунун,
Рӯ ба марг оварда, мегӯям чунин:
Гар туро ин ҷони ман бошад зарур,
Гир онро лаҳзаи парвози ман,
На миёни буттаҳо, андар замин.

## ДӮКОНҲО

Қатор андар қатор, ин ҷост дӯкон,
Ба ҳар як кӯчае то домани кӯҳ.
Анору тарбузу хурмову анҷир
Ба савдо монда ҳар ҷо дар тарозу.

Зи дастибофт қолинҳои зебо,
Ту гӯйӣ дидайи кас нур гирад.
Дареғ асло надорад пайсаи худ
Касе, ки арзиши қолин пазирад.

Касе, ки кораш омад карда бошад,
Бурути хешро боло битобад.
Бигардад бо сари хам он касе, к-ӯ
Барори кори худ ҷӯяд, наёбад.

Бигардад баччаи ҷулғундипӯше
Ба даври растайи пурнозу неъмат.
Надорад панҷ афғонӣ, харад нон,
Зи чашмонаш аён осори ҳасрат.

Сияҳ дастони ӯ ҳамчун зуғол аст,
Ва ангушташ чу оташкови борик.
Фурӯшад дона-дона чӯби гӯгирд,
К-аз он равшан бигардад шоми торик.

Набошад он қадар болобаланд ӯ,
Биларзад қоматаш чун об аз бод.
Худамро чоқтар пиндорам аз вай,
Ба чашми худ намоям чун паризод.

Ва инак, арғувонӣ салла бар сар,
Зи пеш ояд яке марди тануманд.
Надонад ӯ азоби гушнагиро,
Занад бар баччаҳои гушна писханд.

Бигардонад садуякдона тасбеҳ,
Бувад дасташ қавӣ, боре наларзад.
Назар кард ӯ ба бачча бо танофур,
Ту гӯйӣ ханҷаре ӯро ба дил зад.

Вале он баччаи ҷулғундибартан
Маро ногаҳ гирифт аз остинам:
– Кулоҳи худ, амак, бар ман фурӯшед,
Ситора дорад, онро нағз бинам.

Фурӯшанд одамон ин ҷо ҳама чиз,
Чӣ гӯям ман ба ин ҷулғундидарбар?
Барои ӯ кулоҳи боситора
Бувад авлотар аз ангуштари зар.

Қатор андар қатор ин ҷост дӯкон,
Ба ҳар як кӯчае то домани кӯҳ
Набинад ӯ вале хурмову анҷир,
Ғаму шодии вай дар як тарозу

Калон шав, баччаҷон, нашъу нумӯ кун,
Ду поро бар замин бигзор маҳкам.
Дили поке даруни сина дорӣ,
Биёбӣ раҳ ба қалби туркман ҳам.

## САРБОЗИ ПИР

Рост мегӯйӣ, падар, он лаҳзаҳо душвор буд,
Лаҳзаҳое, ки ту кардӣ ҷанг рафтан ихтиёр.
Лек бар ман мешуданд он лаҳзаҳо душвортар,
Гар ту мемондӣ зи дарди халқу Меҳан дар канор.

Он замон бемор будӣ ту, чӣ ҷойи таънаат,
Бар ақибгоҳат фиристоданд ҳамчун коргар.
Лек ман дидам: ту ҳам рафтӣ ба каф бигрифта ҷон,
Буд ҳаётат мисли ҳар сарбоз дар чанги хатар.

Он замон бемор будӣ ту, чӣ ҷойи гуфтугӯ,
Дардмандӣ ҳам бувад тире, ки бар дилҳо расад.
Қисмататро сахт пайвастӣ ба тақдири Ватан,
То ки бар Рӯзи Зафар ҳар пиру ҳар барно расад.

«Ҷанг бозӣ нест!» – мегӯйӣ, ки ин ҳақ асту рост,
Борҳо мурдиву аз нав зинда гаштӣ, офарин!
Он замон ман бачча будам, паҳлавонат дидаам,
Пеш рафтӣ, аз раҳи мақсад нагаштӣ, офарин!

Дардманду пир гаштӣ, ҷанг маъюбат бикард,
Чун самандар гаштаӣ эҳё зи хокистар басе.
Дасти ту хушкиду шуд кӯтоҳ, з-ин маҳзун мабош,
Нестӣ аммо забонкӯтоҳ дар пеши касе.

Чун ту,эй сарбози содиқ, монда кам дар мамлакат,
Лек монад дар забонҳо номи некат ҷовидон.
Захми ту аз тир бошад, захми ман аз гушнагист,
Захми мо ёбад шифо, бошад Ватан гар дар амон.

## ТИРЕ, КИ ДАР ПУШТИ САРИ МУСТАЙ КАРИМ ҚАРОР ДОРАД

Солҳо бигзашта аз ҷанги ҷаҳон,
Монда кам ҳам содиқон, ҳам хоинон,
Монда аммо тир дар пушти сараш,
Кай диҳад бар ҷони шоир он амон.

Бигзарад сад сол, шоир шоир аст,
Мезанад чун баҳр мавҷ илҳоми ӯ.
Қалбҳои хуфтаро орад ба ҷӯш
Сатрҳои шеъри ӯ, пайғоми ӯ.

Он чи мегӯям аз ӯ, афсона нест,
То бигӯяндаш барои баччаҳо.
Шеъраш аз пӯлоду аз оҳан бувад,
Размаи ӯ гӯйи надорад интиҳо.

Тири ҷонсӯзест дар пушти сараш,
К-он ба қасди ҷони ӯ бошад мудом.
Ҷони шоирро ҳадаф бинмуда он,
Размаи худро медиҳад бо ӯ давом.

Лек Мустай бо сафедиҳои сар,
Менависад шеъру мегӯяд масал.
Зиндаасту умри ӯ дорад давом,
Дар миёни ҷанг в-он тири аҷал.

*Ӯғилҷамол* ***ЧОРИЕВА***

## САРИ САҲРОИ ГУЛПӮШ

Сарам чархи фалак зад,
Ё майи шодӣ
Вуҷудам дар ҳарими нарми лаззат рехт...
Ва ё саҳрои сабзи нозпечида
Ба сар гулчанбаре рангин,
Ба дӯшаш рӯймоли боли шаҳпарҳо,
Ба бар пироҳани домандарози сӯзанак,
Бар гарданаш зангӯлаҳакҳои паранда
Меравад даврон?...

Мисоли докаи оҳорӣ, абре мезанад пар-пар,
Ба гардун рӯй меорам
Ва механдам,
Садои хандаи ман дар гулӯи бод мепечад –
Ва борон
Реза-реза бар сари ман шод мерезад,
Магар ҳангоми рақси ноз андар ноз
Яхак ҳам канда аз гардани духтар!

Ту бӯйи ҳандалак бишнав,
Димоғи офтоби рӯзи тобистон
Ҳамоно атри ширин мезанад бар синаи саҳро.
Ба тезии нигоҳе лаҳзаӣ
Оҳиста карче зан

Баробар мешавад ду ҳисса бе як пораи афзун,
Ва ман ҳам бо ризоии ғуруравшон
Туро гӯям, ки қисмат кун
Чунонам зиндагониву саодатро.
Ту, эй нози дилам, бингар:
Ки чун саҳрои ноз аз силаи хуршед меболад.
Ба тобистон бубин нармин боронро,
Ки рӯи баргҳо шишта
Намози сабзи рӯиш мегузорад хандаҳо дар нур
Ва бо лабҳои боди даргузар
Ҳуштоки нарме мезанадто зиндаги шод...

Чу гирдоби ҳавас худоро
Ба дарёи назокат афканам бе ёд,
Ба дил як зарра тарсам нест
К-ин сабзина дарё мекунад ғарқам.
Биё бо ҳам шино гирем
Ба ин дарё в – аз ин соҳил
Ба соҳилҳои нопайдо...
Бупар, эй ҷони ман, аз хеш бепарво!

* * *

Шоҳи муроди ман –
Домоди роди ман
Ҳангомарези синаи аз ишқ шоди ман –
Дидӣ марову чашми ту
Гул кард аз ғурур
Рахшид чун булур...
Мурғи дилам кушода бол
Парвози авҷ хона,
Рӯйи замини дигари ин осмони дур
Бурду моро нишонд,

Рӯе нишони офтоб
Чашми ситораноз
Аммо ба бозувон
Нерӯи сеҳрбоз.
Дарёи шод,
Шоди резаханд,
Мулки шодхез
Тирукамони шод
Аз рангрези субҳ гуле канду ноз кард,
Сӯят дароз кард: –
– Бигир!
Садбарги шодие, ки зи алмос рахш бурд,
Бар дида бахш кард...
Мо дар ҳарими ҳалқаи як шодии бузург
Рӯи ба рӯ,
Не бар ба бар
Дар синагоҳи як ҳавас
Монанд бо ҳамем
Чу ҳамзод тавъамон!
Афтода дар сарочаи иқдоли тезтак...
Як нури зоди шод
Аз синагоҳи дили мо гом мезанад
В – оҳанги ҷовидонае рӯ сӯйи ҷовидон
По мениҳад кушод...

*Давлат ГИРКАН*

## ДАР ХОБҲО БА НАЗДИ ТУ МЕОЯМ...

Вақт афкандам ба селоби ҳаёт,
Ту куҷо бурдам хурӯҷи бенишот?
Навбаҳори бистуҳафти умр рафт,
Ман накрдам умри худро эҳтиёт.

Чун маоши кам ба ҳар ҷо беасар,
Сарф кардам умри худро бесамар.
Навҷавонӣ – равзаи армони ман,
Монда дар як гӯшае бебору бар.

Субҳи абролуди дигар бо ҳавас,
Солҳои ман намегарданд пас.
Бешае ку, ёр гирад дар канор,
«Дӯст медорам!» бигӯяд бо ҳавас.

Ки нигоре бингарад бо чашми чор,
То кунам дилро ба роҳаш интизор.
Сояи пероҳанашро рӯи қум,
Ёд орам бо нигоҳи ашкбор.

Ҳамчу ганҷи бебаҳо аз даст рафт,
Дар паси сар монд умри бистуҳафт-
Монд дар пушти сарам як тифли шӯх,
Рӯ ба рӯям мардаки пири бадафт.

* * *

Не,
Гум намешавам зи ду чашми сиёҳи ту,
Аз шӯълаҳои зулфи ту, аз ҳар нигоҳи ту.
Ҳарчанд умри ман ба дарозӣ чу ишқ нест,
Эҳё зи атри гул бишавам ман ба роҳи ту.

Ранҷида дур аз раҳи қисмат намеравам,
Бегонавор дур зи кӯят намешавм.
Айём ҳарчӣ кӯр кунад чашми роҳро,
Аммо зи қалби ту набарад дарду оҳро.

Он гоҳ зи нав ба қайди хаёлоти неки ту,
Дар ҳар табассуми ту зи нав зинда мешавам.
Ҳиҷрон, бимон, ки рӯ ба фирор оварад зи мо,
Бар гӯши ту садо бикунам аз гузаштаҳо.

Ман ҳарфи ту, садои ту, хомӯшии туям,
Дар хоб медароямат, ай ишқи бенишот.
Ман аз дирӯз мерасам, акнун бидеҳ барот,
То оварам ба васл зи танҳоият наҷот

## ХОНА

Хонаҳову кулбаҳо бошад азиз,
Сарпаноҳи мо тамоми рӯзҳо.
Қисмату тақдири моросоябон,
Бохабар аз дар ду созу сӯзҳо.

На ҳамеша бар манори хонақоҳ,
Лаҳзаи сахтӣ иботат мекунем.
Рӯ ба сӯи хонаҳо чун қиблагоҳ,
Мо ботот бо иборат мекунем.

Гоҳ амсоли падар бошад азиз,
Гаҳ муҳбандӣ ба мисли ёри ман.
Чунки пайванд аст ҳар як хонадон,
Бо ғаму бо дарду бо меҳри Ватан.

Боз созӣ пардаи тирезаро,
Боз гардад парда аз рӯи ҷаҳон.
Ин ҷаҳон аз хона тобад ошно,
Ин ҷаҳон аз хона тобад меҳрубон.

Шод ҳастам чунки дар рӯи замин,
Як даре дорам, ки бозаш мекунам.
Хобҳоро, баъди шаб, ҳар субҳидам
Ҳадяи зебои розаш мекунам.

Мисли дасту панҷаҳои меҳрбор,
Гар медоранд моро дар канор.
Аз паси мо чун нигоҳи пуршарор,
Ҳаст ҳар тиреза моро интизор.

Мешавад рӯзе, зи буҳрони ҳаёт
Мегурезӣ, хонаро партофта.
Хонадан асло напортояд туро,
Мекашад дилро, зи ҳар ҷо ёфта...

...Ҳар касеро хона тангӣ мекунад,
Мезанад ӯ сар ба ҳар мулку диёр.
Ҷо наёбӣ гар ту дар рӯи ҷаҳон,
Дар муҳити хона меёби қарор.

* * *

Аё дарёи шӯхи зиндагонӣ
Ба шохобе чи тундам дар фикандӣ.
Ки бистуҳафт соли навбаҳорам
Чу музде ногаҳ аз муштам бикандӣ.

Ҷавониям – тиҳибоғе чи診 мармуз
Чу паргорам давон бар давраи хеш.
Аё паррандагони рафтаи умр,
Садоям мекунед оё чу ҳамкеш.

Ниҳоле ку, салои «Ишқ» дода
Ба гӯши духтаре тангам кашида?
Ҳанӯз он сояи пироҳани сурх
Ба рег аз чашми ман рангам кашида.

Бимонда бисту ҳафтам дар сари роҳ
Чу ганҷе бозмонда дури ганҷур,
Ба пушташ кӯдакӣ нозад ба шӯхӣ,
Зи сӯйи пеш рӯйи пири ранҷур.

* * *

Дар чашму ба мӯйи шаббадӯшат
Омехтаам чу ранги қирмиз
Ҳаргиз зи манат ҷудоие нест!
Бо ишқ чу ҳамқадӣ накард умр
Эҳё бишавам ба бӯйи гул низ.

Аз қисмати ту куҷо кунам қаҳр,
Чун ғайр куҷо кунам дарат тард.
Бигзор, ки нақши раҳ барад вақт,
Ғам аз ту куҷо баоад яган фард?

Дар ҷомаи орзуи бахтат
Шинад шабаҳам туро муқобил.
Аз дур садо диҳам, ки бигзор
Овора давад ҷудоӣ аз дил.

Ҷашни туаму сукуту ҳарфат
Шабҳо дари хоби ту кушоям.
Ман аз дили мезанам рӯ
Танҳойии ту магар рубоям.

*Оразгулӣ АННАЕВ*

## ЗАМИН

Замин аст маъвои уммеди мо,
Умеде ки бо он ҳама зиндаанд.
Баҳорон чу дӯшизаи дилрабо
Замин боз зебо намояд дучанд.

Кунад хешро боз омода он
Ба гармию бар равшании ҷаҳон.
Гузорад мунаққаш изи рангҳо
Ба пироҳани оҳарии замон.

Шуда ҷорӣ дарёи некуиҳо
Ба дилҳо физояд суруру мадор.
Суруди дилангези паррандаҳо
Зи ҳар гӯша ояд ба гӯши баҳор.

Табиат чу моми бамеҳру вафо,
Дар оғӯши гарму баруманди худ
Кунад ҳар ниҳолу гули хешро
Навозиш ба монанди фарзанди худ.

Ба кулли наботу ҷимоди ҷаҳон
Баробар диҳад рӯшноию ҷон.
Кунам бовару саҷда орам ба он,
Чу бар модари мушфиқу меҳрубон.

## ШАМЪ МЕСӮЗАД...

Шамъ месӯзад ба кунҷи хокдон,
Рӯи онро дуд месозад паноҳ.
Сарф умрашро кунад бар одамон,
Ҳайратовар бошад ин имрӯзҳо.

Ин муаммо баҳри ҳар соҳибдил аст,
Пас чӣ асрорест пинҳон андар он?
Чор сӯ равшан, вале тор аст паст,
Ҳикмате бояд дар он бошад ниҳон.

Сард тобад шамъро қисми бадан,
Лек нури он кашад бар фарқи худ.
Диққати парвонаҳоро дафъатан,
Одамиро ҳам намояд ғарқи худ.

Сӯхта он аз дили шаб то ба рӯз,
Суст гардида, ҳамеистод рост.
Бар ҳаёти рафтааш хӯрда фусус,
Ашки ғам мерехт бар шебу фароз.

Зиндагӣ бе равшанӣ набвад накӯ,
Хуш даме ки худфурӯзӣ мекунӣ.
Бо ҳама олам намуда гуфтугӯ,
Дӯстро аз хеш розӣ мекунӣ.

Равшанӣ зебосту роҳатфизо,
Баҳри шоир ифтихори олӣ аст,
Лаҳзае ки қабли халқи хешро
Бо шуои шеър меорад ба даст.

## ФОРИҒБОЛӢ

Шудам мансабдор – «Ура !» – бигуфтанд,
Аз мансаб рафтан, – лаб фурӯ бастанд,
Ман мондам танҳо дар хона, онҳо
Ба фатҳи қулла қадам ниҳоданд,
Ҳамон қуллае ки на танҳо ман,
Касони бисёр аз он афтоданд.

Ин тараф ҷарӣ, он тараф ҷарӣ,
Пайроҳа тангу беэътимод аст,
Боке надорам, ман дар сабурӣ
Санаду ҳуҷҷат дорам андар даст.
Дар домани қуллаи кӯҳсор
Мешавам онҳоро ман интизор.

## НИСЁН

Бишуд бар дарди нисён ӯ гирифтор,
Парешонгӯ шуду хотирфаромӯш.
Вале бо орзую шавқи бисёр
Дилаш дар сина доим мезанад ҷӯш.

Тмаъ бошад ҳамеша орзуяш,
Нагардад бе тамаъ ӯ берун аз дар,
Зи ёдаш рафта ҳатто зодрӯзаш,
Баровaрда зи хотир номи модар.

Барояш чаҳ – чаҳи мурғони хушхон,
Нахустин бӯса маъное надорад.
Зи шодию ғами ёру рафиқон,
Дилаш тор асту парвое надорад.

Надонад ному регу хомахоро,
Ба чашмаш сабзаю гул ҳаст яксон.
На ғам дорад ва не парвои дунё,
Чаро ки монда андар қайди нисён.

Хулоса, ҷуссаи холӣ бувад он,
Расид ин ҷой шеъри мо ба поён.

## БОРИ АВВАЛ

Чун ба дунё омадам, бигристам,
Бори аввал.
Гом бинҳодам, фитодам бар замин
Бори аввал.
Ҳарфи «Модар» – ро бибурдам бар забон
Бори аввал.
«Дӯст медорам туро !» – гуфтам ба ёр,
Бори аввал.
Хешро дидам дар андоми писар
Бори аввал.
Пахш кардам хашмро, чун дарди сар,
Бори аввал.
Бо тани худ роҳро бастам, мабод,
Бори аввал.
Ки диҳад балвогаре коҳам ба бод,
Бори аввал.
Дил набастам бар биҳишти дигарон
Бори аввал.
Дарк кардам дарди мулкамро ба ҷон
Бори аввал.
Медиҳанд ин умрро бар ман яқин,
Бори аввал.
Ҳамчу марге ки ситода дар замин
Бори аввал.

## БИЁБОН

Бо мурури вақт пайкони араб,
Ки нишан бигрифта буд мисли уқоб,
Дар биёбон туркмани бебокро,
Шуд миёни регҳо хоку туроб...

Захми қабли регҳо сӯзондааст,
Сарҳади қубониёнаш беҳудуд.
Он яке аз баҳри сарват ҷон бидод,
Дигаре баҳри дифоюю нанги худ.

Лек он чӣ хуфтааст ин ҷо ба хок
Гоҳ – гоҳе медиҳад акси садо.
Дар танини гиряҳои талхи бод,
Дар суруду қиссаҳои пирҳо.

– Ки дар ин ҷо хуфтааст? Овоз деҳ!
Мезанам фарёд ман бар гӯши дашт,
– О-о-о! – Аз зери гил ояд садо,
Дашт ҳам чун зиндагӣ поядааст.

## ЧОҲ

Дар биёбон лаҳзаи сайду шикор
Ман шудам ногоҳ бар чоҳе дучор,
Бетагу бероҳа гарчи чоҳ буд,
Нӯшдору баҳри ҳар сайёҳ буд,
Гарчи он рамзи ҳаёту зиндагист,
Мақсади мо лек танҳо чоҳ нест,
Ман намегӯям зи гармии тамуз,
Ҳам зи хуршеди наботу регсӯз.

«Дар биёбон бахри ҳар як беқарор
Саҳл бошад, ки расад бар пош хор.
Ҳар кӣ дар умри азизаш чоҳ канд,
Бошад андар ҳар ду олам сарбаланд».
Гуфта буд ин ҳарфро бар ман падар,
Чоҳсози чирадасту номвар,
Гарчи ӯ пири назарногир буд,
Лек дар ҳар кор ботадбир буд,
Ман кунун кӯдак наям, гаштам калон,
Дар тамоми деҳаю атрофи он
«Пури пири чоҳсоз – Аннамурод» –
Ном бигрифта маро, созанд ёд.

* * *

Вақте ки фаро расид бегоҳ,
Чароғон бишуд даруни хона.
Биншаста ба тирезаи айвон
Тақ – тақ бинамуд онро парвона.

Он ташнаи озодию нур аст,
Кам медиҳад даст ин гуна имкон,
Аз баҳри як лаҳзаи гуворо
Тайёр бошад, ки шавад қурбон.

Нанамудам ман тирезаро боз,
Вақте дар сари пурсавдои ман
Фикру андеша карданд тангӣ,
Ба монанди соч берун омаданд
Ба сӯи хуршед, сӯи ялангӣ.

Ман сар надодам ин сочҳоро,
Аз парвозашон кардам эҳтиёт,
Он гуна, ки баччаҳояшро соч
Нигаҳ медорад ба зери қанот.

## ПИРМАРД

Раҳму шафқат нест дар чашмони мор,
Лаҳзае ки пирмарди хушсигол
Кубророро менамояд хору мол,
Қалби ман аз тарс мегардад фигор.

Сайди худро вай даруни кӯлбор
Ҷой бо қалби ҳаросон мекунад.
Пас зи қуттияш бароварда сигор,
Дуд бо дастони ларзон мекунад.

Чеҳрааш ғарқи арақ аз ҳиссиёт,
Синаашро боз карда сӯи бод,
Менишинад бар замин бо пушти хам.
Ман дар умқи чашмҳои мешиаш.
Лаҳзае мебинам асрори ниҳон
Чун муаммо медурахшад пешааш
Пешае ки ҳаст бар мо ноаён.

Нақши пояш мебарад бар хорзор,
Ҳеҷ кас воқиф аз ин асрор нест.
Оқилу айёр бошад мисли мор,
Беназар ин пири некӯкор нест.

Чашмҳои тезу дастони матин,
Регзорону ҳавои гарму сард...
Заҳр афзун мешавад дар сотгин –
Зиндагӣ бо марг бошад ҳамнабард.

## ВАРАҚ

Дар рӯи мизи ман варақе хобидаст,
Бошад варақи тозаю оддии сафед.
Холист чу хонаи нави бесоҳиб,
Покиза ба мисли кӯдаки навтавлид.

Тарсам зи сияҳ кардани рӯи коғаз,
Монандаи қарзҳои чандинсола,
Аз фикри навишти номаи беимзо
Дар гирди лабонам бидамад табхола.

Бар шикванависӣ низ беҳавсалаам,
Аз ҳеҷ касе намекунам чиз ҳавас.
Пур рӯи варақро бинамоям доим
Бо он чӣ ки мегирам аз он рӯҳу нафас.

Бигзор, ки дар сутури ноҳамворам
Нокофӣ бувад тасаввуроту афкор.
Бигзор, ки дар назар намояд аксам
Хира ба канори мавҷҳои анҳор.

Бигзор, ки парвози каломам паст аст,
Эҳсос намешавад дар он фикри навин.
Санъат набувад чакидаҳои килкам,
Танҳо бувад он садои қалби мискин.

Аз дер марому мақсади ман ин аст,
Гӯям гапи ҳақро ҳама вақту ҳама ҷо.
Лекин ба ҳар эҳтиёт бигзорам боз
Озодаю тоза абраи коғазро.

## АНДАШАЯК

**I**

Баччагӣ буд ҳамчу дуроҳа,
Роҳҳои ҳаёт буд дар пеш.
Медавидем кӯча бар кӯча
Карда аз чӯб аспҳо бар хеш.

Баччагӣ буду соддагиҳо буд,
Дар назарҳо ҳаменамуд он гоҳ:
Нурбахши дигар намедидем,
Мо зи фонусҳои равшани роҳ.

Бо хаёле, ки баччагӣ ёбам,
Мешавам ман ба кӯчаҳо пӯё.
Пуштаи ангурии деҳро
Бо ин уммед мешавам ҷӯё.

Дӯстону бародарон ҳарчанд
Гаштаем ин замон ба сол калон,
Андашаяк – азиз деҳ доим
Бар канори туем мо пазмон.

Боди нармат навозишам созад,
Чун ба хоки ту мениҳам ман по.
Меҳри ту ҷой гашт дар сина,
Ҳамраҳи шири поки модарҳо.

### II

Чинҳои ҷабини пиронат,
Андашаяк, китоби ҳоли ту аст.
Шуда тасвир ҳар ғаму шодӣ,
Номаи рӯзу моҳу соли ту аст.

Пирҳои туянд ботадбир,
Рӯзу шабҳо нигоҳбони туянд.
Меҳрубон пирҳои равшандил,
Ахтароне дар осмони туянд.

Ҳар яке оқиланду фарзона,
Сар шавад бо дуояшон ҳар кор.
Ҳамчу фасли тамузи бе гармӣ,
Деҳа бе пирҳо бигардад хор.

Пирҳо ибратанд ҳам бар ман,
Мекунам меҳмони деҳ ҳурмат.
Бахри ҳар наварӯсу навдомод
Ҳамчу фарзанд мекунам хизмат.

Гар набошам ба хизмати деҳам,
Хеш фарзанди он намехонам.
Хизмати деҳ шараф бувад ба писар,
Қарзи фарзандиам варо донам.

## КУРТАИ САФЕДИ МАН

Гарчи будам ҷавони нодоре,
Худсару боғурур будам ман.
Сарфа з-идрори хеш бинмуда
Куртаи нав харидаму онро
Пас бикардам ба сад ҳавас бар тан.

Гарчи имрӯз курта бисёр аст,
Кам бувад ҳам ҳақиру нодоре,
Лек он куртаи сафед ба ман
Он қадар буд азизу боқадре,
Накашидам зи тан ба бедорӣ.

Давр буд даври донишандӯзӣ,
Буд ҳам даври ошиқии мо.
Бар мулоқоти аввалин кардам
Куртаи нави хешро бар тан
Раҳ гирифтам ба ваъдагаҳ танҳо.

То мулоқоти дигар шустам
Куртаамрову хушк бинмудам,
То надонад азизи дилхоҳам
Ки ба як курта меравам наздаш,
Дур кардам зи чашм нобудам.

Не, надонист меҳрубон он рӯз
Ки манам як ҳақир, як нодор.
Карда з-ӯ бебисотиам пинҳон
Куртаро ранги сурх додам ман,
Пас бирафтам дубора бар дидор.

Куртаи хеш дафъаи дигар
Ранг кардам кабуди нилобӣ.
Боз рафтам ба дидани дилбар
Бо ғуруру ҳавобаландие,
Лек то кай илоҷ меёбӣ?

Гарчи кардам сиёҳ куртаи худ,
Гарчи аз нав чу куртаи нав шуд,
Бори охир вале хато кардам,
Ранги курта бигашта дигартар,
Он сиёҳу сафед чун гав шуд.

Солҳои зиёд бигзаштанд,
Гарчи нодориам бишуд паси сар,
Лек он куртаи сафедамро
Ҷустуҷӯ мекунам, намеёбам,
Ҳамчу ишқи нахусти худ дигар.

## ХОНАИ БЕСОҲИБ

Омадам боз ба он ҷой, ки буд манзили мо,
Ба ҳамон ҷой, ки ман чашм кушодам ба ҷаҳон.
То кунун хоначаи хурдакаку девораш
Бо ҳамон сурати худ пеши назар ҳаст аён.

Хандаи беғашу ҳам гиряи тифлонаи мо
Нақш бастаст ба девори куҳан то ин дам.
Духти ҳамсоя, ки Ҷейран буду бекокул буд,
Бо ҳамон чеҳраи пурханда бувад дар ёдам.

То маро духтараки шӯх биёрад ба ғазаб
Гули садбарги таги панҷараамро меканд.
Медавиду зи назар хандакунон мешуд дур
Оташи қаҳру ғазаб шӯъла ба дил меафканд.

Дар бари хонаи мо як чаҳи пуробе буд,
Мегирифтанд аз он духтаракон об мудом.
Ба аёдат зи раҳи дур яке омадае
Рафта назди падар аз меҳр ҳамедод салом.

Кунун аз хонаи мо нест нишону номе,
Хабар аз духтари ҳамсоя дигар кай дорем?
Ҳолиё ҷои деҳи мо, ки замини кишт аст,
Интизораст ба дону чӣ бо он мекорем?

## ҶОИ ҲАЙРАТ НЕСТ

Набошад ҷои ҳайрат, дар баҳорон гул кунад нахле,
Ки фасли тирамаҳ боди хазон месозадаш урён.
Набошад ҷои ҳайрат, турнаҳо парвоз бинмоянд
Ба фасли тирамаҳ, гардида ҳамчун баччагон гирён.

Набошад ҷои ҳайрат, дарди ишқи ту диҳад озор,
Барад сабру қарорам интизории зиёди ту.
Набошад ҷои ҳайрат, зиндагӣ гар имтиҳон созад,
Ки дар он ҳар қадам бо мушкилӣ бинҳам ба ёди ту.

Набошад ҷои ҳайрат, кӯдаке гар хушхабар орад,
Бихоҳад дар бадал шириние бар худ зи хони ман.
Ва мо ҳамроҳи ӯ нӯшем чою ту кунӣ васфам
Агарчӣ дӯш танқидам бикардӣ, меҳрубони ман.

Набошад ҷои ҳайрат, гар зимистон сард меояд,
В – агар ман мешавам ғамгин, ту он гаҳ мекашӣ оҳе.
Зимистон то баҳори нав диҳад гар ранҷу озоре,
Баҳорон баччагон гарданд бар сӯи чаман роҳӣ.

Набошад ҷои ҳайрат, рӯзи равшан гар дучор ой
Ту дар раҳ ногаҳон бо мардуми тобутбардӯше.
Бубинӣ хештанро ғарқ дар дарёи андеша,
Ту дар ин лаҳзаҳои сокити андӯҳу хомӯше.

Набошад ҷои ҳайрат, дӯсте гар мешавад душман,
Вале баъди мадоро боз бо ҳам дӯст мегарданд.
Чӣ бисёранд ононе, ки тухми кина мекоранд
Ва бар захмат намак пошида мегарданд
аз ин хурсанд.

Набошад ҷои ҳайрат, бо гузашти солҳо гоҳе
Зи нав бар ёд меорем ишқи нобарори худ.
Ғамин гардем аз он номаҳои беҷавоби хеш
Ки ҳар як на ба ҳарфу бо сухан, бо меҳр иншо шуд.

Чӣ битвонад кунад анъом ин дунё барои ман?
Ки худ буда куҳан, навӣ надорад рӯзгори ман.
Валекин ман ба қасди он ҳама хоҳам, ки бинам умр,
Ба ту ошиқ шавам ҳар рӯзи нав аз нав, нигори ман.

*Бяшим ОДЕК*

## ШУТУРМУРҒАК

Пару болаш мисоли бодбон аст,
Агар бо ҳам занад, дар осмонҳост.
Шутурмурғак валекин хаста гардид,
Биомад бар замину дар чапу рост-

Бидид обу гиёҳу хӯшаву дон,
Фарохои дилангезу бароҳат.
Бирафт аз болҳояш азми парвоз,
Биёбон аз барояш гашт ҷаннат.

Чӣ лаззат! Гушнагию ташнагӣ нест!
Азоби парфишонӣ дигараш нест.
Ба ногаҳ дид: кӯтаҳ гашта болаш,
Сари парвоз дар болу параш нест.

Вале рӯзе ҳавасҳо зинда гардид,
Фазои бекаронаш ёд омад,
Тамошои талу кӯҳсору дарё
Зи авҷи осмонаш ёд омад.

Дилаш аз нав самои нилгун хост,
Парафшонӣ намуд, аммо чӣ бесуд!
Зи рӯи хок ҷисмашро натонист,
Ки болотар барад бо шаҳпари худ.

Набитвонад кунун созад муросо
Шутурмурғак ба ин тақдири носоз.
Давад рӯзу шабон рӯи биёбон,
Ки мирад ҳам, даме ояд ба парвоз.

## ДУ ВАСИЯТ

Искандари Мақдунӣ даме ки мемурд,
Мегуфт миёни табу тобаш ба алам:
«Аз гӯр бурун ниҳед дастони маро,
Бо хеш хасе намебарам з – ин олам!»

Дирӯз яке хасис дар оташи марг
Месӯхту мегуфт ба сад дарду алам:
«Дастони маро зи тан ҷудо бинмоед,
Бо хеш чу хас намебарам з – ин олам!»

* * *

Ду дида бар фалак, дар лаб дуо буд,
Садошон мерасид аз қаъри дунё.
Биомад ӯ, ки созад ҷӯрашон, лек
Касе аз ҳозирин нашнохт ӯро.

Парешон дид чун фарзанди одам,
Забон бикшод фаҳмою дилангез.
Вале мардум, ду дида бар фалакҳо,
Набишниданд фармуди Худоро.

Ҳаросид ӯ аз ин фарти ҷаҳолат,
Дилашро назри пои марду зан сохт
Вале дилро ҳама помол карданд,
Касе овои дилро гӯш н-андохт.

Ҳама дида ба сӯи осмонҳо,
Умеди мӯъҷиза доранду тавҳид.
Хамӯш, эй ровиёни фазли Яздон!
Шумо биною лекин кӯр ҳастед!

## АНДАРЗ

Шогирд агар ҳамсифати бод бувад,
Беҳуда ҳама талоши устод бувад.
Устод агар фозилу оқил набувад,
Умри сари ту, бидон, ки барбод бувад.

## ҚАТРА

Қатра рахшон буд дар гулбарги тар,
Лек меҳри осмонаш мекашид.
Рафт сӯи абрҳои симранг,
Оқибат бар орзуи худ расид.

Дар фазои нилгун маҳлул шуд,
Роҳи ӯ пурнур буду бехатар.
Лек ногаҳ рехт ларзон рӯи хок,
Мушти гил шуд зери пои раҳгузар.

* * *

Осон ҷудо шудам ман
Аз дӯстони ҷонӣ,
Осонам омад аз зан
Иқболу комронӣ.
Осон бишуд фаромӯш
Андарзи ҳафт пуштам,
Осон ба дил шикастам
Савганди навҷавонӣ.

Осон гузашт карданд
Аз айбу аз гуноҳам,
Боре ба ман нагуфтанд
Аз бими осмонӣ.
Чизе азиз набвад
Акнун ба ҷони хаста,
Осонии ҳаётам
Осон маро шикаста...

* * *

Надорад ӯ ҳарос аз кори дунё:
Шавад мавҷи хурӯшонро ҳамоғӯш,
Равад бар ҷангали анбӯҳи бероҳ,
Бароя̆д бар ситеғи кӯҳи яхпӯш.

Ба чашмаш зиндагӣ қадре надорад,
Барои халқу меҳан ҷонфишон аст.
Бубахшад охирин як пора нонаш
Ба он марде, ки хору нотавон аст.

Дами сардӣ намеларзад чу барге,
Дами гармо ҳарифи сояҷӯ нест.
Бигӯяд рӯ ба рӯ айби касонро,
Ки ҳақҷӯй асту номарди дурӯ нест.

Надорад заррае бим аз замона,
Рафиқи қаҳрамони номии мо.
Вале, ҳайфо, ки ҷойи ӯ ҳамеша
Кунанд ин қаҳрамониро дигарҳо.

* * *

Шеъри ман хону вале рашк макун,
Ки манам бандаи бечораи ту.
Гунаҳам дону вале рашк макун,
Ки манам муҷрими ҳамвораи ту.

Рози худро ба ту хоҳам бикшод:
Ба ҷаҳон н-омадаам соддаву хом.
Ошиқонам зи Худо талбиданд,
Ки сароям сухани Ишқ мудом!

* * *

Ҷавонӣ буду ҳар корам раво буд,
Тавони ман ба бозуям расо буд.
Туро аз меваҳо зардолу хуш буд,
Ки мечидам варо чун бори мақсуд.

Вале ин ҳадяи ман камбаҳо буд,
Ки хоҳӣ гуфт як рӯзам ту: «Падруд!»
Ба худ гуфтам, ки бо сад сеҳру ҷоду
Нахоҳам дод аз дастам дили ту.

Бигуфтам ҳадяе орам бароят,
Ки бошад беназир андар нигоҳат.
Бичидам аз фалак садҳо ситора,
Ба роҳат пош додам чун шарора.

Бидидам: хуш наомад тӯҳфаи ман,
Туро дил сард шуд монанди оҳан.
Дареғо, ҳадяи ман кушт ногоҳ
Ҷавонию муҳаббатҳои моро.

* * *

Худоё, бахти олӣ шуд насибам,
Ба каф омад муроду ормонам.
Бубахшо, гар кунам густохие ман,
Бичархад пурсише нӯги забонам.

Чӣ кардам ман, ки ин сон пайкареро,
Ки кони ҳусну лутф асту малоҳат,
Маро тақдим кардӣ бо муҳаббат,
Бубахшидӣ маро бахту саодат?

Намедонам чӣ кардам ман бароят,
Ки бар подоши ту гаштам сазовор?
Ба даргоҳат, Худои меҳрубонам,
Ниёиш мекунам такрор–такрор.

*Бибӣ* ***ОРАЗДУРДИЕВА***

## НАҶВОИ ИШҚ

Танам дар мегирад аз оташи ишқ,
Аз ин рӯ лоласон пироҳони ман.
Дилам чун мавҷ аз илҳоми замона
Немегунҷад ба дарёи тани ман.

Фақат бовар кунам бар қалби ошиқ,
Чаро,ки қалби ошиқ поку сода.
Намояш эҳтиёт аз макри дунё,
Намонаш, гар кунандаш истифода.

Нагардад сард ҳаргиз қабли ошиқ,
Ки ҳастияш ба уммеди висол аст.
Агарчи мекушад ҳаҷраш, валекин
Ҷудо будан барои ман завол аст.

Бувад имон, касеро ишқ бошад,
На ҳар ошиқ бидонад қадри ошиқ.
Наметарсам ман аз оҳу азобаш,
Ки маргаш баҳри ошиқ ҳаст лоиқ.

Туро ошиқтаре аз ман бувад боз,
Аё, ай ишқ, дар ҳар гӯша хубон.
Вале ошиқтаре аз ман бубинӣ,
Маро ҳам дар дилу дар ёди худ мон.

## НИЁЗИ ИШҚ

Эй ёр,
Биёву дасти ман гир.
Дилтанг макун,
ки бемадорам.
Бе ту ҳарами ҷаҳон, ки бим аст,
Дар сина дилам ҳамеша ним аст.

Афсӯс, ки ман
шикастаболам,
Болам ту бидеҳ, ки
пар кушоям.
Парвоз кунам ба дашту ҳомун,
Охир ҷигарам чу лола дар хун:
Дармони дилам ҳавои кӯҳаст.

Хуршеди манӣ,
ки равшаниро
Донӣ, ки ҳамеша дӯст дорам.
Ман ошиқи нури зарфишонат,
Пайроҳае то кашам ба ҷонат,
Ту ҷонию ҷон бихоҳам аз ҷон.

Бо бори гарони ғусса бар дӯш
Дар чоҳи ғамат фитодам,
Ай дӯст.

Борам чу гарон,
маро аз ин чоҳ
Натвон чу кашид,
н-афканӣ, оҳ...
Бигзор, ки
ҳамчу косаи зар
Илҳом расад ба кӯи хуршед.
Бигзор, ки рӯҳи ҳафт пуштам
Бар ман бивазад зи дашти уммед.

Гӯё, ки ҳазор
                    чораву лек
Бечораву хаста ҳастам аз дард.
Доруву давот, Шервон, ку?
То марҳами дарду доғи дил кард.
Охир чӣ кунам, давои дардат
Ҳарчанд бихоҳамаш, сароб аст.

Ту шоҳи ҷаҳони
                    Шервонам,
Дар мулки ту нест бар дилам ҷой.
Моҳии тилои баҳри уммед
Дар аҳди ту буду нест,
                                        эй вой.

* * *

Аз таънаи даҳдаҳан нигаҳ дор,
Шоҳо, зи ҳасуду кинаву дом.
Ту бахт бидеҳ, к-аз он биёбад
То рӯҳи гузаштагонам ором.

Тақдир ҳамеша ошиқонро
Эй ёр,
                    азоби ҷон бидодаст.
Нирӯи азобу кандани ҷон
Бар ман ту бидеҳ,
                    дилам кушод аст.

## АФСОНАИ АЙЁМ

Дили ман кони афсона,
Басо афсонаҳо донам.
Даруни кони афсона
Туро парвардам,
Эй ҷонам.

Кунун ту дӯст медорӣ
Писарҷони ман,
Афсона.
Бар ин шоир Набатқулӣ
Бигӯяд ҳар чи шодона.

Ба ту аз деву аждарҳо
Чи хуш афсона мегуфтам.
Ба он афсонаи ширин
Ба паҳлӯи ту мехуфтам.

Ба ҷанги дев Ақпамиқ
Далерона ҳамебиштофт,
Вале раҳми туро хӯрда,
Зи қатлаш дев рӯ метофт.

Ҳам аждар раҳми ту мехӯрд,
Сағирабачча ҳам хушбахт.
Ки шоҳон низ бе ҷанҷол
Ҳемедоданд осон тахт.

Ҳама орому осуда,
Агарчанде дар афсона.
Валекин кай гапи бозор
Биёмад рост бар хона?!

Валекин зиндагӣ, донӣ,
Чунон афсонае дигар.
Ниҳон девони одамшакл,
Ниҳон моранду ҳам аждар.

Миёни чор дарёяш
Ба ҳила тахтабандӣ ту.
Куҷо чун сел озодӣ,
Чаро чун мавҷ бандӣ ту?!

Ту бояд донӣ, аждар кист?
Мароми шоҳу сарвар чист?!
Ту донӣ зиндагӣ талх аст,
Ҳамеша шаҳду ширин нест!

Ту бояд роҳи худ бинӣ,
Ту бояд тахти худ донӣ.
Киро аз пеши худ ронӣ,
Чиро чун бахти худ хонӣ.

Ҳазору як шаби бисёр
Чи хуш афсонаҳо гуфтан,
Ба ёди гуфтаи шоир
Набатқулӣ, гуҳар суфтан.

## НАВҲА

*Дар сӯги Гулшатиқ*

Нодида рӯз аз ин ҷаҳон
Дунёи равшан ёфтӣ?
Нодида рӯз он ҷо магар
Худро ба чаҳ партофтӣ?!

Ё дар миёни оташӣ,
Камтар магар ту сӯхтӣ?!
Аз лолаи доғи дилат
Бар синаам афрӯхтӣ.

Бо ин дили дунимаам
Дар мотами ту мондаам.
Ин Гулшата, тифли туро
Бо номи ту ман хондаам.

Акнун ятимак Гулшата
Дар ҳар куҷо зору ҳазин.
Ниру куҷо, бардорадаш
Ин бори ғамро баъд аз ин.

Ҳарфат ба гӯшам мерасад,
Мебинамат бо чашми сар.
Лекин ман аз ёдат куҷо
Як лаҳза пӯшонам назар?!

Бобобузургат аз ғамат
Баъди ту аз олам гузашт,
Ё хост ӯ ҳамроҳи ту
Бошад ба сайри кӯҳу дашт.

Осон ба дунё н-омадӣ,
Осон бирафтӣ ногаҳон.
Дар интизорат ҳафт сол
Кандем бо уммед ҷон.

Чун гул туро аз шохи умр
Теғи фалокат қатъ кард.
Бо худ ту бурда рӯи сурх,
Бо мо ту мондӣ ранги зард.

Бахшо маро, бахшо маро,
Ай ҷони ман, ай ҷони ман.
Дидӣ хазон андар баҳор,
Ай доғи дил, армони ман.

Ай Эзади гулчин, чаро
Чун гул рабудияш варо?
Камтар гул аст андар биҳишт?
Озурдаи қалби маро.

... Акнун ба ёдат мекашам
Хоки сияҳро дар барам.
Ҳуру биҳиштат дӯзахе
Овард охир бар сарам.

## БА ПАДАРАМ МАМЕД ҚАДАМ

Аз туам омад муборак номае,
Андар он гӯӣ, зи пирӣ хастаӣ,
Лек аз пирит н-ояд боварам,
Нома чун бо шеър иншо кардаӣ.

Шеър хезад з – оташи қабли ҷавон,
Марг назди сатри мавзун оҷиз аст.
З-он ҳароратҳо, ки андар шеъри туст,
Гармиҳои реги ҳомун ночиз аст.

Оядам аз сатри шеърат бас сиво,
Рӯзгори номуносиб дар назар.
Мешавад пайваста аз ҳар сатри он
Тарҳи теғу путку досе ҷилвагар.

Мурғи илҳомат ба парвоз омадаст,
Нест боке з-он ки мӯят шуд сафед.
З-ин сафедиҳои мӯву сатри ту,
Мулки мо пирӯзиҳо дорад умед.

Давлате пирист, ҷои ор нест,
Мардро худ давр донишвар кунад.
Марди некӯхулқу некӯкорро,
Шуҳраи даврону баҳру бар кунад.

## АНДАРЗИ БОБО

Таажҷуб оядам аз зиндагонӣ,
Ба мӯе пилро побанд созад.
Ба осонӣ чу як устоди моҳир,
Дилеро бо диле пайванд созад.

Нахустин зина дар роҳи рафоқат.
Ҳаминасту қадам бебоктар неҳ.
Дилеро бар диле моил намудан
Набошад роҳу тадбире аз ин беҳ.

Бирав бар зинаи меҳру муҳаббат,
Бинеҳ якҷо қадам бо моҳрӯе.
Дили ӯ бар дилат гар унс гирад,
Аз он ёбӣ ту шаъну обрӯе.

Сари ҳар кӯталеву ҳар баландӣ,
Дақиқ, ар бингарӣ, дорад нишебе.
Ҳазар кун з-ин ҳама, эй ҷони бобо,
Мабодо афтӣ бар доми фиребе.

## РӮБАРӮ БО БАҲР

Баҳрро дидам хурӯшон,
Бо ҳама ҳусне ки дорад.
Аз насими субҳгоҳӣ,
Рӯи мавҷаш мушк борад.

Муъҷизоти осмонӣ,
Бар вуҷудам ҷо гирифтӣ.
Бар дилам ин дам ту гӯӣ,
Оламе маъво гирифтӣ.

Месурудӣ бо навозиш,
Мавҷ бар гӯшам суруде.

Соҳилу ҳам осмонро,
Мавҷ мегуфтӣ дуруде.

Баҳр дар ҷавлону мавҷаш
Дар такопӯ то само буд.
Рӯзу шаб бо ин навозиш,
Сатҳи соҳил ошно буд.

Ҳамчу одам лаҳзае ҳам
Баҳр оромӣ наҷӯяд.
Дар раҳи мақсуд мавҷаш,
Рӯзу шаб пайваста пӯяд.

## МАНЗАРАИ ШАБ

Чи сеҳру ҷазбу эъҷозе надорад,
Фазои осмони пурситора.
Ба рамзе гӯиё таъкид созад,
Марому толеи мо бо ишора.

Маҳ андар осмони беканора,
Ба гардан шадда аз истора дорад.
Ба рӯи оби бас шаффофу ором
Ҷамоли хешро наззора дорад.

Насими фораме ояд зи саҳро
Абиру мушкзою рӯҳпарвар.
Суруди олами ғайбасту орад
Фараҳ андар дилу андеша бар сар.

Шаб ар исторазору бе ғубор аст,
Шавам андар канораш масту мадҳуш.
Бигирад гар шавам озурдахотир,
Маро чун тифли маъсуме дар оғуш.

*С. ДЕРГАЙ*

## СУРУДИ ОБИ РАВОН

Сарояд ба созе,
Зада захми чӯпон,
Зи бигзашта даврат,
Аё Туркманистон.

Навои сурудаш,
Ба созаш чи ҷӯр аст!
Зи навзиндагонӣ,
Дилаш пурсурур аст.

Дар ин регзоре,
Ки меҳр аст оташ,
Набишнид туркман,
Чунин савти дилкаш.

Сурудаш равона,
Сӯи меҳру моҳ аст.
Чӣ бахтест – олам,
Варо хайрхоҳ аст.

Аз ин марз ҳоло,
Чу шаҳбоз озод,
Сурудаш ба ҳар сӯ,
Ҳаме бол бикшод.

Чӣ мӯъҷизакор аст,
Чӣ зӯре ба дастон,
Намуд наҳр ҷорӣ,
Сӯи реги сӯзон.

Равон гашта тобеъ
Сӯи дашту ҳомун,
Чу тифле ба бозӣ,
Кунун оби Ҷайҳун.

Аму тай ба шасте,
Басе роҳ созад.
Рухи санги хоро,
Ба лутфе навозад.

Намо марди чӯпон,
Ба созат тараннум,
Аму шуд ба ҷавлон,
Ба чӯли Қароқум.

Чӣ фатҳи азиме,
Чи эъҷозу қудрат,
Ба созу сурудат,
Саро ин ҳашомат.

Чӣ фахре ки халқам,
Шаҳи баҳру бар шуд.
Ба гардун ба гардиш
Суруди зафар шуд.

Ту, эй субҳ, бардам
Ба ин дашту водӣ.
Биовар ба нурат
Ту эй субҳ, шодӣ.

Ба ҳар ҷо ки рег аст
Биё, зарфишон кун.
Дар ин дашт маскан
Биё, ҷовидон кун.

Ту эй оби Ҷайҳун,
Ки бас беқарорӣ,
Ба маҷрои нав шав
Ба ин дашт ҷорӣ.

Бирав, мо кушодем
Ба ҳар гӯша роҳат.
Намо чӯл бедор,
Ту аз хоби ғафлат.

Ҳама дар амал шуд
Хаёлоти Махтум[1],
Ки дид об з-ин пеш
Ба чӯли Қароқум?

Ҳамин дашти бе кас,
Шавад боғу гулшан.
Бичинад муосир,
Гул аз чӯли туркман.

Зи оби ту, Ому,
Ба ин сайъи мардум,
Нишоне намонад,
Зи чӯли Қароқум.

Сарояд ба созе,
Зада захма чӯпон,
Зи наврӯзгорат,
Аё Туркманистон.

---

[1] Махтумкулӣ – шоири асри XVIII туркман.

## НАМОИШГОҲИ ЗИМИСТОН

Намоишгоҳи дай чун ёфт оғоз
Ҳамоно буд ҳар чӣ, он ҷавон шуд.
Бар он ҳайратзада мо дида дӯзем,
Ки қолинаш бузург, испед бинмуд.

Аз он мӯйинаи нарму сапедаш
Бубинӣ пӯстинҳо хубу рахшон.
Садои тифлҳо хезад, ту гӯӣ
Бувад чун резаҳои барф дандон.

Навои нурҳои сард ояд,
Чана гӯӣ хазад бо хастаҳолӣ.
Ба ҷои гурбаи тар гашта дар барф
Бувад пайтобаҳо рӯи бухорӣ.

Ҷилои якмароми нуқраро бин,
Чарахси баргҳову бӯи наъно.
Бале, бисёр з-он анвои неъмат
Намоишгоҳ бепул карда эҳдо.

Сипас беихтиёр эҳсос кардам,
Дар он асрори бисёр аст, на кам,
Чи бепарвояму ноогаҳ аммо,
Диле зудбовару бас сода дорам...

Ҳар он чизе, ки тобистон ниҳон дошт,
Бар он пас тирамаҳ ҷуръат набинмуд,
Зимистон ошкораш кард, яъне,
Намоишгоҳи хубу диданӣ буд.

## МОДАР

Зистам гӯӣ дар фазои соф –
Чашми пурнуру босафои ту.
«Тифлҳо ҳасту буди ман бошанд» –
Мешунидам басо садои ту.

Меҳр бахшидаиву дилгармӣ,
Бо шарори дили пур аз шафқат,
Сахт медоштам туро машғул,
Лек боре накардаӣ миннат.

Эй басо ҳарфҳо, ки дар васфат
Хостам гуфтану набуд фурсат.
Орзу доштам, ки то ба абад,
Мекунам баҳри модарам хидмат.

Роҳи бозомадан бароят нест,
Боздиде дигар – нахоҳад буд.
Дорам умед ман зи мӯъҷизае,
Мунтазирам, ки бозгардӣ зуд.

На, наоиву аз раҳи дирӯз,
Ба саропои нурбори баҳор,
Рафт тифлии беғубори ман,
Чун зи пайроҳаи дурахшон пор.

Дар дилам шуд ғами ту кам-кам кам,
Дидамат чун ба хоби рӯшану хуш.
Омадӣ зинда бар фазои хоб
Пеши рӯ бо табассуми дилкаш.

Бар вуҷудам сафои нав бахшӣ,
Ҳамчунон нури тозаи хуршед,
Он ҳама бахтро, ки баҳри ту буд,
Хоҳам акнун ба дигарон бахшид.

## СӮҲБАТИ ШИРИН

Биё, боре ба ҳам оем,
Намуда чой нӯши ҷон,
Сари як сӯҳбати озод
Намонад рози мо пинҳон.
Назар бинмуда бар олам –
Баҳору дай, чи тобистон,
Зи файзи сӯҳбате бошем
Дур аз тӯҳмату бӯҳтон.
Зи пирӣ шукр кун, дунё
Бувад чун соғари саршор,
Сари як сӯҳбати озод
Ҷавониҳо шавад такрор.
Шаҳидонро ба ёд орем,
Ки ҷон бахшида бар Меҳан.
Бигӯ чанде азизи дил,
Зи қадри умри мову ман.
Наояд ҳосиле аз ҷанг,
Биҷӯшад рӯҳ аз ин афкор.
Аз ин сон сӯҳбати озод,
Набошад бар касе озор.
Агар бад будай, ҳеҷӣ,
Агар некӣ, беҳин ёрӣ,
Сари як сӯҳбати озод
Бигӯем аз ватандорӣ.
Биёбам гоҳ ғамгинат,
Аз ин умре, ки парвозист,
Биё асрори дил ҷӯем,
Лаби рӯде равон беист.
Баҳорон мон бичархонад
Ба гирди ин замин моро,
Сари як сӯҳбати озод
Шавад асрори дилҳо во.

Равон рӯзе пайи рӯзе,
Дар онҳо иду мотамҳост.
Сари як сӯҳбати озод
Бигӯем он чи дил мехост.
Ба ёд орем неку бад,
Ки з-анбӯҳи замон ояд.
Сари як сӯҳбати озод
Ба ёд орем пешомад.

## ШАҲИДОН

Ба рӯи лавҳаҳои ёдгорӣ
Надидам номашонро нақш баста,
Ту гӯӣ пеши рӯям зинда буданд:
Ҳама ҷанговарони барнагашта.

Катиба нест бар ҳар гӯр, афсӯс,
Гуноҳи ғосибон бошад нашуста.
Халоиқ бо дуое ёд оранд
Аз он ҷанговарони барнагашта.

Агар аз азми мо гарданд хушдил,
Нагардад хомӯшӣ ин ҷо гусаста.
Зи носозиамон аммо биларзанд
Яқин, ҷанговарони барнагашта.

Баҳоронро кунанд эҳсос дар дашт,
Ки боре дар набард аз он гузашта.
Ба мо меҳри Ватан карданд талқин
Ҳама ҷанговарони барнагашта.

Ба хоки Варшаву Берлин бихусбанд,
Падар, фарзанд – рӯҳи ношикаста.
Сипар бинмуда ҷонро дар раҳи ҷанг
Нигар ҷанговарони барнагашта.

## ОШНОИ ДЕРИН

Эй ошнои дерин
Маркабчаи сияҳмӯ,
Як лаҳза кун таваққуф
Созем аниқ ману ту
Аз мо кӣ ёфт тағйир,
Аз мо кӣ монд як хел.
Бо ҳам наомада чанд
Дигар наем ҳамдил.
Дорӣ ба ёд бар дӯш,
Бас машки об бурдӣ,
Пас ҷониби дабистон,
Бо ман ту раҳ сипардӣ.
Дар пойгаҳ гузаштем
Шайтонаробачаро.
Табъи ману ту бишкуфт
Аз шаъшаи гияҳҳо.
Ҳастам равона, инак,
Аз байни боду бӯрон.
Акнун кашида борам
Танҳо, на ину на он.
Ёрони кӯҳна ин дам
Оянд бахри ёрӣ.
Маркабчаам, ту оё
Манро ба ёд дорӣ?
Бори ману ту алҳол
На ҳезуму на пахта-ст,
Бешак, гаронии он
Аз изтироби сахт аст.
Ин бор бемуҳобо
Садчанд буда бисёр,
Оҳиста мон қадамро
Дар пеш – роҳи душвор.

Роҳест дуру сангин,
Мо лек аз он равонем.
Анҷоми он чӣ бошад,
Гуфтан наметавонем.
Шояд дучор оем
Ҳар гуна одамонро,
Тарсуву ҷоҳилонро,
Зебову пурдилонро.
Дарёву регзорон,
Ҳам кӯҳсору паҳно,
Ояд дучор шояд
Дар роҳи дур моро.
Оҳиста бош, маркаб,
Оҳиста, ҳамраҳи ман.
Бояд ки мо тавонем
Он роҳро сипардан.
Бояд ки пушти сар кард
Хурсандирову ғамро.
Ҳам лутфҳову нафрат
Ҳам кину яъси дунё.
Ҳар он чи ояд аз пеш,
Аз ҷумлаи каму беш,
Ҳушдор деҳ, маркаб
Гар пеши по набинам
Аз роҳи умр рафтан.
Мушкил туро, маро ҳам
Моро баранд раҳҳо
Бар сӯи як Ватан, лек,
Моро барад фақат роҳ
Бояд ки гомҳое
Дар он ниҳӣ тавоно.
Ҳастем мо равона,
Аз роҳи ҷовидона!

## АЙНАК

– Хира шуд чашмам, – бигуфтӣ, –
Дар раҳи уммеду армон,
То раҳамро бинам, аз шаҳр
Айнакам овар, писарҷон.

– Модаро, ҳатман биёрам
Айнаке – рахшон чу тилло...
Гӯяму созам фаромӯш
Байни ташвишҳои дунё.

Инак, аз нав бо туям ман,
Дигар армоне надорӣ,
Дарди дилро карда пинҳон,
Ёде аз айнак наорӣ.

Ин манам ғарқи хиҷолат,
Ту – пайи ташвиши хонӣ,
Ҳар чӣ меёбӣ, бароям
Рӯи хони худ бимонӣ.

Аз таҳи қарси сиёҳат
Мӯи испедат намоён,
Боз мепурсӣ ба ташвиш:
«Хаста бинмоӣ, писарҷон?»

Дӯхтӣ тоқӣ бароям,
Пас нахуфта то саҳаргоҳ,
Аз азоби чашмҳоят
Чашми сӯзан буд огоҳ.

Дар сари ангушт, модар,
Захми неши сӯзанат буд...
Мерасад айнак ба ёдам
Мехурам афсӯси бесуд.

... Ҳайфи мо, кам ёд орем
Аз таманноҳои модар.
Дер мо бар худ биёем,
Дида холӣ ҷои модар...

## ТИФЛ

Биё, ҷонам,
Ба оғӯшам,
Шавад дунё
Фаромӯшам.

Аё эй тифл,
Ту он покӣ,
Ки пок аз туст
Ҳама хокӣ.

Ба каф дорӣ
Гули олу,
Набошад умр
Чунин дилҷӯ.

Чу як чашма
Туӣ пешам –
Аён дар туст
Каму бешам.

Ниҳон аз ин,
Ниҳон аз он,
Ниҳон аз умри солорам,
Рабоям пораи қанде
Барои тифлии зорам.

Ба солорӣ
Ту ҳам маштоб,
Ки тифлӣ
Гум шавад
Чун гавҳари ноёб.

Бидонӣ пас,
Ки дунё чист,
Гаҳе талхӣ,
Гаҳе шӯрист.

Чи бечурмӣ
Вале алҳол,
Ки дар рӯят
Бубинам ман
Зи покӣ фол.

Чу тифлиро
Ба ёд орам,
Ҳама покӣ ба ёд ояд.
Ба фардо гар
Назар дӯзам,
Дилам аз ғам
Ба дод ояд.

## АЛЛА

Шавад раҳ парниён дар зери поят,
Асал бодо ба комат ҳар ғизоят,
Шавад ин ҳарфи некӯ панди роҳат:
«Фаромӯшат мабодо зодгоҳат!»

Бичунбонам зи ҷон гаҳвораатро,
Чу бахти ҷовидон гаҳвораатро,
Барад то дурҳо тобанда роҳат,
Фаромӯшат мабодо зодгоҳат!

Равад овозаат то авҷи гардун,
Шавад бахти туро худ бахт мафтун,
Чароғи роҳ бодо меҳру моҳат,
Фаромӯшат мабодо зодгоҳат!

Шавад рӯзеву дилро бар ту дода,
Расад пешат яке, дилро кушода,
Муборак бод ёри чеҳрамоҳат,
Фаромӯшат мабодо зодгоҳат!

Ба дунёи саропо панду фандат
Бихоҳам душманони дардмандат,
Бихоҳам дӯстони дардкоҳат,
Фаромӯшат мабодо зодгоҳат!

Шавад ишқи дилангезе насибат,
Шавад ёри дилогоҳе ҳабибат,
Ба бар бодо накӯ тифлон пагоҳат,
Фаромӯшат мабодо зодгоҳат!

Бароят хоби хуш дорам таманно,
Туӣ дунёи ман дар рӯи дунё,
Мабодо дар ҷаҳон як кинахоҳат,
Фаромӯшат мабодо зодгоҳат!

## ГУФТУГӮ БО ХУД

– Даме ҳамсояат бо дарду бо ғам мубтало гардид,
Чаро пурсидани ҳолаш нарафтӣ бар дараш боре?
– Ғаму дарди худам кам нест, чун ӯро хабар гирам,
Надорад ӯ ҳам, охир, бо ғаму бо дарди ман коре.

– Ҷавоне поквиҷдон буд, ба тӯҳмат мубтало карданд,
Вале пурсидани ҳолаш нарафтию накардӣ ёд.
– Чӣ ҷои пурсиши ҳолаш, куҷо қадри маро донад?
Ман аз коре, ки ӯ карда, на ғамгин астаму на шод.

– Шунидӣ гиряи кӯдак, ки пояш хӯрд бар санге,
Ба наздаш ҳам нарафтию надодӣ як тасаллояш.
– Чиҳо мегӯйӣ бар ман ту, чиҳо аз ман талаб дорӣ?
Чӣ ҳоҷат ман равам наздаш, ба ҷойи оча, додояш?

– Бидидӣ пирмарде даст дар рӯйи дилаш дорад,
Гузаштӣ аз бараш хандидаву ҳолаш напурсидӣ.
– Агар ӯ менишаст осуда андар хона беҳтар буд,
Чӣ ҳоҷат кӯчагардӣ бо дили бемор, фаҳмидӣ?

– Магар аз дӯстони ту набуд ҳамсоят, охир, –
Набуд оё ҷавони мубтало аз додарони ту?
Падар бошад туро он пирмарди дилкасал, медон,
Бувад фарзандат, охир, кӯдаки гирён, надонӣ ту?!

## ХИРАДМАНДОН

Шуморо чун насиҳат, чун сабақ дар ёд мегиранд,
Ҷавонони саодатманд, ҳам пирони ботадбир.
Шуморо нағз медонанд дар сартосари олам,
Шумо ойинаи ибрат барои ҳар ҷавону пир.

Шумо аз дардҳои дигарон дарде ба дил гиред,
Шумо аз кардаи бедардҳо дар ҷой меларзед.
Шумо дар аҳду паймон, дӯстдорӣ устуворастед,
Шуморо ҳар қадар боло баранд, албатта, меарзед.

Зи мо ҳар як хатое сар занад, ислоҳ бинмоем,
Шумо санги маломат аз сари мо бозгардонед.
Ҷавоби хандаро бо ханда гардонед дар ҳар ҷо,
Ҷавоби гиряро, лозим шавад, бо гиря гардонед.

Шумо роҳам нишон бидҳед, вақте ки занам раҳгум,
Шумо моро гаҳ аз обу гаҳ аз оташ раҳо бидҳед.
Агар дарду ғаме моро фуруд ояд ба сар, ронед,
Зи кони панд моро сарвати беинтиҳо бидҳед.

Хирадмандон, шумо аз ҳар бало моро раҳо бидҳед,
Зи файзи кори неку некномӣ муждаҳо бидҳед.

## ТОЛЕЪ

Чӣ розе дар ту пинҳон аст, инсон, зодаи одам,
На гардӣ ғарқ дар обу на сӯзонад туро оташ!
Савори Рахш суйи субҳ метозӣ зи шоми тор,
Агарчӣ нест осонат, ту дорӣ хандаи беғаш.

Ту андар зиндагонӣ чанд рӯзи босафо дорӣ,
Агарчи гӯри ту гирад фар сар то сари олам.
Чӣ меояд зи дастат, боз дар олам чӣ мехоҳӣ?
Ба дунё мешавад хушбахт оё зодаи одам?

Ба ёд овар, ки Қорун сарвати беинтиҳое дошт,
Куҷо шуд сарвати беинтиҳову ганҷҳои ӯ?
Чу дорӣ пой дар роҳи ҳақиқат, пешаат адл аст,
Набинад ҳеҷ гоҳе ҳеҷ кас дарду балои ту.

Ғубори ғам бикун дур аз дили худ, Аллаёр, охир,
Ки гар ғам лашкар ангезад, бирезад ошиқонро хун.
Худо донад чиҳо кардӣ, чиҳо дар сарнавишти туст,
Расад рӯзи ҷазо охир, нишин як лаҳза фикре кун.

## ҶАДАЛ БИНМО, БИЁ БАР КӮҲСОРАМ!

Агар хоҳӣ, ки мардиро бубинӣ,
Ҷадал бинмо, биё бар кӯҳсорам.
Агар хоҳӣ, ки дилро тоза дорӣ,
Ҷадал бинмо, биё бар кӯҳсорам!

Раҳо ёбӣ дар ин ҷо аз балоҳо,
Ҷаҳон зебо ба чашмат тобад ин ҷо.
Агар хоҳӣ сари бешӯру савдо,
Ҷадал бинмо, биё бар кӯҳсорам.

Агар қисмат туро муште ба сар зад,
Махур ғам, бар фулусе он наарзад.
Саҳаргоҳон, чу мурғе болу пар зад,
Ҷадал бинмо, биё бар кӯҳсорам.

Дар ин ҷо мекунӣ пайдо ҳақиқат,
Дар ин ҷо менишинӣ бо фароғат,
Дар ин ҷо меҳрубониясту шафқат,
Ҷадал бинмо, биё бар кӯҳсорам.

## КӢ ХОҲАМ ШУД ?

Кӣ хоҳам шуд, агар дар зиндагонӣ
Намонад дар ҷаҳон аз ман нишоне?
Чиҳо гӯянд дар ҳаққат, надонӣ,
Дар ин дунё, дар ин дунёи рангин.

Шавам дилсард агар аз зиндагонӣ,
Нахоҳам ман қазои ногаҳонӣ.
Намоям аз ҳақиқат пуштибонӣ,
Дар ин дунё, дар ин дунёи рангин

Сухан ҷо мешавад дар дидаву дил,
Сухан гӯянд, гардад гарм маҳфил.
Сухан донӣ,расӣ бешак, ба манзил,
Дар ин дунё, дар ин дунёи рангин.

Чи хуш, ки шоирон ҳастанду ашъор,
Ба ҳар ҷо шеърро бошад харидор.
Бихонад шеъри ман бахшӣ ба такрор
Дар ин дунё, дар ин дунё рангин!

# *Н А С Р*

*Осман ОДЕ*

# ДУ ҲИКОЯ

## НИДОИ ДИЛ

Ӯғулгерек оча ба хона хотирпарешон расид: зонуҳояш меларзид, тамом обу адо, сару рӯяш арақшор ва ин ҳол охирин қувваю мадорашро рабудааст. Вай ҳоло орзу дошт: ҳарчӣ зудтар сар ба болин ниҳаду роҳат барад. Лек бозгашти ӯ, мисли ҳарвақта, дар хона воҳима андохт.

– Эҳ оча, ба Шумо омадан лозим набуд. Акнун кай ба худ меоед? – мегуфт ба модаршӯи ҳаштодсолааш тӯта Гуллер, ки худаш ҳам чандон ҷавон набуд. Вай даст ба ҷабини пурожанги Ӯғулгерек оча гузошту оҳ кашид:-ана дидед, фишоратон баланд шудаст.

– Эҳ-а-а, ба мотосикли Ҷомардқуличон нишаста то ин ҷо расидем, ки шири аз модар хӯрдаам ба даҳон омад. Вай, бечора, боз ҳам оҳиста ронд, маълум ки ҷони ман ба таги ҳалқам омадааст.

– Доим якравӣ мекунед, оча! Дафъаи гузашта ҳам як ҳафтаи дароз хобидед. Аз чӣ худро азоб медиҳед? Бисёр зарур буд магар, ки бо мотосикл омадед? Писаратон гуфта буд-ку, худаш бо мошин меоварад…

– Оё ба ин вақт дорад? – раҳмаш омада табассум намуд Ӯғулгерек оча. Вай ором гирифт ва бетафовут сӯи сунҳораш (келинаш) нигаристу хоҳиш кард: – келинҷон, агар ба худат душвор набошад, бароям хӯроке бипаз. Мехоҳам, угро бихӯрам. Шояд дармон шавад.

Тӯта Гуллер ором сар ҷунбонд ва сӯи ошхона рафт. Ҷои ӯро дар паҳлӯи бибикалон ин дам абераи шашсолааш Вафо ишғол кард.

– Момоҷон, ба Шумо чӣ шуд? – пичирос зада, чашмони тарсуяшро ба ӯ дӯхт.

– Намедонам, баррачаи ман. – Пиразан бо кафи дастони серрагупаяш мушти сергӯшти абераашро фишурд. – Каме тобам гурехт…

– Ҷумъа тағоро бояд хабар кард. Бигузор сӯзандору занад.

– Лозим не. Метарсам аз сӯзандоруи вай, – табассум кард Ӯғулгерек оча.

– Ман ҳам метарсам. Лекин, баъд аз сӯзандору сиҳат мешавед, – таври ҷиддӣ, калонҳо барин, гап мезад Вафо. Сипас хоҳиш кард. – Шумо, бибиҷон, дигар ба ҷое наравед.

– Хуб шудаст, баррияки ман! – ваъда дод момои Ӯғулгерек.

Пас аз ним соат Давлетбердӣ омад ва қариб аз остонаи дар гилагузориро сар кард.

– Модар, чаро рафтед? Ҳар чанд мегӯем, гӯш намекунед, баръаксаш рафтор мекунед. Оё мо ягон вақт Шуморо ранҷондем? Хуб, дилатон чӣ мехоҳад? Гап занед, дарҳол ба ҷо меорем. Ҳар чиз ки бихоҳед, пайдо мекунем.

– Ташаккур писарам. Ба ман ҳеч чиз лозим не.

– Ин хел ки бошад, дар хона шинед. Не, ба ҷое рафтанӣ шавед, монеъ намешавем. Вале баъд аз рафтуо худ азоб мекашед. Ана ин хуб не. Гапи дигар аст, агар дар ин хона касе набошад, ки дарди ҳол бикунед. Охир, шукри Худо, хонаи мо пури одам. Келинатон, агар ҳа-ҳа нагӯед, метавонад аз субҳ то шом гап занад. Ба Шумо ҳамсӯҳбати сеюм ҳеч лозим не. Набераю абераҳоятон ҳастанд. Шинед, телевизор бинед, радио гӯш кунед.

Пиразан гап намезад. Албатта, агар хоҳад, дар ҷавоб ба писараш гап меёфт. Аммо ҳоло вай беш-

тар мехост, ки Давлетбердӣ аз кор монда шуда омад, оромакак таомашро хӯрда дам гирад, беҳтараш чандон аҳамият надиҳад, ба вай.

– Ман ҳамин замон сиҳат шуда, аз ҷо мехезам, – гуфт ниҳоят Ӯғулгерек оча. – Ту бирав, хӯрок бихӯр. Бо ман Вафоҷон ин ҷо мешинад. – Ва ҳамин ки писараш аз хона берун шуд, пурсид: – Вафоҷон, бибӣ Оқнур дар хона бошад? – Аберааш сар ҷунбонд. – Бигӯй ин ҷо биёяд.

Вафо давид.

Аз ошхона бӯи хуши хамир ва мурч ба димоғаш расид. Дар берун ғурриши мотосикл баланд шуд. «Аҷаб не, Давлетбердӣ барои овардани Ҷумъа духтур бирафт, – аз дил гузаронд Ӯғулгерек оча. Баъд вай ба ёд овард, ки писараш ва ҳам келинаш ӯро бо як оҳанг «сарзаниш» карданд. Вай табассум намуд, вале табассум лабони пурожанги ӯро зуд тарк кард. Ин чӣ худсарӣ будаст?» – пичиррос зад ӯ. Ва дар ҳақиқат, одам даруни як чордевор то кай мешинад? Кош касе бошад, ки чор даҳон дардиҳол бикунӣ, – не…

Рӯзҳои охир Ӯғулгерек дам ба дам худро яккаю танҳо ҳис мекард. Хона пури одам буд. Ҳама ӯро дӯст медоштанд. Дар ҳақаш ғамхорӣ мекарданд. Вале гуфтугӯ бо ҳамсолонаш, ки танҳо ҳамонҳо таги дили туро мефаҳманд, ба ӯ муяссар намешуд. Оё бо келинҳо аз таҳти дил дардиҳол кардан имкон дорад? Онҳо одами замони дигаранд ва гуфтугӯи онҳо низ тамом дигару дигар. Ана барои чӣ очаи Ӯғулгерек дилгир мешавад.

Ӯғулгерек оча ҳаёти зиёд ва начандон осударо паси сар кардааст. Волидонаш ӯро вақте ки ҳанӯз понздаҳсола ҳам набуд ба шавҳар доданд. Дар хонаи бегона ба ҷону ҳолаш нигоҳ накарда заҳмат мекашид, танҳо аз ин хотир, ки таънаю табоҳе нашунавад. Аввал писарҳояш тавлид ёфтанд: Аллоҳбердӣ ва Давлетбердӣ. Сеюмаш духтар –

Ӯғулбахт. Писари чаҳорумашро Хӯҷабердӣ ном доданд. Кор дар саҳроҳои колхоз ними ҷонашро мегирифт... Бачаҳояш калон мешуданд. Соле ки ба писараш Аллоҳберди арӯс меовард, ҷанг сар шуд. Шавҳараш Беркалӣ ба ҷабҳа рафт. Баъд аз як сол паси ҳам писаронаш Аллоҳбердӣ ва Давлетбердӣ ба ҷанг фиристода шуданд.

Ва Ӯғулгерек то нерӯяш расидан ҳаракат мекард, ки Ӯғулбахт ва Хӯҷабердӣ мӯҳтоҷӣ накашанд. Субҳ мехесту то ними шаб ором нагирифта, ба худ раҳме нокарда, зӯр мезад, то ки ҷои шавҳар ва писарони ба набард рафтаи худро маълум насозад.

Рӯзҳо пайи ҳам мегузаштанд, вале ягон рӯзи хушӣ набуд. Ҳатто рӯзҳое ҳам ки колхоз ба ӯ тӯҳфаҳо ва шаҳодатномаҳои ифтихорӣ медод, ин ӯро чандон шод намегардонид. Шабҳо орзу мекард, ки рӯзҳои орому осуда ҳарчи тезтар фаро расанд. Гоҳе шабҳо ӯ ашк мерехт. Ин аз меҳнати вазнин не, балки аз сӯзи дилаш барои Беркалӣ – шавҳараш. Ва боз ӯ мегирист аз ин ки бо писаронаш ифтихор дорад, онҳо боақлу гапдаро калон мешаванд ва касе аз набудани падарашон онҳоро таънасор намесозад.

Ҷанг охир шуд, писараш Давлетбердӣ бозгашт. Аммо Беркалӣ ва Аллоҳбердӣ абадӣ дар Замини бегонагон монданд. Рӯзҳои сиёҳ ақиб рафтанд, рӯзҳое ҳам фаро расид, ки Ӯғулгерек оча бесаброна орзу мекард. Вай писаронашро зан дод, духтаронашро ба шавҳар баровард. Худо набераҳо дод. Вай аз тақдираш менозид ба ӯ муяссар гардид, ки садои гиряву хандаи кӯдакро мешунавад. Охир, рост гуфтаанд, ки «Фарзанд-шир, набера-рӯи шир!».

Шояд аз серкорӣ бошад, ки фарзандҳо чандон не, аммо набераҳо бисёр меҳрубон!-Ҳамин тавр фикр мекард Ӯғулгерек оча. Ба вай муяссар гашт хушбахтона аберадор ҳам шавад. Ҳамаи набераю абераҳояш ӯро дӯст медоранд. Аммо, танҳо Ёзгул ҳоло фарзанд надорад.

Ёзгул духтараки Хӯҷабердияш аст. Вай дардманд калон шуд. Бинобар ин ӯ ҳамеша бо бибиҷонаш буд. Ӯғулгерек доим ғами ӯро хӯрда, ба ҳаяҷон омада мегуфт: «Ягона орзуи ман ин аст, бубинам, ки чӣ тавр ӯ тӯй мешавад!».

Ин орзуяш амалӣ гардид. Ёзгул духтари нозанин шуда ба воя расид ва ба ҷавони дӯстоштание ба шавҳар баромад. Рӯзи арӯсии онҳо хушбахтии Ӯғулгерек ҳадду канор надошт. Худаш бадаста, барои меҳмонон таом таҳия кард ва мисли ҷавонзанон худро аз хизмат дур нагирифт. Вай миёни кому забон мегуфт: «Эй кош, ин рӯзи хурсандиро Беркалӣ ҳам медид!».

Зиндагӣ ҳамин. То даме ки одам ҳаёт аст, орзуҳои ӯро ҳадду канор нест. Ҳоло Ӯғулгерек беш аз ҳама орзу дошт, ки то фарзанд дидани Ёзгул зинда бошад. Вале ду сол гузашт аз вақти арӯсиаш, ӯ ҳанӯз ҳам фарзанд надорад. Ва рӯз то рӯз ҳаяҷони ӯ дар бораи набераааш афзун мегардид. Шояд самовиён илтиҷоҳои ӯро шуниданд… Чанд моҳ пеш Ӯғулгерек ҳамаи нафақапулии худро ҷамъ намуд ва гуфт, ки ҳар кас ки хабари дер боз интизорашро аз аберадоршавӣ бирасонад, ӯро хурсанд хоҳад кард.

Аммо пиразан акнун аз пештара ҳам бештар дар бораи вазъи сиҳатмандии Ёзгул фикр мекард. Ҳар субҳ қариб яке аз набераҳояш назди Ёзгул мерафт, то бифаҳмад, ки ӯ чӣ навъ хоб аст, худро чӣ гуна эҳсос мекунад. Ва агар фурсате фароҳам расад, албатта худаш ба дидани ӯ мерафт, то набераи ҷону дилашро бубинад ва дар кори хонааш ба вай кӯмак расонад.

Аз айвон овозҳое баланд ба гӯш расид. Чӣ гап? Боз кадоме худнамоӣ кард?-Ӯғулгерек овози Оқнур очаро шинохт.

– Ҳо-о, каме нотоб, – гуфта пештоз баромад тӯта Гуллер. – Дароед, он кас дар хона. Ман ҳозир меоям.

Пас аз чанде ба хонае, ки Ӯғулгерек истироҳат мекард, Оқнур оча даромад ва аз худи остона насиҳатдиҳиро сар кард:

– Чӣ зарур буд, ки хеста биравӣ? Худат медонӣ, ки нотоб ҳастӣ. Худро азоб медиҳӣ, фақат. Хона будагиҳоро ташвиш медиҳӣ…

– Ту ҳам ин гапа мегӯӣ? – зиқ шуд Ӯғулгерек очаю каме ором гирифт, баъд бо лабханд гуфт: – Онҳое ки шавҳар доранд, ғами дунёро намехӯранд. Замину замонро оби азо[1] зер кунад ҳам, парво надоранд.

– Дар ин синну сол дар бораи шавҳар фикр кардан, барои ту, дер шуд!

– Ранги Ӯғулгерек оча парид, вай дар ҷавоби шӯхиаш чашмдор набуд, ки чунин таъна мешунавад.

– Дирӯз хабаргирӣ омадам. Гуфтанд, ки хонаи Ӯғулнор рафтаӣ. Чӣ гап худаш?

– Хостам, хабар гирам. Вақте ки вай тӯй дошт, рафта натавонистам. Дирӯз писараш Ҷомардро фиристода буд. Ба қарибӣ аберадор шудаст. Маро дида хурсанд шуд. Тамоми шаб гап-гап кардем.

– Хуб, чӣ тавр? Ҳамашон сиҳат-саломат?

– Шукр, саломат,-Ӯғулгерек аз ҷогаҳ сар бардошт, маълум ки гапи зарур дорад . – Медонӣ? Баъзан дар зиндагӣ воқеаҳое рӯй медиҳанд, ки то дами марг фаромӯш намесозӣ. Ӯғулнор ҳанӯз шавҳар накарда буд, вақте ки мо ҳар ду дар як замин кор мекардем. Ман бо каланд зада пойи худро маиб кардам. Вай ду ҳафта ба ҷои ду кас меҳнат кард, ними рӯзи меҳнатро ба худашу нимашро ба номи ман мегузаронд. Саркор гуфтаст, ки ҳамаашро ба номи худаш нависонад. Не гуфтаст вай. Ҳамон вақт, медонӣ, вай ниҳоли найшакар ба-

---

[1] Оби азо – Всемирный потоп».

рин нозукак буд. Дар он ду ҳафта чунон харобу лоғар шуд, ки намедонистӣ ҷонаш сари кадом мӯе қарор дорад. Ин некии ӯро ман ҳеч фаромӯш намекунам. Вай баъд ба деҳаи ҳамсоя арӯс шуда рафт, мо қариб, ки якдигарро аз ёд бароварда будем…

…Одатан Ӯғулгерек оча ҳар бор, баъд аз сафараш, ду-се рӯз нотоб шуда мехобид. Аммо ин дафъа як ҳафта ҳам гузашту дуруст ба худ наомад. Аз ростӣ, дар касалхона хобиданро тамом рад намуд. Вай дар ҳуҷраҳаки худ хобид, ҳама ғамхорӣ мекарданд. Ҳар кадоме мехост хизмати ӯро ба ҷо орад, дуояшро гирад, ӯро шод гардонад. Ҳатто аз ҷойҳои дур хешонаш омада хабар мегирифтанд. Вай бо ҳамаи хешовандонаш хуш сӯҳбат орост. Одаташ ҳамин, рафту кадоме аз ҳамсолонаш омада хабар гирад, бисёр хушнуд мегардид. Ҳамин ки танҳо мемонд, зуд зиқ мешуд. Ҳайрон мешуд, ки чӣ тавр одам метавонад ба фикре равад, ки худ сер бошаду танаш пӯшида, дигар орзуе ҳам надорад. Зимнан бо Беркалияш гуфтугӯ мекард, лабханд менамуд, ба ӯ чунин вонамуд мешуд, ки овози шавҳарашро гӯё мешунавад. Ӯ гӯё: «Ӯғулгерек, ман аз худат розӣ, мегӯяд. – Ман аз ин ҷо ҳамаашро тасаввур мекардам, гӯё медидам, ки ту бисёр кор мекардӣ. На ҳар мард аз адои он кор мебаромад! Афсӯс, ки ба ту кӯмак расонда натавонистам. Ба ту лозим шуд бори вазнини маро ҳам ба дӯши худ гирӣ, то ки бачаҳо сағирии худро эҳсос накунанд. Ташаккур ба ту, Ӯғулгерек!». Ин гап Ӯғулгерек очаро гӯё ҷасорат мебахшид. Аммо дарди сараш ҳеч басанда намешуд, балки то рафт авҷ гирифта, ӯро сахт ба ташвиш меовард.

«Ман ҳазорон бор аз ҳаёти ба сар бурдаи худ розиам, – мегуфт ӯ ба худ. – Ҳар лаҳза метавонам бо майли тамом бо ин ҷаҳон видоъ карда ба он дунё равам. Оҳ, чӣ хел мехоҳам, ки Ёзгули худро бубинам. Барои вай назди ман омадан мушкил. Вагарна

кайҳо ба дидани бибиҷони худ меомад. Эй Худо, ман орзуи дигаре надорам, ғайри он ки бубинам-вай чи гуна модар мешавад!...»

Ӯғулгерек оча як лаҳза мижа дарҳам кашид ва ногаҳ Ёзгул пеши чашмонаш ҷилвагар шуд. Наберааш сӯи ӯ медавид: «Бибиҷон, бибиҷон!» мегуфт. Худи ҳамон лаҳза Ӯғулгерек оча бедор шуд, вале дар ҳуҷра касеро надид.

Чунин пешгӯӣ пиразанро фиреб надод. Рӯзи дигар, субҳи босафо, писарчаи хурдсол, додараки Ёзгул, хушхабар овард ва худи ҳамон лаҳза Ӯғулгерек оча чӣ будани дардашро фаромӯш кард.

– Бибӣ, Ӯғулгерек-бибӣ, – аз хурсандӣ забони писарча мегирифт. – Хабари хуш! ... Шодиёна!...

– Чӣ гапаст, барраяки ман?

– Шаби гузашта… келин ойӣ писарчадор шуд!...

Ӯғулгерек худро хеле сабук ҳис кард, аз ҷой бархост ва бо дастони ларзон китфи писаракро дошта – дошта пурсид:

– Ту чӣ гуфтӣ, барреки момо? Бори дигар такрор ку…?

– Шаби гузашта, Ёзгул келин писар таваллуд кардаст… Келин ойӣ мехоҳад, номи ӯро Беркалӣ монад, номи бобояшро.

– Оҳ, ту чи хел ширинзабон! Ҷони бибӣ! Аз хушхабари ту чӣ хушнуд шудам! – сахт ба оғӯш кашид Ӯғулгерек писарчаро.

– Келин ойӣ аз ман хоҳиш кард, ки саломатии шуморо пурсам. Боз гуфт, ки шумо беташвиш бошед. Ҳоло барои диданаш наравед.

– Охир, ту дар бораи кадом ташвиш гап мезанӣ? Чӣ тавр ман намерафтаам! Раву ба вай гӯй, ки ман сиҳатам. Вай ғами маро хӯрдаст-а! Бигзор дар бораи ман фикр накунад. Саломатии худаш ва писарчаашро фикр кунад, оҳ дарди Беркалича дар ҷонам-е! Чӣ тавр ба хотираш расидаст, ки номи бо-

бояшро ба писарча диҳад – а?!. Гуллер-Гуллер, мешунавӣ? Ту дар куҷоӣ, келин? Ёзгулҷон писарчадор шудаст. Номашро Беркалӣ мондаст…

– Ӯғулгерек-бибиҷон!...

– Чӣ мегӯӣ, баррекам?

– Ёзгул келин мегӯяд, вақте духтарчадор шавад, номи Шуморо ба вай медодаст.

– Ба ростӣ? Оҳ боақлаки момо!...-Дар чашмони Ӯғулгерек оча ашк ҳалқа баст. Вай саросема он гиреҳакашро, ки махсус барои ин рӯзи босаодат пул баста монда буд, кушуд. Як бандча пулро ба дасти ӯ бидод.

– Ина, баррачаяки ман, бигир! Ҳар чӣ ба худат маъқул бошад, бихар! Ин барои хушхабари овардаат.

Писарчаро гусел карда, Ӯғулгерек назди писараш шитофт, ки ба кор хеста рафтанӣ буд.

– Давлетбердиҷон, мешунавӣ? Ёзгул писар таваллуд кардаст. Номашро ҳам, бо номи падари раҳматиат мондаст.

– Ҳа, баҳона ёфт шуд – дия, – Давлетбердӣ норизо қошу қавоқ андохт.

Ӯғулгерек оча гапи ӯро нашнавид.

– Зудтар равем, бачем, – гуфт.

– Оча! Охир, шумо касал-ку?

– Илоҳо барака ёбӣ, бачем. Маро бубар. – Илтиҷоомез нигарист Ӯғулгерек оча. – То абераамро набинам, дилам қарор намегирад. Аз ту хоҳиш мекунам, маро бубар!

– Не, оча. Намебарам.

– Ман лаҳзае ҳам зиёд он ҷо вақти туро намегирам. Як боракак бинам.

– Модар, Шумо медонед, ҳоло Ёзгулро аз таваллудхона ҷавоб намедиҳанд. Пас аз чанд рӯз…

– Ҳеч гап не. Бигузор Беркалиҷонро ба ман аз тиреза нишон диҳад. Охир, ман ин рӯзро чанд сол

мунтазир шудам. Ягона орзуи ман буд дар зиндагӣ, ки он ҳам…

– Эҳ очаҷон! – Худро пас кашид Давлетберди-оғо, – боз ду рӯз наҷунбида хоб кунед, ана баъд якҷоя меравем.

– Майлаш, писарам. Агар ту вақт надошта бошӣ, аз роҳат намон. Ман ба ҷое шитоб надорам. Оҳиста, пиёда гузашта меравам. Роҳ то таваллудхона чандон дур не. Ҳа, шояд Хӯҷабердӣ маро мебарад? Вай мошин дорад-ку? Аз вай хоҳиш бикун, Давлетбердӣ.

Оғои Давлетбердӣ дид, ки модараш ҳаргиз аз гапаш намегардад, назди бародари хурдияш рафт.

Вақте ки Ӯғулгерек оча ба мошин менишаст, Вафо давида наздаш омад.

– Бибиҷон! – вай дасти Ӯғулгерек бибияшро маҳкам дошта кашид, то ки ба «Москвич» нашинад. – Боз меравед-а? – Тағои Ҷумъа боз ба шумо сӯзандору мезанад. Наравед, охир шумо ба ман ваъда дода будед-ку?

– Эҳ баррачеки момо! Нури чашми момо! Боиси шодмониҳои момо! Оё ту нашунидаӣ, ки Ёзгул писарчадор шудаст. Ман ӯро мебинаму пас мегардам. Ана баъд, дигар ба ҳеч-куҷо намеравам. Ҳамеша бо ҳам, хоҳем буд. Розӣ ҳастӣ?

Писарча сар хам кард. Ӯ ҳеч чиз намефаҳмид, ки гап чию кор чӣ? ...

Ӯғулгерек оча якҷоя бо тӯта Гуллер ба таваллудхона рафтанд. Давлетбердӣ дасти Вафочаро дошта, таги дарвоза қарор дошт. То даме ки «Москвич» аз назар ниҳон шуд, менигарист. Вай аз ин кор норизо буд.

Аммо Ӯғулгерек оча на писарашро фиреб кард на абераашро: ин сафараш дарвоқеъ ҳам барои ӯ сафари охирин буд.

## УМРИ ДУБОРА

### 1

«Маслиҳати ман ба ту ҳамин: агар нахоҳӣ, ки зиндагии худро дар хорию залилӣ гузаронӣ, ту фикри худро оид ба ҳақиқат, ростӣ ва поквиҷдонӣ дар гӯшаи номаълуме гӯр карда мон. Дар бораи ин фикрҳои зебо чӣ қадар тарғиб мекунӣ, ихтиёрат. Вале онҳоро дар кадом гӯр зери хок мекунӣ, касе набояд бинад: на дӯстонат, на бачаҳо. Ҳатто дар ин хусус ба хонумат сир бой надеҳ. Рафту боз мувофиқи виҷдон кор пеш гирифтанӣ бошӣ, умуман бо тани урён хоҳӣ монд. Ҳатто баҳсу талош накун. Агар ба гуфтаи ман амал мекунӣ, ҳаёт нишон хоҳад дод, пас бовар хоҳӣ кард, кӣ ҳақ аст.» Боре ҳамин тавр насиҳат дод падараш ба Назар. Ин суханон оҳанги доду фарёд доштанд, вале пирамард ин гапҳоро аз таҳти дилу мағзи ҷон ба забон меовард.

Ҳамаи одамон доноянд. Ва ҳар яке мехоҳад ба дигаре насиҳат диҳад. Аммо на ба ҳар кас маслиҳати дигаре ба кор меояд. Сухани бегона умуман кам дар хотир мемонад. Ба кас одамон ақлу тамиз ёд намедиҳанд, балки худи зиндагӣ ёд медиҳад. Ва ҳар он чӣ, ки худи зиндагӣ омӯхт, умре фаромӯш нахоҳад шуд. Вақте ки худ пешпо хӯрда меафтию пешоният ба девор мезанад, баъд инро ҳар лаҳза пеши чашм меоварӣ. Ва дигар ҳушёртар қадам мемонӣ. Ҳаёт одамонро ҳамин тавр ба тасарруфи худ медарорад. Дар аввал чун мурғи посӯхта мегардӣ. Вале ҳамин ки ҳаёт дарси дигаре дод, он гоҳ мефаҳмӣ, ки саросема набояд шуд, мисли ҳама зиндагӣ бояд кард, ба равиши дарё нигоҳ карда обро убур кардан лозим.

Ака Назар дар шасту ду соли умраш на як бору ду бор ба ин бовар ҳосил кард. Ҳаёт ба ӯ чӣ ҷабру ҷафоҳо раво дид, ҳадду ҳисоб надорад. Вай ҳар дафъа суханони падарашро дар бораи ҳақиқат ва рафтори одилона ба ёд меовард. Ҳамин ки ба ёд меовард, медид, ки дер шудааст. Аммо аз дигар ҷиҳат андеша мекард, ки ба чунин панд чӣ сон амал бояд намуд? Чӣ гуна виҷдонро фаромӯш кардан мумкин? Ва оё ғайри одилона рафтор кардан мумкин аст, вақте ки фарзандонат ба ту менигаранд? Ва оё чизи дуздиро ба хона оварда метавонӣ? Охир, хона – маъвост, ҷои муқаддас!

Бо мурури вақт ака Назар фаҳмид, ки ба чунин насиҳат танҳо одамони палиду нобакор амал намекунанд. Инро ҳам фаҳмид, ки ҳарчанд падараш ин гуна насиҳат дода буд, ки ҳақиқату виҷдонро дар ягон ҷо чуқуртар гӯр кунад, вале худаш ҳам ин тавр рафтор намекард-ку? Бале, ҳамааш фаҳмо! Одамон одатан дигаронро насиҳат медиҳанд, вале худашон ҳам ба он амал намекунанд-ку?

Ҳар чӣ ҳам бошад, он чи ки падараш фаҳмонда натавониста буд, ба ӯ худи зиндагӣ нағзакак фаҳмонд. Охир, ин ҳам гапест, ки онро ҳаёт гӯянд. Аммо дар асл, ба ҳамааш Шодмон-Ялдир гунаҳкор. Яъне ин тавр шуда, ки дар ҳаёт он чи ки чашми тангу ялаққосии Назар оғоро пазонду мӯяшро як тор намонда то пушти сараш резонд ва шикамашро тулуми бой барин варам кунонд, танҳо ӯ гунаҳкор аст. Ҳарчанд ба вай фаҳмондан хоҳед, ки ашадитарин душмани инсоният фашистонанд, лек ака Назар сахт эътиқодманд аст, ҳар гуна фашист ҳам, дар назди Шодмон-Ялдир об хӯрдаст.

Назар оғо фашистонро кӯфта буд. Вай ҳам даруни хандаққо ба сардиҳои қаҳратун тоб оварда,

ҳам дар муҳосираҳо афтода, гуруснагии сахтро паси сар кардааст, дар госпиталҳо низ табобат шудааст ва фашистро торумор карда, пас аз панҷ соли ҷудоиҳо ба зодгоҳи азизаш, бо ғолибияти беҳамто баргашт. Аммо ин Шодмони малъунро дар панҷ солу дар даҳ сол мағлуб кардан муяссар нашуд. Инак, ними умраш гузаштааст, вале Шодмон-Ялдир ҳамеша дастболост. Ҳарчанд ки вай силоҳ, тӯпу танк надорад, лек бо забону мансаб ва дороии худ кӯшиш мекунад, ки Назар оғо виҷдонро фаромӯш созад, дар бораи адолату ҳақиқат ва ростравию виҷдон фикре накунад.

Ин бисёр ҳам кори ғалатаст. Одамеро, ки туро чашми дидан надораду дар ҳама ҷо ба ту халал мерасонад, ақаллан як бор пеши назар наовардан имкон дорад-ку? Не-не, вай таври доимӣ дар сари туст, шабу рӯз бо ӯ баҳсу талош меварзӣ. Ва ҳар чи ки дар хона гап мезанӣ, ҳатман ин тавр мешавад, ки зуд ё дер, боз сухан бо ин Шодмон-Ялдири фалокат вобаста мегардад, гӯё бе вай ҳеч ризқу рӯзӣ нест… Аз барои ӯ, ақаллан як даҳан нони ба сад азоб ба даст овардаат аз гулӯят ором намегузарад.

Вале ин дафъа кадом воқеа рух додаст. Ҳамон бегоҳӣ Тӯйлӣ бо табъи гирифта хона омад. Ҳатто сари дастархон ҳам нишасту қиёфаи рӯяш тағйир наёфта, ранҷ ӯро ҳеҷ тарк намекард. «Бечора, – мегуфт Назар оғо ба афту андоми писараш нигоҳ карда, – ҳанӯз ҳам ёд нагирифтаст, ки эҳсосоти худро аз кас чӣ навъ пинҳон дорад. Ҳар чӣ ки дар дил дорад, рӯ мезанад. Дар зиндагӣ ӯ бо душвориҳои зиёд рӯ ба рӯ мешавад».

Вале Тӯйли он чиро, ки дар дил дошт, пинҳон карданӣ набуд. Баръакс, вай бетоқат мешуд, мехост ба забон ораду ба ҳамааш туф кунад.

– Гӯш кунед, падар. Чӣ мешавад, аз гиребони он малъун дошта, нағзакак танбеҳашро диҳам? Агар бас накунад, рӯзе аз омаданаш ба дунё пушаймон хоҳад шуд. То кай ба ҷабру ситамҳои ӯ тоб овардан мумкин? Охир, ҳар чиз ҳам бамеъёраш. Як умр забонкӯтоҳ шуда гаштан хуб не. Худо якто, ки маҷақашро мебарорам-м?!

– Сабр бинмо, писарам. Тундравӣ хуб не. Дар ин олам ҳама чиз ба эътибор гирифта мешавад. Ба касе ҷавр раво бинӣ, сипас даҳчанд шуда бар сари худат фурӯ мерезад. Дар бораи Шодмон-Ялдир мардум ҳама чизро медонад. Ин барои ӯ беоқибат нахоҳад монд. Зуд ё дертар қурбони бедодгариҳои худаш хоҳад шуд.

– Кайҳо вақташ расидааст. Агар Худо ба қаҳру ғазабаш мегирифт, кайҳо бояд мегирифт. Маълум, ки Худо ҳам фиреб хӯрдааст, ба ҷои он ки ба Шодмон бадбахтӣ фиристад, ба вай ҳама вақт некӣ раво мебинад.

– Ба Худо шак набиёр, Тӯйлӣ! Худоро аз худ норизо нагардон, ки ба вай ин маъқул не.

– Ба Худо маъқул ё маъқул не, ман ин ҷо тафовуте намебинам. Ба Шумо, падар, росташро мегӯям. Ягон рӯз Шодмон марги худро аз дасти ман хоҳад пайдо кард. То ин вақт, Шуморо азоб медод. Акнун ин ифлос, ба ман часпидааст.

– Ту чиҳо мегӯӣ, писарам? Дар ин бора ҳатто, фикр кардан гуноҳ аст. Тавба гӯй! Ҳама дар ихтиёри Худост. Охир, беҳуда нагуфтаанд: «Сабр бикунӣ, аз ғӯра ҳалво бипазад».

Ҳоло мебинӣ, Шодмон ба остонаи дари мо хоҳад омад ва барои ҳамаи кирдораш аз мо узр ҳам мехоҳад. Одам аз тақдири худ гурехта ҷое намеравад.

– Аммо Шодмон-Ялдир доим гурезон аст. Вагарна, кайҳо сари ӯро зада маҷақ мекарданд. Оғои

Гунтуғдӣ ҳашт тир парронд, ягонтояш ба нишон нарасид-е!...

– Хуб, Гунтуғдӣ бо ин чиро ба субут расонд? Ҳамон тирандозӣ чӣ зарурате дошт? Ӯро ба нӯҳ сол ба маҳбас ҳукм карданд, аз ин чӣ тағйир ёфт?

– Ин нобакор, ақаллан ду-се сол аз хок қад боло накард, аз об ҳам хомӯштар шуда гашт. Гап нест, агар ман аз ӯ қасосамро ситонам, тири ман хок намехӯрад. Мили силоҳамро байни ду чашмаш гузошта, кулангро пахш месозам.

– Бисёр газоф нагӯй! Суханат даҳшатбор! Ҳамаи мо бандагони Худоем. Бе амри Аллоҳ як мӯе аз сари бандааш намеафтад. Ва Шодмон ҳам ба қаҳру ғазаби Офаридгор гирифтор мешавад. Чанд бор ба ту гуфтам. Маро водор насоз, ки гапамро боз такрор намоям.

Агар кушоду равшан гап занам, умедворам, ки Худо зуд ё дер Шодмонро ба ғазабаш гирифтор мекунад. Ягона такягоҳи ман Назар –оғо ӯст. Ман аз ҷавонӣ ба Худо бовар доштам. Дар пирӣ ҳам ба вай имон овардаам.

## 2

Онҳо дар наврасӣ ҳам бо ҳам ошноӣ надоштанд. Шодмон аз ӯ қариб як сол калонтар буд, бақувват ва ба гап ҳам усто. Ба замми ин падари Шодмон одами бадавлат буд, ки бисёриҳо аз ӯ забонкӯтоҳ буданд ва ӯро бинанд, забонашон мегирифт.

Танҳо бархурд ва баҳсу талошҳои бачагӣ ба ҳисоб гирифта намешавад, бо мурури вақт онҳо аз ёдҳо сутурда мешаванд. Воқеан, таври ҷиддӣ бархурди Назар-оғо бо Шодмон вақте рух дод, ки ҳардуи онҳо қариб сисола буданд.

Шодмон он вақт саркор ба шумор мерафт-ба тамоми ҷаҳон аз баландӣ назар меафканд (ва ҳоло ҳам ӯ аз асп мефурояд, лекин аз рикоб пой намебардорад!). Тамоми деҳот дар тасарруфи вай буд. Ҳама дар бригадаи ӯ кор мекарданд, аз субҳ то шом бо миёни хамзада заҳмат мекашиданд. Рӯзи меҳнатро Шодмон барояшон муқаррар мекард. Ин хел одамон ҳам буданд, ки ба ҳар як гапу кори Шодмон «Хӯшу лаббайк» мегуфтанд, ҳамаи хоҳиши ӯро ба ҷо меоварданд, то ки луқмаи боризтаре ба даст оранд. Тоқат овардан ба ҳамаи хостаҳои ӯ ғайри имкон буд, вале аз деҳаи худ баромада, боз куҷо ҳам мерафтанд?

Барои туркман тарк намудани зодгоҳ – баробар бо қиёматқоим буд, ба ҳамааш тоқат овардан мумкин, танҳо тарк кардани ҷое, ки хуни ноф чакидааст, амри муҳол. Назар оғо нияти тарки манзилу макон кардан надошт, ҳарчанд дар ин бора борҳо фикр мекард. Худро бо он ором мебахшид, ки саркор шуда гаштан ба Шодмон якумрӣ нест. Агар ҳукумат барои гуноҳҳояш ӯро гунаҳкор насозад, Худо ҳаст-ку, ҷазояшро медиҳад. Ин ҳукумат «Оқпошшоро» сарнагун кард, Гитлерро торумор намуд. Дар назди онҳо Шодмон-Ялдир як паша!» – худро тасалло медод Назар – оғо.

Вақте ки ба тақдир тан дода умр ба сар мебарӣ, худ намедонӣ, ки вай туро то куҷоҳо бурда мерасонад ва ба сарат чӣ рӯзҳое меоварад. Ва боре ҳам бидид онро, ки дидан асло намехост. Ин ҳамон вақт рух дод, ки майдонро тавассути «девятка» обёрӣ мекарданд. Агар медонист, ки он чист, дар сад сол ҳам ӯро он ҷо фиристода наметавонистанд. Хуб, дигар чӣ мекард, маълум ки ӯро худи тақдир он ҷо равона кардаст.

…Обёрӣ таври дилхоҳ идома дошт. Белаш сари китф ӯ хост зери тутзор равад ва дар сояи дарахт каме истироҳат бикунад. Вай баробари қадам задан аз равиши тақсимшавии оби ҷӯякҳо чашм намеканд. Хурсанд буд, ки то бегоҳ роҳат мекунад ва то он вақт пахтазор аз об сер мешавад, ҳар як ниҳоли пахта ба қаду ба бар мерасад.

Баногоҳ хаёл кард, ки ӯро бо калтак ба сараш фуровარданд! Назар ба чашми худ бовар накард. Аз куҷо донад, ки чунин вақеа рӯй медиҳад! Вай аз ногаҳон рух додани воқеа тарсида, ҳатто белро аз сари китф афтонд. Фақат акнун ба худ омад, ки овози ким-чи хел одамонро мешунавад. Ва аз куҷо дар он лаҳзаҳо одамон ба «девятка» ҳозир мешаванд?

– Кӯр ҳастӣ, магар? Ту куҷо қадам мезанӣ?!.

«Эй кош, чашми ман кӯр будию онро намедидӣ, он бешармиро! – мегуфт Назар.

– Ту ин ҷо чӣ мекунӣ? – Шодмон-Ялдир саросема эзорашро ба тан кашид. Аммо Соня, ҳамин хел ном дошт духтаре, ки бо тамоми нерӯ рӯ ба гурез овард ва фарқ намекард, ки дарун – даруни пахтазори об мондашуда медавад… Вай ҳамчунон мегурехт, ки гӯё аз ин расвоии худ гурехта тамом халос мехӯрад.

– Ту ин ҷо чӣ мегардӣ, чун саги дайду?

– Ман… Ман… – Назар мехост фаҳмонад, ки аз чӣ боис ин ҷо омадааст, аммо забонаш ба вай итоат намекард. Дилаш суст шуда, дар ҷояш нишаст.

– Хез! Аз чӣ мешинӣ? Бихез!

Назар ба белаш такя карда бархост. Вай аз фармони Шодмон тарсида не, балки нишастан рӯи замине,ки ин ифлосҳо хобида буданд, барояш нафратовар буд. Хесту аз он ҷо дур шуд.

Шодмон аз ақибаш давид.

– Ист! Куҷо меравӣ? Сабр бикун! Ист, мегӯянд ба ту! – Шодмон даст ба китфи Назар ниҳод.

– Дасти ҳароматро каш!

Шодмон даст кашид, чуқур нафас гирифт, китф дарҳам ҷафид ва ба атрофаш назар афканда хоҳиш кард:

– Гапзанон мекунем?

– Дар чӣ хусус? Ҳамааш маълум.

– Фарз кардем, ки ту чизе надидӣ, фаҳмо?

– Ту ба ман таҳдид накун!

– Ман таҳдид накардаам, – Шодмон оби даҳонашро фурӯ бурд. – Ту ба ман маъқул ҳастӣ, Назар. Ҳар чӣ бихоҳӣ, ман иҷро мекунам. Ҳеч як хоҳиши ту рад намешавад, бигузор ин воқеа байни мову ту монад.

– Оҳ-ҳ, ҷаҳони бемаънӣ!

– Ҳамсоя, дар бораи ҷаҳон баъд гуфтугӯ мекунем! Ба ман қавл деҳ, ки дар ин бора ба касе даҳон воз намекунӣ-а?! Қасам бихӯр!

– Хар ҳастӣ, ту! Ман дар ин манзил зиста, гумон мекардам, ки ин ҷои хеле хуб аст, одамонаш ҳалолу покизаанд. Аммо ту якбора ҳамаро расво кардӣ. Ҳамаро! Ва ин хел ҳайвонро одамон саркор интихоб кардаанд. Аз ту бояд одамон ибрат гиранд! Аммо ту бо чӣ ифлосӣ машғул ҳастӣ! Рост мегуфтаанд, ки «Моҳӣ аз сараш бӯ мегирад!»

– Биё, мардак барин гап занем.

– Бо ту? Ту худ оё медонӣ, ки марди ҳақиқӣ кист?

– Ту Назар, агар сирро ошкор созӣ, зан шавӣ!

– Наход, ки ҳаёти ин духтарак барои ту бефарқ аст? Охир, ба вай лозим, ки оянда ба шавҳар барояд, оилаи худро барпо созад.

– Не, Назар. Худи ӯ... Ман чӣ кунам, агар худаш хоҳиш дошта бошад?

– Худаш хоҳиш кард? Аҷаб не, ду-се рӯзи меҳнат зиёдтар навиштанӣ шудӣ? Лаънати Худо бод, ба ин пул! ...

– Хуб, бас аст, Назар. Биё, ҷиддитар гап занем.

– Бо ту дар чӣ хусус гап задан мумкин? Ин гуна касонро аз деҳа рондан даркор! Ту одам нестӣ! Ба ҳамааш дар назди мардум ҷавоб медиҳӣ!

– Алов нагир. Ғуломат мешам. Маошатро зиёд мекунам.

– Фикр мекунӣ, ки ту як умр саркор мемонӣ?! Пули ҳароми ту ба ман лозим не!

– Пул-пул аст. Танҳо одамони аҳмақ онро ба ҳалолу ҳаром ҷудо мекунанд!..

«Аз деҳа рондан лозим Шодмонро, рондан… рондан!..» Худи ҳамин фикр мағзи Назарро ҳеч тарк намекард. Вай дар дигар хусус фикр кардан намехост. Хурсанд буд, ки худдорӣ намуд, ифлосро зери мушту лагад нагирифт. Бигузор, Худо ҷазояшро диҳад. Худо ӯро ҳамчунон мезанад, ки дубора ҳеч ба худ намеояд. Худи ин малъун чӣ гуна одам аст? Хаёлаш, ки барои рӯзи меҳнати зиёдатӣ, тамоми оламро харида гирифта метавонад. Оқсақолон ба ӯ нишон хоҳанд дод!

Бегоҳӣ Назар хост, ки назди акаи Чошем равад. Сари як пиёла чой, дар ҳар хусус гап заданд. Гапашон намечаспид. Назар мехост дар ҳузури Худо пок бимонад, вале дар бораи ин аҳмақӣ чӣ тавр забонаш мегардад?.. Назар дар бораи ҳар он чӣ ки гап занад, Чошем оғо «бале» мегуфт.

Назар на якбору ду бор хост ҳамаашро гап занад, вале ошкоро ба забон оварда натавонист. Ғайр аз ин хонуми оғои Чошем дар хона буд. Охир, бо кадом рӯ дар назди ӯ гап занад?... Ниҳоят, ҷуръате пайдо карду гуфт. Ва ҳангоме ки саросема хайру-хуш карда мерафт, дар остонаи айвон ба Шодмон

рӯ ба рӯ омад. Вай бадқаҳр назаре афканд ба Назар ва гап назада ба хонаи Чошем оғо даромад.

Назарро шаб ҳеч хобаш набурда, азоб кашид. Гоҳе пеши чашмаш Шодмон-Ялдири масту аласт, гоҳ Чошем оғои бадтолеъ, гоҳ духтари беномуси ӯ, ки дарун – даруни пахтазор мегурехт, ҷилвагар мешуданд... Оё ба Чошем аз ҳодисаи рухдода гап задан зарурате дошт? Аҷаб не, рафтори хуб зоҳир накард? Назар худро бад ҳис мекард, нафаскашиаш вазнин, ҳаво гӯё намерасид. Вай ларзидаю даҳон воз карда нафас мекашид, ба мисли ғарқшавандае дар дарё. Вале вай медонист, ки агар он сирро ниҳон дорад, худро аз ин ҳам бадтар эҳсос мекард: худро гунаҳкор ҳисоб менамуд, чӣ дар назди Парвардигор ва чӣ дар назди мардум. Чӣ кунад, ҳамин тавр тавлид шудааст ӯ.

Ҳамаи ин бо чӣ анҷом хоҳад гирифт? Як чизаш аниқ: акнун ҳоли Шодмон табоҳ. Аҷаб не, аз деҳа наронанд, вале аз вазифа сабукдӯш гардиданаш аниқ. Ин аз рӯи адолат хоҳад шуд. Беҳуда нагуфтаанд, ки «Чун шоҳ барге аз дарахти бӯстон канд, одамонаш он дарахт аз бех кананд!».

Чошем оғо чӣ ҳол дошта бошад? Оё вай аз ин лаънатзадагӣ азият мекашида бошад?

Наход, ки вай тезӣ карда, ба сари Шодмон даст набардошт? Аҷаб не, ин сагро буғӣ карда кушта бошад? Агар ин тавр аст, касе Чошемро мазаммат нахоҳад кард, вале гуноҳи азимро бахшидан, ин худ низ гуноҳ!.. Эй Худо, кай субҳ медамад? Кош тезтар ин муаммо ҳалли худро пайдо мекард.

Субҳро интизор шудан лозим нашуд. Ними шаб касе дарвозаашро тақ-тақ зад. Баъд овози сулфа баромаду касе оҳиста садо кард:

– Назар, ҳой Назар, баро!

Назар сари ҷогаҳ хест, ба атрофи тип-торик чашм андохт. Хост бифаҳмад, ки овози кист. Баъд кӯрпаи болои завҷаашро соз кард, корди ошхонаро ба даст гирифта назди дар бирафт. Касе ҳам, ки дар ин нисфшабӣ омада бошад, ҳаргиз бо нияти нек наомадааст!..

– Дадеш, ман метарсам, – шунида шуд овози завҷааш.

– Аз чӣ метарсӣ?

– Наравед. Агар ягон чиз лозим бошад, бигузор субҳ биёяд.

– Ҳой Назар! – ин дафъа овоз қатъитар садо дод.

– Омадам, ана омадам! – ба сӯе нигоҳ кард Назар, ки фарзандонаш мехобиданд ва ба айвон баромад.

– Кист?

– Нашинохтӣ – чӣ? – Вай Гунтуғдӣ. Дили Назар таскин ёфт.

– Эҳ Назар-Назар! Ту чӣ кардӣ? Аз ту инро чашм надоштам. Тамоми деҳаро шарманда сохтӣ.

– Оё ман гунаҳкор?

– Бошад. Он чи ки рух дод, рух дод. Устувор бош! – Гунтуғдӣ даст ба китфи Назар гузошт. – Ана чӣ гуфтанӣ ҳастам: муҳимаш, рӯҳафтода мабош! Дон, ки ман ҳамроҳи ту. Албата, корро каме расво кардаӣ. Вале медонам, ки дили соф дорӣ. Ҳарчӣ ҳам, ки бошад, ман аз ту рӯ наметобам.

– Гунтуғдӣ, ту чаро омадӣ? Барои ором бахшидани ман?

– Туро дар хонаи Чошем интизоранд. Маро барои бурдани ту фиристоданд.

Онҳоро ҳафт – ҳашт тан мунтазир буданд. Аксар хешони Чошем ва Шодмон. Сархам менишастанд ҳини аз дар ворид шудани Назару Гунтуғдӣ яке сӯи онҳо чашм андохтанд.

– Бародарам Назар, – Қора оғо каме сукут кард, то сухани худро андеша карда, давом додан мехост. – Мо аз ту ҳамеша некӣ умедвор будем. Умедвор будем, ки инсони хуб шуда ба воя мерасӣ. Падарат, илоҳо ҷояш ҷаннат шуда бошад, одами оқил ва рострав буд. Аммо ту-умедҳои моро барбод додӣ. Кордат болои равған бошаду лекин тамоми деҳаро шармсор кардӣ!

– Ман он қадар бадавлат нестам, ки кордам болои думба бошад. Худ медонед, ки корди кӣ болои дунба аст. Вай ҳам – Шодмон!

– Не, бародар! Модоме ки гуноҳро ба гардан гирифтӣ, пушти сари дигаре паноҳ мабар!

– Ман ин хел одат надорам!

– Ту мефаҳмӣ, Назар, ба мо низ аз ин қазия гап задан осон нест. Сухан дар бораи чизи ҷиддӣ меравад. Гап дар ин ки ба номуси духтари Чошем расидӣ…

– Ба номусаш ман расидаам?! Оё ман расидаам? Ба Худо қасам! Ба нону намак қасам! Агар фиреб дода бошам, бигузор маро дастархони муқаддаси ин хонадон бизанад!

– Аз гуфтани чунин гапҳо наметарсӣ? – Қора – оғо ба Шодмон рӯ овард. – Шодмонбердӣ, ту маро маъзур дор, ки дар ин бора баланд гап задан хуб не, вале гап бизан он чӣ ки дидӣ. Сухан дар бораи номуси тамоми деҳа меравад.

Шодмон чуқур нафас кашид. Ба Қора – оғо нигаҳашро дӯхт, баъд ба Чошем назар афканд ва сипас чашм ба кунҷи хона дӯхта гап сар кард:

– Ман саркорам. Худи шумо одамон ин бори вазнинро ба дӯши ман бор кардаед ва ин кор чӣ масъулият дорад, худ медонед. Агар ҳар рӯз майдонҳоро давр зада набинам, об ҳам аз гулӯям

намегузарад. Ман ба замини «нуҳум» гузаштам, то бинам, ки обронӣ чӣ гуна давом дорад. Ҳамин ки ба таги дарахти тут расидам, ман онҳоро дидам... Он ҷо духтар аз куҷо омада аст, инашро намедонам...

– Дурӯғ, бӯҳтон! Одамон, ба ӯ бовар накунед! Шодмон дурӯғ мегӯяд. Ҳамааш баръакс буд. Ман онҳоро рӯи шармандагиашон дарёфтам! Агар бовар накунед, аз худи духтар пурсед!..

– Духтарро ҷеғ занед! – Овози Қора – оғо ларзид.

Хонуми зор-зор гирёни Чошем Сонияи бо тамоми овоз дод занандаро овард. Вай бо ҳар чӣ ба даҳонаш меомад, нафрин хонда тарафи Назар гуфт:

– Маро шарманда кардӣ! Шармандаи лаънатӣ!.. Гуфтӣ – ку, занамро пеш мекунам!.. Фиреб кард... Худо бардорад туро!

Назар хаёл кард, ки ба ин шармандагӣ дигар тоб оварда наметавонад... Баъд фикре ба сараш зад: Ҳо –о, ҳеҷ кори даҳшатноке рух надодааст!.. Осмон ба сараш фурӯ нарафтааст ва замин ҳам чаппа нашудааст. Ҳарчанд Назар баён кард, ки дар асл воқеа чӣ гуна буд. Ба гапи ӯ касе гӯш накард. Ба Гунтуғдӣ ҳам сухан надоданд. «Ту ҳамеша бо Назар якраъй!» – гуфтанд.

Назар чанд рӯз мисли гунаҳкор гаштугузор дошт. Баъзеҳо бо ӯ саломалекро ҳам бас карданд. Дигарон ҳам рӯирост гап намезаданд, вале бо нафрат аз ақибаш менигаристанд. Ҳатто чунин касон ҳам ёфт шуданд, ки ӯро дилдорӣ медоданд: «Ту Назар, аз он қабил одамон нестӣ. Мо ба худат бовар дорем!»

Боре вай ба ҷои ноаёне гузашта, расо гирист. Барои он гирист, ки ҳамдиёронаш ба бӯҳтон бовар

карданд, ҳақиқатро рӯи об наоварданд, Шодмонро тарафдорӣ намуданд. «Шодмонҷон дурӯғ намегӯяд!» – гуфтанд. Ба ёдаш овард, ки Гунтуғдӣ ҳам аз таҳти дил гуфт: «Ҳарчанд ин аз рӯи адолат набуд, вале одамони суст ҳар қадар кӯшиш кунанд ҳам, аздусар зӯр ҳамеша ҳақ мебарояд». Шодмон аз чӣ зӯр аст? Вазифа дорад. Алоқааш зӯр. Ба хешовандони зиёдаш такя мекунад. Пули туздии зиёд дорад… барои ӯ шуда, ҳатто пӯрзуртарин одамон ҷуръат аз даст медиҳанд.

«Не, Шодмон, барои ту ҳам балои мувофиқе ҳаст, – худро бовар мебахшид Назар. – Аз мо гузашт чашмдор нашав! Ба ҳамааш, ту аблаҳ, ҷавоб хоҳӣ дод. Ман ҳамон рӯзро интизорӣ мекашам».

Назар гумон кард, ки аз ҳама рӯ панаҳ кардааст. Аммо ӯро писари шашсолааш Тӯйлӣ пайдо намуд. Писарча ба вай бо даҳони воз, мутаҳайирона ва бо чашмони калони ҳайратзада нигарист: рухони падараш аз оби дида тар буд, чашмонаш суп-сурх, хунбор…

Тӯйлӣ оҳи чуқуре кашид.

– Падар, ба Шумо «Даъватнома» омад.

Назар ба нигоҳҳои писараш тоб оварда натавонист, ба дигар сӯ чашм дӯхт ва оҳиста гуфт:

– Медонам, писарҷон. Ба ту ҳам ҳоло душвор. Бачаҳои деҳа туро низ таъна мезананд, дар бораи ман ҳар хел гап бофтаанд. Ту ба онҳо бовар накун. Ҳамаш дурӯғ аст.

Лабакони Тӯйлӣ ба ҷунбиш омаданд. Сипас, ӯ ҳам рӯ ҷониби дигар овард, то падараш оби чашми ӯро набинад, боз ҳам ки нашуд, гирёну нолон рӯ ба гурез овард.

Назар даъватномаро чандин бор гашта хонд ва дудила нашуда, ба маркази ноҳия рафт. Он ҷо ба

додситонӣ – назди муфаттиш Қораев даромад. Вай он ҷавонмарде набуд, ки замоне чашмони хандон дошт. Вай Назарро дар дафтари кораш монда, хесту ба куҷое бедарак шуда рафт. Назар зимнан сухане зери лаб такрор мекард, ки ҳатман бояд гӯяд... Ниҳоят, то охир бозпурси ҳақиқӣ бурда шуд. Аммо дилашро гургҳо дандон мезаданд, тоқаташ тоқ мешуд, ки ҳамаи гапҳояшро то охир ба муфаттиш гуфта натавонист. Вақте ӯ омаду дергоҳ коғазҳои гуногунро варақ гардонида нишаст. Дар охир, ба Назар аҳамият ҳам надода, ким-чиҳо навишт.

– Пас, гуноҳ содир кардед? – бо табассум ба забон овард Қораев, ки гӯё сухан дар бораи кадом – як воқеаи ҷолиб ва хандаоваре меравад. Ба номуси Соня Чошемова расидед?..

– Ин дурӯғ аст! Бӯҳтон аст! – ҷаста хест Назар аз курсӣ.

– Шин! Шин! Ин ҷо гулӯ дарондан лозим намешавад. Ман туро пешакӣ огоҳ месозам: агар фиреб медиҳӣ, ба худат бад мекунӣ! Танҳо аз таҳти дил гапи ростро гуфтан – гуноҳи туро сабук хоҳад кард, мефаҳмӣ? – Ва муфаттиш боз ҳам табассум кард. – Инак, дар дасти ман аризаи аъзои фаъоли колхоз Соня Чошемова, – коғазҳоро як сӯ монд. Ва инак, изҳороти Шодмонберди Ойдоғдиев, дар бораи он ки шумо аввал ӯро кӯфтаед, сипас тӯҳмат кардаед, дар назди хешовандонаш ва тамоми аҳли деҳа духтарро шармсор гардондаед.

Вале Шодмон, ба маълумоти шумо бирасад, ки одами обрӯманд на танҳо дар ноҳия, балки дар вилоят ҳам! Коммунист!

– Ҳамаи ин дурӯғи маҳз аст! – Ба Назар чунин вонамуд гардид, ки забонаш варам кардаасту ба су-

хан гуфтан гӯё намегардад. Ҳамаи гапе ки ӯ гуфтан мехост, куҷое парида рафта... Вай базӯр ба ёд меовард, ки муфаттиш бо табассум ба ӯ чиҳо гуфт.

– ...Инак, аризаи онҳо. Агар хоҳед, метавонед ошно шавед. Дар асоси онҳо мо аз болои шумо «Парвандаи ҷиноятӣ» боз мекунем. Баъд аз тафтиш корро ба қозиёт (суд) мегузаронем, он ҷо чора мебинанд. – Муфаттиш Қораев боз ҳам дар дарёи табассум шино мекард гӯё.

Ниҳоят Назар худро ба даст гирифт, он чӣ ки дар майдони «нӯҳум» дида буд, қисса кард. Муфаттиш ҳам ба қиссаи ӯ бодиққат гӯш дод. Вай гоҳе чуқур нафас мекашид, гоҳ абрӯ чин мекард, ниҳоят чаққон аз ҷо хесту аз дафтари кораш берун рафт. Баъд аз чанд дақиқа баргашт ва хабар дод, ки барояш кори заруре баромадаст ва коғазҳои рӯи мизро ҷамъ намуд.

Тафтиш якуним моҳ давом кард. Назар боз ва боз ба додситонии ноҳия бирафт. Ҳар дафъа равшантар хулоса мекард, ки муфтатиши пуртабассум Қораев ҳақиқатро рӯи об карданӣ нест. Мақсадаш дигар ҳамаашро ниҳон дошта, Назарро ба маҳбас мефиристад. Вақте ки бори аввал аз ин огоҳ шуд, дасту дилашро шуст. Аз зиқӣ гоҳе, ҳангоми бозпурс ӯ умуман гап намезад бо муфаттиш: аз ин чӣ фоида, беист гап занаду ягон далели собиткунанда надорад, баръакс бар зидди вай ду ҷиноят мавҷуд аст. Назар, гоҳе сар ҷунбонда, ба гапҳои Қораев гӯш медод ва баъд худ худашро ва чашму забонашро сарзаниш мекард.

Шабҳои дароз маҳбасро дар хоб медид. «Эй Худо, – фикр мекард ӯ, – тақдир наход, ки ин ҷафоро низ бар сари ман бор кунад? Одами бегуноҳро гирию дар зиндон андозӣ!».

Кадоме фаҳмонд, ки аз болои муфаттиш шикоят нависад. Вай якчанд ариза навишта, ба идораҳои гуногун даромад. Дар ҳама ҷо ӯро хуш қабул мекарданд. Бодиққат мешуниданд. Ҳайрон мемонданд. Ҳангоми хайрухуш дилбардорӣ ҳам мекарданд: «зиқ нашавед. Ҳатман қилро аз хамир ҷудо мекунем. Масъаларо ҳаққонӣ ҳал менамоем. Шумо метавонед беташвиш бошед».

Рӯзҳо мегузаштанд, вале ҳеч натиҷа не! Баракс, муфаттиш Қораев акнун возеҳу равшан мегӯяд, ки Назарро аз маҳбас халосӣ нест. «Хуб, таваккал, хулоса кард Назар. – Ва агар ба зиндон рафтан лозим бошад, танҳо баъд аз он меравам, ки Шодмонро ба он дунё гусел медорам».

Назар борҳо бовар карда буд, ки аз Гунтуғдӣ дида дӯсти бовафо ва ҷонфидое надорад. Вале он рӯз ки ту бо дӯстат гирди дастархон дар рӯзи хурсандӣ мешинӣ ва рӯзи дигаре, ки ба сари ту ғаму андӯҳи зиёд омада аст, тафовут доранд. Гунтуғудӣ бо ӯ ҳамсоя ҳам буд. Дар он якуним моҳ, ки тафтиш давом дошт, ҳар шаб хонаи Назар омада мегуфт, ки додситони ҳамхизматаш дар аскарӣ, ҳоло дар рухсатист. Ҳамин замон боз мегардад ва албатта кӯмак мерасонад. Ҳамин тавр ҳам шуд: дар яке аз рӯзҳои пурсаодат муфаттиш Қораев бо табассум гуфт, ки аз сабаби вуҷуд надоштани далели шайъӣ парванда бекор карда шуд. Ҳамааш ба некӣ анҷом гирифт, ғамҳояш дур шуд.

Аз ростӣ, барои ин ба Гунтуғдӣ лозим шуд, ки гови багӯсолаашро фурӯшад, ғайр аз ин ба Назар ҳам лозим омад ҳар он чӣ барои рӯзи мабодо ҷамъ карда буд, шаҳр бурда сарф намояд. Вале ба ҳар ҳол, адолат ғалаба накарда намонд.

## 3

Баъд аз он ки Назар аз тазйиқи додситонӣ халос хӯрд, ӯро чизи дигар думболагир шуд: одамон ба чӣ қарор омаданд, оқсақолон оё ӯро маҷбур намесозанд, деҳаеро ки ӯ беобрӯ кардааст, тарк намояд. Охир, чӣ қадар шунидааст дар бачагӣ, ки чунин ҳодиса рӯи дод, аз деҳа ронданд, гунаҳкорро ҳатман меронанд.

Вале рӯзҳо мегузаштанду аммо Назарро касе аз деҳа наронд. Пас аз он ки Сония ба ҷавонмарде аз деҳаи дигар шавҳар кард, он қисса тамом аз хотирҳо рафт. Вале ҳеҷ кадом аз ҳамдиёрон ошкоро бар зидди Шодмон набаромад, ҳарчанд ки бисёриҳо медонистанд, духтари Чошемро кӣ аз роҳ бароварда, расвои олам гардонда буд. Назар аз ҳамдиёронаш гиламанд буд ва баробари ин барои онҳо роҳи халосиро ҳам ёфта бароварда буд: ҳар касро тақдиру аъмоли худ; бо зӯр баробар шудан бефоида. Вай инро фаҳмида тавонист, аммо ӯро бахшида натавонист…

Боре ба деҳа раис омад. Қариби пешин буд. Одамонро ҷамъ карданд, гуфтанд, ки як масъала муҳим: аниқ кардан лозим, ки аз ҳисоби колхоз як кас ба ВДНХ бояд биравад, роҳбарияти колхоз мехоҳад Шодмонро ба Москва фиристад. Ҳар кас, ки хоҳад овоз диҳад. Баъзеҳо аллакай даст бардошта буданд, ногоҳ аз байни издиҳом кадоме овоз баланд кард:

– Агар мо овоз медода бошем, номзади худро низ худамон пешниҳод мекунем. Бигузор Назар биравад ба Маскав. Мардак меҳнаткаш аст. Ором нагирифта кор мекунад. Як каме дам ҳам гирад.

– Бале. Дуруст, бигузор Назар равад, – дигарон низ дастгирӣ карданд.

Раис сурх шуд, хаёлаш, ки ӯро торсакие ба рӯяш заданд. Ба касе ҳарфе назаду тарафи «Газик» – и худ рафт. Ба Масква аз дусар Шодмон бирафт. Вале аз ин Назар чандон зиқ ҳам нашуд. Ҳоло ӯ ранҷише аз ҳамдиёронаш дар дил надошт.

Бо вуҷуди ин он қисса давом ҳам дошт. Ҳангоми гирифтани маоши моҳи дигар Назар бидид, барояш маблағи ночизе муайян шудааст, ки кирои гирифтан ҳам нест. Як моҳи дароз вай шабҳо обёрӣ карда буд, аммо барояш ҳамагӣ 30 (сӣ) сӯм.

– Э-ҳей Шодмон, ин чи кори ту? Дигарон, ки бо ман якҷоя кор карданд, то 200 сӯм гирифтанд. Ба ман-сӣ сӯм?

– Чи қадар кор карда бошӣ, ҳамон қадар маош, Назар. Азбаски ту ҳамсояи манӣ, бароят пули зиёдатӣ навишта наметавонам. Ман медонам, албатта, ту ҳам бояд оилаатро таъмин созӣ…

– Ту ба ман ҳаққулзаҳмаамро бидеҳ!

– Чанде бошад, ҳамонро бигир.

– Онро ҳам худат ба кисаат бизан, – Назар пас гашта бирафт.

Як моҳ гузашт. Ин дафъа ҳам вай дар рӯйхат ҳамон сӣ сӯмро бидид. Назар бо табъи хира ба идораи колхоз рафт. Ба раис аз худсариҳои Шодмон шикоят карданӣ шуд. Вай хост, ки ба раис дар бораи Шодмон-Ялдир ҳамаашро гап занад, қатъи назар аз он ки медонист раис бо Шодмон дӯстӣ дорад. Вале раис дар идора набудааст. Ба ӯ лозим буд, ки ба ягон кас сӯзи дилашро изҳор созад. Ҳарчанд даҳлези дуру дарозро гаштаю дарҳоро кушода бидид, касеро пайдо накард. Танҳо дар шӯъбаи муҳосиба духтараки ҳисобчӣ нишаста будаст. Аз қошу қавоқи Назар маълум буд, ки барфу борон меборад. Вақте ки ӯро дид, духтарак тарсидаю ларзида гуфт:

– Раис нест, ба сари заминҳои Шумо рафт.

«Ба кӣ шикоят мекунӣ! Чӣ нарсаги сиёҳу чӣ сафед, аз ҳардуяш ҳам бӯи бади саг меояд. Ғайр аз ин касони шикоят кардаро касе рӯйхуш намедиҳад. Ҳар кас як тақдиру насибаи худро дорад. Ва умуман дар рӯи замин адолат гуфтанӣ гап намондааст!» – Худ ба худ оташин шуда мулоҳиза меронд Назар рӯи кати чӯбин, зери дарахти тут нишаста. Ва дар ин вақт аз ақиби девор, аз ҳавлии Шодмон-Ялдир садои хандаи ғулғуладори раис баланд гардид, ки чунин хандаро дар он атроф ғайр аз раис дигар касе надошт.

Барои он ки ин хандаро нашунавад, Назар ба хонаи дарун гузашт ва он ҷо ҳам дер нишаста натавонист. Бо корҳои хона машғул шуда гашт, ба гӯсфанду говҳояш обу хӯрок дод. Ҳар як хандаи базарба, ки аз хонаи ҳамсоя ба гӯш мерасид, мисли захми корде ба ҷигараш мехалид. Ниҳоят, вай тоқат карда натавонист. Белу шохаро як сӯ партофту бо қадамҳои далерона тарафи ҳавлии ҳамсоя рафт.

Вақте ки ӯ даромад, Шодмон хурсандиро тамом аз хотир баровард. Ранги рӯяш париду зуд барои «истиқбол»-и Назар аз ҷо хест.

– Назар!

– Илоҳо ин нон дар гулӯи шумо монда, нафасгардонатон созад!

Раис, ки аз хандаи зиёд ашк дар чашмонаш падид омада буд, итоаткорона гуфт:

– Чаро ин тавр мегӯӣ, Назар? Ту аз мо чӣ бадие дидӣ?

– Бадӣ? Ғайр аз бадӣ, чизи дигаре надидаам ман!..

## 4

Вақт тез мегузашт, хаёле ки ба тӯй омодагӣ мегирифта бошӣ. Вале, ҳар қадар ки вай тез мегузашт, ҳамон андоза дар зиндагӣ дигаргунии хуб кам буд. Ҳамин тавр мерасид ба чашми Назар. Корҳои Шодмон боло мегирифтанд то ба кӯҳҳо мерасиданд, аммо аз они Назар дар пастӣ – зери кӯҳҳо… Вай тез-тез бемор мешуд, доим аз дил шикоят мекард.

Рӯзе ҳам фаро расид, ки ӯ назди Шодмон рафт, хоҳиш кард, ки ӯро ба кори сабуктаре гузаронад. Ҳамааш маълум, коре мувофиқи ҳоли ӯ пайдо нашуд. Охир, саркор чӣ қадар хешу табори худро дорад, боз чӣ қадар думкашакҳояш ҳастанд.

Назарро ба нафақа гусел карданд, аммо каландаш, чун мерос ба дасти писараш Тӯйлӣ гузашт. Бале, на танҳо каланд, балки саҳмияи падар низ ба гардани ӯ бор шуд. Назар оғо ҳар рӯз Тӯйлиро бесаброна интизорӣ мекашид, ки кай аз кор бармегардад ва бисёр мехост, ки тақдир бар сари Шодмон-Ялдир ҳам бераҳмӣ накарда намемонад… Аммо ба ҷои ин тамом гапҳои дигар мешунавид: «Имрӯз Шодмон дар ҳузури ҳама бар сари ман дод зад»; «Аз маоши ман зиёд дошта гирифтаанд». Ва ин кам буд-ҳамин ки Тӯйлӣ даҳон мекушуд, Назар оғо зуд пай мебурд ва бо тамоми тафсилоташ нақл мекард, ки чӣ гапу чӣ коре рух додаст.

– Имрӯз чӣ ҳодиса рух дод? – ниҳоят пурсид ӯ аз Тӯйлӣ, ки фақат аз Шодмон гап мезаду дар асл чӣ ҳодиса рух доданашро намегуфт. Ва ин ӯро ба ҳаяҷон меовард.

– Раисро аз кор гирифтанд.

– Раисро? – осема пурсон кард Назар оғо. – аз кор гирифтанд?

– Ба нафақа гуселаш карданд. Аҳволи саломатиашро ба назар гирифтаанд.

– Ҳо... Ин хелиҳоро то дами мурданаш аз вазифа сабукдӯш кардан натавонанд. Агар ба нафақа рафта бошад, пас кораш чатоқ. Аз ин ҷо дураш мекунанд. Дар бораи Шодмон чӣ гап? Онҳо бо ҳам алоқаи наздик доштанд.

– Ҳеч гап не. Ӯро раис таъин карданд.

– Чӣ? – хаёлаш, ки дили Назар, мисли анори расида торс кафид ва аз дард чашмонаш сиёҳӣ заданд.

– Эҳ, кай ба гапи мо гӯш мекарданд. Котиби ҳизбӣ омаду гуфт, ки ғайр аз Ойдоғдиев дигар роҳбари беҳтар нест. Гӯё Шодмонберди оғо ба нафақа рафтанист, барои истироҳат. Не, агар мардум розӣ бошанду хоҳиш кунанд, боз ҳам ба фоидаи ҷомеа кор карда метавонад.

– Ва шумоён хоҳиш кардед?

– Ман хоҳиш мекардам-чӣ?

– Хуб, даст бардоштӣ?

– Дасти як худи ман чиро ҳам ҳал мекард? Ҳама даст бардошт.

– Ту ҳам даст бардоштӣ?!

– Ҳо, вай ба овози ман мӯҳтоҷ – дия. Ман дод задам, ки «муқобил» ҳастам.

– Одамон чӣ, одамон?

– Чӣ ҳам мегуфтанд? Хандиданд. Танҳо Гунтуғдӣ оғо маро тарафдорӣ кард. Вай ҳатто баромада гап зад.

Тӯйлӣ қисса кард, ки Гунтуғдӣ чиҳо гуфт, аммо Назар оғо ӯро дигар намешунавид.

## 5

Баъд аз ин зарбаи тақдир Назар оғо бемор афтод. Тӯйлӣ шабҳои дароз дар паҳлӯи падараш менишаст. Аз назди ӯ дур намешуд. Ҳар он чӣ ки ме-

фармуд, ба ҷо меовард. Онҳо дар ҳар бора сӯҳбат мекарданд. Вале, гӯё ваъдагӣ буданд, ки номи Шодмон-Ялдирро ба забон намегирифтанд.

Боре Тӯйлӣ ба мағоза рафт, вале ғайричашмдошт хеле зуд баргашт ва ӯ аз остонаи дар шодию хурсандии худро ниҳон надошта гуфт:

– Шодмон-Ялдирро ба касалхона бурданд. Мегӯянд, ки муфаттишҳо омадаанд. Ҳамаи користони ӯро ошкор кардаанд, дилаш якбора аз кор мондааст.

– Бечора! – Назар оғо базӯр даст боло кард, арақи рӯяшро пок намуд. – Қаҳру ғазаби Худо пурдаҳшат аст ва ҳеч кас аз он халосӣ ҷуста наметавонад. Шодмон гуноҳҳои зиёд содир кард, охиратро ба ёду хаёлаш ҳам наовард. Аз чӣ? Оё фарзандони ӯ гурусна буданд? Чӣ қадар одамон ӯро лаънат мехонданд. Акнун, маълум ки ба ҳамааш ҷавоб бояд диҳад. Бале, писарам. Вай ҳаст дар дунё. Шумо чиро дар назар доред, падар?

– Адолат, ман инро дер фаҳмида бошам ҳам, вале вай омад. Оё ман ба ту нагуфта будам, ки одами бад зуд ё дер қурбони дасисаҳои худ мегардад. Ҳама чиз ҳисобу китоб дорад…

Назар оғо вазнин нафас кашид. Вай чандин бор сахт ба ғазаб омада буд? Чандин бор омада буд тан гирад, ки Шодмон-Ялдир бар вай ғолиб омада буд? «Танҳо акнун фикр мекард Назар оғо, – акнун ҳаёти ҳақиқӣ шурӯъ мешавад».

Вале то ин рӯзҳои нав, то ин умри дубора, ки пирамард чандин сол боз орзу мекард, чунон кам вақт монда, ки онро бо панҷаҳои як даст метавон шумурд.

*Чорӣ ГЕЛДИМУРОДОВ*

# СЕ ҲИКОЯ

## БЕМОРИИ НОДИР

Аҷиб, ки Нумат бурун аз одат ин субҳ бармаҳал аз хоб бедор шуду дар ҷисми хеш сабукии фавқулодда ва дар дилаш нишотеро эҳсос кард. Ғур-ғури зану мағали кӯдакон ӯро нороҳат карда бошанд ҳам, пас аз субҳона ин эҳсоси гуворо боз тану ҷони ӯро роҳат бахшидан дошт.

Вақти ба кор рафтан бо дӯкондор, ки одатан ӯро барои зиёда бовиҷдону хурдагир буданаш бад медид, аҳволпурсӣ кард.

Дар идора ба курсии бароҳати махмалпӯш нишаст, бо ҳамон эҳсоси нишотмағзаш чизе шуда бошад – андешид Нумат.

Дарро бо ангушт кӯфта коргари анбор Ҷумъа ворид шуд. Нумат одатан ба сари ӯ ғазаб мекард. Вале ин навбат қаҳраш рӯ назад: «Чаро ту мисли мехкӯбшуда истодаӣ? Бигӯ, чи кор дорӣ ва зуд думатро хода намо!» – мегуфт ҳар навбат. Имрӯз ғайри адат, бо меҳрубонӣ аҳвол пурсид:

– Ҷумъаҷон, аҳволат хуб аст? Таҳсилат чи тур? шарм надор, бигӯ бо чи хоҳиш омадӣ?

Ҷумъа, ки аз чунин қабули фавқулодда осема шуда буд, зери лаб ғурунгид:

– Нумат оғо ман, ман... – наметавонист вожаҳоро ба ҳам оварад.

Нумат ба ғазаб омад. «Чи истодаӣ, мисли ҳайвон? Беҳуда вақтамро нагир, зуд гапатро бигӯву бирав» гуфтанӣ буд. Вале комилан сухани дигар гуфт:

– Бигӯ, ба чи коре омадӣ? Бо ту барин одами ҳақгӯй эҳтироми хоса дорам.

Ахиран, Ҷумъа хоҳиши худро иброз намуд:

– Агар имконият бошад, Нумат оға, барои тӯй рухсатии якҳафтаина диҳед. Нумат посух доданӣ буд, ки «Тӯят аз сарат монад! Вақти зиндагиатро ёфтӣ, ту пайи хурсандӣ мешавию корро кӣ мекунад?!» Боз буруни одат сухан ба меҳр гуфт:

– Дуруст мекунӣ. Оиладор шудан, амри воҷиб аст. Худо туро хушбахт намояд! Ноҷӯр мабош, тӯятро худамон ба сомон мерасонем. Рухсатӣ ҳам медиҳам, ба ҷоят одам ҳам меёбем. Амр медиҳам, ки зуд ёрии моддӣ низ бидиҳанд.

Ҷумъа гӯйӣ бол бароварда бошад, аз утоқи ӯ баромад. Нумат боз бо худу андешаҳои хеш монд. «Ба ман чӣ шуда бошад? – азоб мекашид аз ин андеша. Вале ҷавоби суолашро ёфтан наметавонист. Нумат ба по шуд, даври утоқ, то тавонад аз ин ҳолати аҷиб, ки гӯйӣ дар вуҷуди ӯ каси дигар ҷой дошта бошад, хешро раҳо намояд. Вале қудрати дарки онро надошт. Ба курсии роҳат биншаст ва сар рӯи миз ниҳоду чашм пӯшид. Дами ғафлат шуд, ки сурфаи нохости касе ӯро ба худ овард. Рӯ ба рӯяш марди миёнақаде меистод, ки ба ӯ салом дод.

– Чи хидмат кунам бароятон? – пурсид Нумат.

– Мӯҳтарам – нидо кард мард ва бе иҷозат ба курсӣ нишаст. – Ман одатан хоҳиши ёрӣ пурсидан надорам. Вале аз ноилоҷӣ ба Яқуб Ялкабович муроҷиат кардам, ӯ ба назди шумо фиристод.

Гуфт, ки шумо шахси кордон, ба шумо умед баста мешавад. Ба наздикӣ барои писарам хона харидам. Худатон медонед, ки хонаву палос гуфтаанд ва боз ҳазору як майдачуйдаи дигар. Ман аз нарху навояш ҳарос надорам, даҳон пур карда, нархатонро гӯеду бигиред.

– Якбора суханро аз Ёқуб Ялкабович оғоз мекардӣ намешуд.

– Чуну чаро нашояд, варна ду даст дар бинӣ мемонам. Ӯ ҳар касро ба назди ман намефиристад, – андешид Нумат. Гуфтанӣ буд, ки «анбор аз худат, чи мехоҳӣ бигиру бирав». Вале аз даҳонаш гапи дигар баромад:

– Бубахшед, ман ҳатто номатонро намедонам. Баъдан, инҷо ҷайқовбозор нест, ки ҳар чӣ хоҳед ба даст оваред...

Шояд аз рӯи эҳсос ва дигар чиз буд, ки овози Нумат ларзид. Ношинос, ки чунин посухи густохонаро интизор набуд, ба зарда гуфт:

– Ту шояд, шубҳа дорӣ? Агар бовар надорӣ, худат ба Ёқуб Ялкабович занг бизан, – гуфту даст сӯи телефон бурд.

– Натанҳо Ёқуб Ялкабович, ҳатто падари ӯ маро маҷбур кардан наметавонад, ки ба ту аз амбор ақаллан сӯзане бидиҳам, – эътироз кард Нумат.

– Хайр, мебинем!.. Ҳм, чи тур Ёқуб Ялкабович ба инхелҳо бовар мекунад? Ман масъаларо ин тур намемонам, – бо зарда дод зад ношинос ва дарро сахт пӯшида бурун рафт.

Нумат дар танҳойи ҷиддан хотирпарешон шуд. Чи шуда бо ӯ, ки ҳама амалаш баракси одати пешин аст. Воқеан, агар минбаъд рафтораш чунин бошад, оқибаташро худо медонад.

Вале эҳсоси гуворо боз роҳаташ бахшид.

Эҳсосе, ки минбаъд тавонад, танҳо корҳои хайрро ба анҷом бирасонад. Занги телефон ба худ овардаш.

– Нумат, магар аз ақл бегона шудайӣ? – шунид овози ғазаболудеро аз гӯшӣ. – Ту магар маро шармсор карданиӣ? Ё вазифа ба дилат задааст? Ба зудӣ аз шахси ба наздат омада бахшиши гуноҳ пурсу ҳар чи мехоҳад бидеҳ, вагарна... Нахуст Нумат сари ин андеша шуд, бигӯяд ки аз карда пушаймон асту пайи ислоҳи кори худ мешавад. Вале оромона гуфт: – Ҳой хусур, хоҳишмандам ба корҳои ман дахолат накунӣ. Ман намехоҳам бурун аз қонун амал карда, моли давлатро тороҷ намоям. Мефаҳмӣ, ҳуқуқ надорам... Ба гуфтан гуфту аз ҷасорати хеш дар ҳайрат шуд.

– Ҳой домодаки азизам! – ғазабу нафрин буд дар ин садо. Ин туйӣ ё шайтон ба мо ҳамроҳ шуда? Фармони маро иҷро куну гапро камтар!

– Агар бо тамоми авлод ба сарам оед, дигар хилофи қонун амал нахоҳам кард! Гуфтам ки намекунам, пас мутмаинам ба гуфтори хеш, – дод зад Нумат дар посух ва гӯширо ҳаво дод.

Мағзи Нуматро ҳарос фаро гирифт. «Акнун чӣ мешавад? Охир хусурам бо душвориҳо бароям ин вазифаро гирифт, магар аз гуноҳи имрӯзаам мегузашта бошад» – фикр кард ӯ. Ахиран, қарор кард, ки ба хона биравад, роҳат намояд ва фикрҳои парешони хешро ба низом биёварад...

Чун даррабуд хобаш, рӯъёҳои даҳшатбор думболгираш шуданд. Касе гӯйӣ дар гӯшаш мегуфт: «Аз фиребу ҳаромхӯрӣ касе ба мақсад нарасида. Ҳалол зиндагӣ бинмо, мефаҳмӣ маро?» Нумат бо ҳарос аз рахти хоб хеста, аз ҷевон колои худу ҳамсар, қолин, телевизор ва дигар ҷиҳози

қиматбаҳои хонаро якояк ба кӯча бароварда, пайи оташ задан шуд. Шакар – зани Нумат аз ҳодиса бохабар шуда, бо душворӣ гӯгирдро аз дасти ӯ дар рабуда фарёд зад:

– Нумат, ту магар девона шудайӣ?! Мехоҳӣ дар назди ҳамсояву дӯстонат шармсор бошӣ? Ин чӣ амал аст?

– Мехоҳам ин ҳамаро бисӯзонам. Инҳо бо пули ҳаром ба даст омадаанд.

– Ба фикрам, ту воқеан девона шудайӣ, – эътироз кард Шакар. – Мо ин чизҳоро бо азобҳои зиёда ҷамъ кардем. Агар падарам ёрӣ намедод, умрамон дар қашшоқӣ мегузашт!

Нумат аз оҳу воҳи занаш акнун ба худ омад. «Бо ман чӣ шуда бошад? Шояд назди духтур биравам? – андешид ӯ». Духтур ба ҷид ӯро аз ташхис гузаронид ва ба хулоса омад, ки Нумат мубталои бемории рӯҳӣ набуда, комилан солим аст.

Нумат пас аз ташхис низ ба солимии хеш бовар накард: доктор, азизам, илтиҷо дорам, ки бори дигар маро ташхис намоед. Аз субҳ боз бо ман ҳолати ҳайратовар рух дода. Ба ман ёрӣ расонед! Ва ӯ, он чиро ки тамоми рӯз бо ӯ шуда буд, ба доктор ҳикоят кард.

Духтур гуфтори ӯро босаброна гӯш карда, бо табассум гуфт:

– Шумо ба ёрии мо мӯҳтоҷ нестед. Дар мағзу дили шумо виҷдон бедор шуда, ки зарар надорад. Комилан як рӯйдоди одӣ аст.

Нумат аз назди духтур каме осудахотир баромада бошад ҳам, тамоми роҳ суоле ӯро нороҳат менамуд: «Акнун бо ин виҷдони худ чӣ тур метавонам бо ҳамсару Ёқуб Ялкабович зиндагӣ дошта бошам».

## НАҶОТБАХШ

Ҷаласа субҳ оғоз шуду гӯйӣ ки ин ҳарзагӯйиҳоро анҷом набуд. Толор аз дуди тамоку дӯзахро мемонд. Новобаста аз танаффуси яксоатӣ ҳайъати раёсат хаставу беҳол буданд. Эшон аз он нороҳат буданд, дар рӯзномаи ҷаласа танҳо ду масъала бояд матраҳ шавад, ки шояд як шабонарӯз кифоят накунад.

Сардорони олимақом норозигӣ карданд: «Ҷаласаатон куллан аҳамият надорад!». Ин навбат бо як тир ду сайдро заданӣ шуда, дар рӯзномаи ҷаласа нахуст ҳисоботи сардори гурӯҳи ҷустуҷӯйии археологӣ, ки ним сол машғули кофтукови қалъаи бостонӣ буд ва ҳамзамон масъалаи интизоми корро мавриди муҳокима қарор доданд.

Атрофи масъалаи якум кашмакаши зиёде ба вуқӯъ пайваст. Роҳбари гурӯҳ Қуввват Мардонов ҷасоратмандона худро муҳофизат мекард. Ӯ ду ҳайкалчаи гургбачаҳоро ба ҳозирин пешниҳод намуд. Сипас, бо маҳорати махсус ҳикоят кард, ки тавассути қалъаи Шергала дар гузашта роҳи корвонгузар будааст. Ҳамзамон косахонаи сарҳои ёфтаашро нишон дода, исбот карданӣ мешуд, ки замоне дар қалъа ҷанги шадид ба вуқӯъ омадааст.

Нисбати Қуввват Мардонов хӯрдагириҳо зиёд шуданд.

– Шумо чиҳо мегӯед, дар кадом асос аз мавзее, ки номи «Саги мурда»-ро дорад, гузаштани роҳи корвонро исбот мекунед, – дод зад нафаре.

– Атрофи Шергала ҳаргиз задухӯрд набуда, – гизала шуд дигарӣ.

– Ҳарзагӯйӣ накунед, ҷойе ки инсонҳо зиндагӣ доштанд, ҷанг ҳамеша ногузир буд, – гапгузаронӣ кард саввумӣ.

Андешаҳо мухталиф буданду ҳозирин сари ин масъала ба ҳам наомаданд. Ахиран, ин масъала ба ҷаласаи навбатӣ бозпас монда шуд ва ба муҳокимаи масъалаи дувум шурӯъ карданд. Раисикунанда хастаҳолона аз ҷой хеста ба ҳозирин ғамангез нигарист, худ ба худ андешид: «Тезтар хотима бояд дод, вагарна мардум аз хастагӣ аз пой меафтанд».

– Рафиқон. Сухан ба дарозо намебарам. Масъала фаҳмо, ҳама медонанд, чи гуна ҳодисаи ногуворе, ки ин гуноҳ ба дӯши ман-раиси иттифоқи касаба бор шуд. «Ду ҳамкорамон машғули шоҳмотбозӣ шуда, аз ҳисоби вақти кори давлатӣ, панҷ дақиқаро «фурӯ» бурданд. Ин кормандон аслан бовиҷдон, дастгири ҳамкорон, ҳалолкоранд ва ба кор сари вақт меоянд. Аз ин лиҳоз, фикр мекунам, ки бори аввал аз гуноҳи эшон бигузарем. Вале моҳияти масъала дар дигар чиз аст, яъне шоҳмот. Ман ба ҳайси раиси иттифоқи касаба талаб мекунам, ки шоҳмот нобуд карда шавад. Вагарна шахсони дигаре пайдо мешаванд, ки дар вақти кор шоҳмотбозӣ мекунанд, оқибати он ба хубӣ анҷом намеёбад. Худо накарда, вақти бозӣ нозирон омада монанд, албатта хуб намешавад.

Раисикунанда суханашро тамом накарда, дар толор шӯру мағал бархост. Аз миёни ҳозирин марди тундмиҷозу оташин ба минбар баромад. Аз ғазаб ва эҳсосе ки дошт, муддате чизе гуфтан натавонист. Ниҳоят, худро идора карда, ба гап даромад:

– Аҷаб ҷаласаи аблаҳона! Нахуст бо ҳайкалчаҳои гургбачаҳо сари моро ба дард оварда, баъдан бо косахонаҳои сари аз даври уқёнус монда каллаи моро гаранг карданд. Ман чунин

ҳайкалчаҳоро дар хонаи тағоям дидаам, ки се сол пеш аз кӯҳнабозор харида буд. «Ин корҳо танҳо ба хотири худсафедкунӣ аст!». Бинобар ин, дар айни вақт, масъалаи асосӣ шоҳмот аст. Бе тамасхур маро то охир гӯш кунед. Гараҷа ва Мелеҷа – шахсони хеле иззатманди коргоҳи мо ҳастанд. Дар ҳама озмунҳои шаҳрӣ ғолиб омада, соҳиби ҷоиза мегарданд. Шумо инҷо мехоҳед, ки барои панҷ дақиқа вақти корӣ шоҳмотро аз байн бардоред! Охир, ин бозии хеле қадимӣ ва машҳур аст. Матбуот, садо ва симо ҳамеша ин ҳунари волоро тарғиб мекунанд. Мо бояд аз муваффақиятҳои ҳамкорон ифтихор кунем.

Баҳс атрофи шоҳмот тӯлонӣ шуд. Ҳозирин хеле хаста буданд. Нохост аз қатори охирин овози фаррош – холаи Қурбонгул ҳамаро ба худ ҷалб намуд:

– Азизони ман! Магар аз ин баҳси беҳуда шарматон намеояд? Ҳамаатон солхӯрдаву соҳибақледку! Ҳарқадар хоҳед шоҳмотбозӣ кунед. Агар утоқи коратон тангӣ кунад, ё аз нозирон биҳаросед, метавонед дар анборхонаи ман бозӣ кунед. Он ҷой тамоми рӯз холӣ аст, фақат ба сатилу полшӯяки ман нарасед шуд. Дарро маҳкам карда, то ба дилатон задан бозӣ кунед.

Раисикунанда миннатдорона ба фаррош нигариста, бо табассум гуфт:

– Хайр, ба пешниҳоди холаи Қурбонгул ҳама розӣ ҳастед?

Ҳама бо як овоз таклифи холаи Қурбонгулро дастгирӣ карданд. Раисикунанда бо қаноатмандии хос нидо кард: «Шукри худованд, ки сари вақт наҷотбахшро ба мо фиристод».

## БЕҒАМЁР

Мошини дӯкони сайёр, ки бо суръат мерафт, назди бошишгоҳи чӯпонҳо қарор гирифт. Ронандаи ҷавон аз он фаромада либосҳояшро афшонд. Кулоҳашро алвонҷ дода, нидо кард. Роҳи дарозу чангу хок овозашро хаста карда буданд. Базӯр сулфида-сулфида овоз баровард:

– Телепакоғо.

Чӯпони пир бо шунидани номи худ саросема шуд. Вай сарчӯпон буд, синаш ҳафтодро убур карда, соҳиби обрӯ, қадрдон аст. Касе ӯро дар саросемагиву сабукборӣ гунаҳкор карда наметавонист. Вале то об нӯшидану нафас рост кардани ҷавон бетоқат шуд:

– Писарам бигӯ, чи ҳодиса рӯй дод? Чи хабар овардӣ! – бо садои ларзон пурсид Телепакоғо.

– Намедонам, бобо, – бо оромӣ ҷавоб дод ронанда Момаки. Маро барои овардани шумо фиристоданд, бояд ба идора биравед.

Мисле, ки ба сараш як сатил оби ҷӯш рехта бошанд, Телепакоғо чун мурғи посӯхта бетоқат шуд.

– Чи ҳодиса шуд, гап зан, охир, – ноҷӯр шуд чӯпони пир, ки вуҷудаш оҳиста меларзид. Шамолак ҳамоно бо оромӣ ва тамкин посух дод:

– Шумо бояд ба идора равед, тамом вассалом. Сабабашро напурсидам. Гуфтанд, ки зуд бираву биовар, ман омадам.

Дар бошишгоҳи чӯпонҳо бесарусомонӣ рух дод. Тахминҳо гуногун буданд, вале касе фикрашро иброз накард, умеди хайр набуд. Телепакоғо дар хусуси оилаи худ, ки дар деҳ буд, фикр мекард. Дар сараш ҳазору як гумону андеша буд.

«Худо накарда, бо онҳо нохушие шуда бошад! Худованд нигаҳбон шавад!». Ӯ мекӯшид, ки фикри бадро дар сар ҷой надиҳад. Намешуд. Гургон гӯё дилашро пора мекарданд.

Роҳи шасткилометрӣ барояш якумрӣ менамуд. «Ҳоло вақти ҷонканӣ аст, кор болои кору бояд, ки ба чарогоҳи дигар кӯч бандем. Беҳуда фарёд намекунанд. Магар ҳодисае шуда» – меандешид пайваста.

Мошин қарор нагирифта, чӯпони пир дар назди идора аз он поён шуд ва сӯи дар давид ва дами дар дӯсташ Элмуродоғоро дид. Вай бо табассуми малеҳ ба чӯпон салом дод. Базӯр худдорӣ кард аз суол додан, аз саломатии худу наздикони дӯсташ пурсон шуд. Пас аз посух ба суолҳои дӯсташ пурсид:

– Сардор маро наздаш хондааст – чаро?

– Сардор мегӯйӣ? Дар идора касе нест.

Ҳама панҷрӯза ба маркази вилоят рафтаанд. Фардо бояд баргарданд.

– Пас, ки маро таъҷилан хабари омадан кард? – саросема шуд чӯпони пир.

– Муҳосиб Вайис дар идора мондааст, шояд ӯ чизеро медонад, – андешамандона посух гуфт Элмуродоғо. – Рӯзи дароз ҷиддан бо сандуқи оҳаниаш ҷунбуҷӯл дорад. Шояд аз ӯ бипурсӣ? Муҳосиб бо чеҳраи кушод чӯпонро пешвоз гирифта, бо чой зиёфат карду гуфт?

– Ҳа, туро ман даъват кардам, бо хоҳиши сардор. Сардор маро сармуҳосиб таъин кард, мефаҳмӣ, сармуҳосиб! Вайис лаҳзае хомӯшона ба рӯи чӯпони пир нигариста афзуд: – Ана, ҳамин тур, чун сармуҳосиб бояд тамоми ҳуҷҷатҳоро дида баромада, ҳисобу китоби хоҷагиро аниқ намоям.

Директор амр дод, ки тамоми корҳоро ба низом дароварам. Субҳ баробари бонги хурӯс инҷо меояму шаб, вақте ки ҳатто сагҳо аз ак-ак монда мехобанд, ба хона меравам. Чор рӯз боз аҳволам ҳамин. Ана, ҳуҷҷатҳои шуморо ҳам ёфтам. Ин ҷо низ камиву костӣ ҳаст.

Сармуҳосиб ҳуҷҷатҳоро ба таги бинии чӯпон оварда гуфт:

– Ана, мебинед, ҷои номи авлодиатон холист, дигараш дуруст.

Чӯпони пир беҳаракат нишастан дошту ба як нуқта, ҷое ки ангушти ишорат ниҳода буд, нигаристан. Ахиран, чашм боло кард, бо ҳайрат сӯйи муҳосиб нигарист ва чашми муҳосиб ба нигоҳи ӯ бархӯрду саросема гуфт:

– Агар нозирони марказ хатое ёбанд, шармандагист. Ҳам ба ман ва ҳам ба сардор...

Чӯпон гуфтание дошт. Вале ба рӯи ҳамсӯҳбаташ нигариста, истиҳола кард.

– Ана, варақи тоза, онро аз нав бояд навишт, – гуфт Вайис ва онро назди чӯпон гузошт.

– Агар ман дар ҳамин варақи кӯҳна номи авлодиамро нависам, вақти зиёд намерад, – бо умед нигарист ба муҳосиб ва чашм ба беруни тиреза дӯхт, ки шамоли сахт бархостан дошт.

– Албатта, ин кори хуб аст, вақт сарф намешавад. Вале ин ҳуҷҷат чиҳил сол пеш навишта шудааст, рангаш дигар аст. Ин хел рангро аз куҷо меёбем.

– Майлаш! – розӣ шуд чӯпон. – Пас, барои ман айнак биёр ва худат ёрӣ бидеҳ. Медонӣ саводи хуб ҳам надорам...

Шамоли ба хона воридшуда ба шиддат тирезаро боз намуда, коғазҳои рӯи мизро титу пит

кард. Қатраҳои калони борон гӯйӣ ба тиреза дойра мезаданд. Осмон тира шуд.

– Хуб, менависем, – оромона гуфт Вайис. – Нависед: ном, «номи падар ва номи авлодӣ». «Гӯсфандон... рама... тундар» – бо ҳарос дили чӯпони пир ноҷӯр ба задан даромад.

– Ёварам ҳанӯз ҷавон аст... магар аз ӯҳдаи сариштаи рама мебарояд...?

– ... Шумо хавотир нашавед Телепакоғо, ҳозир ҳуҷҷатҳоро пур мекунем, ба таври бояду шояд. Охир ин кори муҳим аст... «Чаро ин ҷо мисли кулӯх нишастаам? Ва чаро ба гапҳои ин ҳарзагӯй гӯш медиҳам. Ҳм. Ҳама корро сари вақт кардан даркор мегӯяд...» – давр задан доштанд ин суханҳо дар мағзи мӯйсафед. Ӯ хесту ба берун давид. Думболи ӯ Вайис ҳам давидан дошт.

– Ба куҷо? Телепакоғо истед, мегӯям. Охир, ҳуҷҷатҳо хеле заруранд, – дод мезад муҳосиб.

Вале ба гӯши чӯпони пир дигар ҳарфе ворид намешуд. Фикри ӯ дар ҷои дигар буд, – банди саҳрову рама, ҷойи коре ки ба ҷойи ӯ каси дигар онро иҷро кардан наметавонад, агарчӣ ҳамон ҷойи холигии «авлодиашро» дар варақ ислоҳ намояд.

*Гурбанназар* ***ОРАЗГУЛИЕВ***

# ДУ ҲИКОЯ

## БОРИ ВАЗНИН

«Ҳар чи бикорӣ – ҳамон бидаравӣ»

Ин андарзро ба хотир оварда Таган бо алам оҳи сарде кашид. Хаёлу андешаҳояш саргум буданд. Вай мехост онҳоро ба низом орад, вале аз ин чизе ҳосил намешуд. Афсӯсу надомате, ки дар ниҳоди ӯ лона гузошта буд, саропо вуҷудашро ба дард оварда буд, қалбаш дар панҷаи ҳарорат қарор дошт. Бори вазнине китфони хамхӯрдаашро бештар фишор дод. Дигар ӯ мадоре надошт, ки ин ҳиссиёти номағшушро фурӯ нишонад. Таган фиғон кашида, оҷизона ҳиқ – ҳиқ гирист ва ашкҳои намакин аз нӯги мижгонҳош ҷорӣ шуда, бари рухонаш нақшҳои каҷу килеб мегузоштанд.

«Замоне буд, ки ман низ ба гапи калонсолон гӯш намедодам, падару модарамро ҳурмат намекардам, фарзандонро барои як шиша арақ азоб медодам. Акнун ба сарам омад он чӣ ки метарсидам. Дуои бади модар маро гирифт. Беҳуда намегӯянд: аз бачаҳоят бубин! Акнун фарзандонам ба ман ҳамон кореро раво мебинанд, ки ман ба падару модари худам раво дида будам!..»

Торҳои андешаи Таган канда шуданд, вақте ки Абдӣ дағалона, бо дастони базарбаи худ аз гиребо-

ни ӯ гирифт. Писар ончунон тезу тунд, бо тамоми қувва падарашро такон дод, ки андешаҳои ӯ дар як они воҳид,чун барги дарахтони аз вазиши бод кандашуда, ҳар сӯ титу парешон шуданд.

– Ҳей, ту гӯш деҳ! Чӣ коре кардан мехоҳӣ, бикун! Саратро ба гӯр мезанӣ, худро ба дарё мепартоӣ, ин кори ту! Лекин илоҷе карда аз таги замин ҳам бошад, барои ман чор ҳазор пайдо бикун! Ҷӯраҳои ман кайфу сафо мекунанд. Чӣ, ман нигоҳ карда шинам? Канӣ, тезтар биҷунб!

Дили Огулсон ба ҳоли шавҳараш сӯхт ва ӯ санги маломат ҷониби писар андохт:

– Ту шарм намедорӣ, ки ба сари падарат дод мезанӣ?

Абдӣ лаб каҷ кард.

– Оча, хап шав. Ман хуб дар ёд дорам, вай чӣ сон маро дар зимистони туф куну ях кун, шабона , он вақт кӯдак будам, аз хона биронд, то шишаҳои холиро ҷамъ кунаму бифрӯшам ва бо пули онҳо барояш арақ бихарам, то ӯ хумор шиканад. Худат бигӯй, кӣ бояд шарм кунад?.. Акнун ба ман ҳам пул лозим, то ки кайфу сафо кунам, чун ӯ хумор бишканам.

Огулсон аз байни ашкҳои сӯзони хеш оҳи сард кашид:

– Чӣ кор кунем, бачем.Ҳар чи ҳам бошад, вай падар аст...

Таган бо афту андоми бефарқ, пештара барин бо қомати хамида менишаст. Абдӣ бо зонуяш ӯро тела дода гуфт:

– Хук аз ту хубтар аст. Канӣ ёб, тезтар пул ёб!

Таган дигар худро дошта натавонист. Бо овози баланд ҳиқ – ҳиқ гирист, бо навҳа сар ба болин ниҳод.

*   *   *

Замони пеш ҳеч чиз барои ӯ қадреву қимате надошт. Он айём дар комбинати гӯшт ба ҳайси дарбон кор мекард. Кор сердаромад буд. Онҳое, ки аз паси панҷара хомӯшона як чиз – ним чиз мебароварданд, албатта ҳиссаи дарбонро медоданд, то ки ӯ лаб фурӯ бандад. Шутури сиёҳро дидӣ? – Не! Таган, ки дар ин кор мазахӯрак шуда буд, заҳмат накашида роҳи пули бедардимиён ёфтанро пайдо карда буд, ин садақаҳоро бебаркаш қабул менамуд, гӯё онҳо вазифадор буданд ҳамин хел рафтор кунанд. Аз ин рӯ, Таган серу пур зиндагӣ мекард, ҳам оиларо мехӯронд, ҳам муддаои табъ шароб менӯшид.

Рӯзе, баъд аз шикамсерӣ арақ хӯрдан, вай танбалона, бо даҳони воз ва бо ангуштон ҷониби комбинат ишора карда гуфт: «Дар ин ҷо ҳатто зоғҳо аз дигар ҷойҳо дида фарбеҳтаранд». Баъд аз ин суханҳо ба фалсафафурӯшӣ гузашт: «Ҳаёти одамӣ кӯтаҳ аст. Аз ин рӯ, набояд вай ягон имконияти хубро аз даст бидиҳад».

Таган аз рӯи ҳамин «фалсафа» кору зиндагӣ мекард: менӯшид, мехӯрд, наша мекашид, ҳамеша дар ҳама ҷо гӯё шоду масрур буд.

Ана аз ҳамон вақт, боз ҳамааш аз нав, забона зад: ҷангу ҷидол, гиребонгирӣ, муштзанӣ. Гоҳе одами аз ҳад зиёд нӯшида ба зудӣ хоб меравад. Лекин ин ҳолат ба Таган рух намедод. Баръакс, баъд аз ин ҳама, дар вуҷуди ӯ кадом кирме ба ҷунбиш меомад, ӯро ба ҳолати ҷунунӣ мерасонд. Вай ба одамони наздикаш дарафтода, бо даҳони кафколуд, сари зану фарзандонаш дод мезад. Огулсони бебахт маҷбур буд, ба ин ҳама тоқат бикунад, таънаву маломати ӯро таҳаммул намояд.

– Ту занак, ба қадри ман намерасӣ, писанду манзур намекунӣ. Агар ба ягон фискашол ба шавҳар мебаромадӣ, лозим меомад, мурда – мурда ба як лаб нону як коса оби хунук қаноат бинмоӣ. Бо ман, чун дар биҳишт зиндагӣ мекунӣ, ба зару зевар ғӯтидаӣ. Барои ҳамаи ин ту бояд шабу рӯз пойҳои маро бибӯсӣ. Мефаҳмӣ ё не? А?!

Сипас, Таган мушт ба кор даровард. Огулсон рӯяшро пӯшонда худро ғунча кард, то аз шаллоқ раҳоӣ ёбад. Бо вуҷуди ин вай аз зарбаҳои мушти шавҳари лаҷомгусаста раҳоӣ наёфт. Шавҳари ба қаҳру ғазаб омада то даме ки хастаю нафасгардон нашуд, қарор нагирифт. Ин саҳнаро дида, бачаҳо бо алам мегиристанд.

Маратгул – очаи бадбахт байни бачаҳои ҳайрону гирён, келин ва писари бадқаҳраш моку-вор медавид. Ва ин аҳвол қариб ҳар рӯз такрор меёфт.

Ниҳоят, ҷони Огулсон ба лаб омад, косаи сабраш лабрез шуд. Келине, ки то имрӯз хомӯш буд, таркида ба хушдоманаш гуфт:

– Фикр мекунам, маро Худо барои азоб ва таҳқиру надомат офаридааст. Маҷбурам, умре бо чашми ашкбору сару рӯи зарбхӯрда бигардам.

Барои Маратгул – оча шунидани ин суханҳо вазнину тоқатфарсо буданд. Вай медонист, ки Огулсон маргро авлотар медонад аз ин ки гапи хонаро ба бозор барорад. «Ба Худо сад бор шукр. Худо ба ивази писари ноаҳлу гапнодаро келини боақлу бофаросате ато кардааст. Таган – писарам, маро зинда ба зинда ба гӯр меандозад. Афсӯс, ки ӯ яккаву ягона писарам аст. Аз кӣ ёрӣ мепурсӣ-? Вай бо ягон кас соз намегирад. Сар ба кадом санг занам? Додамро ба кӣ гӯям? Мани сарсахт дигар фарзанде

надорам, ки хеста хонааш равам. Таган инро медонад, худро ба нодонӣ мезанад!»

Маратгул – оча аз ин ҳама азобу ранҷи бешумор саломатӣ бой дода, дасту дилаш аз зиндагӣ хунук шуда буд. Танҳо ҳамин келинаш Огулсон ғами ӯро мехӯрд, муттакои ӯ буд. Гӯё дугонаи яккаву ягонааш буд.

– Беҳтар буд, ба ҷои ин нокас, як санги сиёҳе ба дунё меовардам! Падараш новақт аз дунё гузашт ва ба дӯши мани муштипар ин азоби дӯзахро бор карда рафт...

– Мӯйи Таган сафедӣ пайдо карда бошад ҳам, ҳеҷ не ки ақлаш дарояд. Бачаҳо, оила, зан – барои ӯ донаи арзан барин қимат надоранд. Вай танҳо шишаи арақу тарёкро фикр мекунад. Ва чанд муддат ин кор ба ӯ муяссар мешуд. Лекин то кай?..

Як бегоҳӣ аз гузаргоҳ, мизоҷи навбатиро бо чанд кило гӯшт гузаронданӣ шуд, ба даст афтод. Бахти Таган омад карду дафтари аъмолашро чандон тагурӯ накарданд, лекин «лагаде ба пасаш» зада, дар асоси модда аз комбинат пеш карданд.

Баъд аз ҳамин ӯ ба шароб бештар майл кард. «Пулҳои тило» тамом шуданд. Дӯстони забонӣ дигар ба рӯяш нигоҳ накарданд. Дере нагузашта ҳама титу парешон шуд. Вай беихтиёр шефтаю шайдои тарёк гардид. Акнун барои он «марҳами ҷон» пулро аз куҷо пайдо бояд кард? Ақаллан барои як шиша арақ пул намеёфт...

Огулсон баъд аз ҳодисаи сари шавҳараш омада, лаб ба дандон газида, шабу рӯз кор мекард. Ӯро наззора менамуд, ки чизу чораи рӯзгорро бурда ба савдо назанад. Вай ба ин кор ҳам даст зада буд. Боре ба шавҳараш рӯ оварда гуфт: «Аввал маро мекушӣ, пас даст ба молу амволи хона мезанӣ! Ман бо арақи

ҷабину обилаи даст инҳоро ҷамъ кардаам. Акнун бурда ба савдо мезанӣ, ба пулаш арақ мехӯрӣ? Ман ин ҳамаро барои фарзандонам ғун кардаам. Ба ҳарду гӯшат шунав!»

Ҳамаи ин суханҳоро Маратгул – очаи пир шунида, ба ифодаи арзи сипос ҷониби келин сар ҷунбонда гуфт:

– Раҳмат ба ту, келин! Беҳуда намегӯянд: «Мардро мард ҳам мекунад зан, номард ҳам мекунад зан». Ту ягона такягоҳ, пушту паноҳи хонавода ҳастӣ. Илоҳо ба сад дарой!

Огулсон бо ашки шашқатор гуфт:

– Оҳ модарҷон, шумо меҳрубонед! Садқаи суханҳотон шавам. Дарвоқеъ «Агар мард одами ҳақиқӣ бошад, зани вай модашер мешавад. Агар мард номард бошад, занаш бо хоки сиёҳ баробар мешавад». Ман ҳоло ҳамон хоки сияҳам! Ҳамин ҳам оё рӯз шуд?!

Маратгул –оча дар ҷавоб талху бадард оҳ кашид.

Шасти Таган оҳиста-оҳиста паст шуда бошад ҳам, лекин дар ӯ одати дигар – ҷамъ овардани шишаҳои холӣ пайдо шуд. Ба замми ин фарзандонашро низ ба ин амал маҷбур намуд. Баъд аз ҳар як таҳдиди ӯ кӯдакони тарсхӯрда дар ҳама гуна вазъияти боду ҳаво ба кӯча – ба ҷустуҷӯи шишаи холӣ мебаромаданд. Ин кори бас ногувор ва нанговар буд. Писари калонӣ – Абдӣ аз ин амали ноҷо шарм дошта муқобилият кард, вале аз падар сахт шаллоқ хӯрд.

Аз ин таҳқири ноҳақ ва ғайри адолат алами писарбача як бар даҳ афзуд, аз чашмонаш оташак парид, гӯё девона шуд, мушт гиреҳ кард, тамоми вуҷудашро ларза фаро гирифт, чизе лӯнда шуда гӯё

дар гулӯяш дармонд. Ин ҳамон чиз буд, ки як рӯз не – як рӯз бояд мекафид.

... Рӯзе Таган, баъд аз майгусории навбатӣ, сахт ба шӯр омад аз як сар бачаҳоро лат дод. Муште ба сари рӯи Абдӣ фаровард, мӯйи Ойгулро сахт кашид, Дурдимуродро дошта зад, ба сари Алламурод туфлӣ ғурронд. Баъд навбат ба Огулсон расид.

Зан –зан аст, ҳар чи ҳам бошад, зӯраш ба мард намерасад. Маратгул – оча он лаҳза дар ҳавлӣ набуд. Вай хонаи ҳамсоя гузашта буд. Хайрият, шуниду сари вақт ҳозир шуд. Дар акси ҳол Таган занашро зада маъюбу маслуқ мегардонид. Дар остона пиразан чун дид, ки писараш келинро мезанад, барои халосаш шитофт. Шириниҳое, ки ҳамсоя барои набераҳояш дода буд, аз дасташ афтида ҳар тараф пош хӯрд... Таган чизе ҳис накарда, он ҳамаро зери по мекард. Вай зарбаи дигаре ба рӯи ҳамсараш ворид карданӣ буд, ба занаш не, рост ба сару рӯи модараш расид. Пиразан дар ҷояш калавид, чашмонаш ғарқи об шуданд, лабони хунолудаш беовоз ҷунбиданд, вай ҳатто дод зада натавонист, пуштнокӣ рӯи хок афтод.

Вай рӯи фарш хобида, даст рӯи сина чанд сухане ба забон оварду халос:

– Оҳ ҷону ҷигарам! Оҳ – писарам! Ту бояд боғи модар мешудӣ, чӣ илоҷ, ки доғи модар шудӣ!..

Бо ҳамин пиразан лаб фурӯ баст. Вай аз сухан монда буд. Баъд аз ду рӯз дар бемористон аз олам гузашт.

Духтуре, ки болои сари пиразани ҷон ба ҷонофарин супурда қарор дошт, бо андӯҳ сар ҷунбонда гуфт:

– Сактаи дил!..

Ҳамон лаҳза ҳам Таган, ҳамон Таган маст буд – масти лояқил буд, парвои фалакро надошт!..

## ОХИРИН НАБАРД

... Абдӣ кӯшиш мекард, падарашро ба худ биёрад. Лекин Таган вазъе дошт, ки ҳақиқати ҳолро наметавонист бо ҳама ҷузъиёташ эҳсос намояд.

Дафъаи гузашта вай ба ҳафт мисқол афюн охирин дороии хеш – ду таноб замини обиро фурӯхт. Зани Амонгул гирди ӯ чарх зада илтиҷо менамуд: «Аллагулӣ, ин корро накун, азизам, хоҳиш мекунам. Агар реша об нахӯрад, гандум нест мешавад, аз вай танҳо коҳ боқӣ мемонад. Дар зимистони хунук шиками бачаҳоро бо чӣ сер мекунем? Аз бенамӣ юнучқа ҳам хушк мешавад. Чорворо бо чӣ бонӣ мекунем? Беҳтар мешуд барои ин мараз (афюн) дарави аввали юнучқаро мефурӯхтӣ. Чӣ хел дилат шуд, ки обро...»

– Ман аллакай хошоки дарави дуюму сеюмро ҳам фурӯхтаам, – зери лаб ғур-ғур кард Аллагулӣ.

Маълум буд, ки он лаҳзаҳо вай дар вуҷуди хеш дарди даҳшатноки устухонҳоро эҳсос мекард.

Амонгул лаҳзае хомӯш монд ва ниҳоят нимшунавою нолишомез гуфт:

– Маълум, ки кори аҳмақонаатро кардӣ, бадбахти сарсахт!

Аллагулӣ базӯр нимхез шуда таҳдид кард ва бо душворӣ гапи даркорияшро ба забон овард:

– Ҳой бева! Ман ба ту нишон медиҳам, кадоми мо бадбахту сарсахтем! Шумо ҳоло намедонед, Аллагулӣ чӣ касест.

Амонгул сабру таҳаммул аз даст дод, ҳиқ-ҳиқ гирист ва дар ҷавоби гапи ӯ фарёд кард:

– Аз ту хоҳиш!.. хомӯш бош! Дар авул ҳама медонад, ки ту чӣ касе ҳастӣ!

Аллагулӣ хост эътироз намояд, вале мадораш рафта, беҳол шуда буд. Болиштро ба сар кашиду шикваомез ба нолиш даромад...

Ин лаҳза дар ҳавлии калони Маҳдумкулихон мӯйсафедон – оқсақолони обрӯманди деҳа ҷамъ омада буданд. Ба чеҳраҳои гирондаи онҳо нигариста пай бурдан душвор набуд, ки сӯҳбати ногуворе дар пешорӯ ҳаст.

Соҳибхона, Маҳдумқулихон одами поквиҷдон, дар деҳа баобрӯ, баандеша, ботаҳаммул, ба ҳозирин аз таги чашм нигариста сӯҳбатро оғоз намуд:

– Ишонқулӣ, бечора бавиҷдон ва дар ҳама кор намунаи ибрат, поку покиза буд. Лекин ҳамин бачаи яккаву ягонаи ӯ нокас баромад. Тамоми ҳавлӣ, тамоми боигариашро ба сари афюн зад. Акнун мегӯянд, ки ҳамон ҳиссаи замини обии худро ҳам сарфи ҳамин дарди бедармон кард. Бадбахтӣ ҳамин қадар мешавад.

Маҳдумқулихон қадре хамӯш монда, ду-се бор сулфида, ба суханаш идома дод:

– Бача тамоман аз роҳ баромадааст. Ин барои ҳамаи мо шармандагист. Пеши роҳашро нагирифтем. Дар замонҳои пеш, чунинҳоро аз маҳалла сур мекарданд.

Хомӯшӣ ба вуқӯъ омад. Хоҷам охун сухан гирифт:

– Чӣ мешавад, ки мо ин хел кунем... Аллагулиро ба ин ҷо оваронда, рӯирост гапзанон кунем. Мо наметавонем дар ғайбаш масъалаи ӯро ҳал намоем. Чӣ хел ҳам ки бошад, вай одам аст, ҳайвон назоидааст ӯро. Шояд ягон чиз мегуфтагист, ягон чиз мехостагист. Ӯро як бор гӯш кардан лозим.

Ҳозирон бо сарҷунбонӣ ин пешниҳодро пазируфтанд. Пешниҳоди охун саривақтӣ ва аз рӯи адо-

лат буд... Махдумқулихон дастур дод, ки Аллагулиро зуд ёфта инҷо оваранд. Интизорӣ тӯл накашид. Вай ба зӯр ба пойҳояш рост истода ба ҳавлӣ ворид шуд. Ба ӯ нигоҳ кардан худ бадард буду аламовар...

– Ман ба шумо қиссаеро ҳикоят мекунам, – оҳиста шурӯъ намуд Махдумқулихон. – Ҳамеша душмани туркман фикр мекард, чӣ тавр халқи моро ғуломи ҳалқабаргӯши худ гардонад. Наздикони хон меҳмони туркман шуда гуфтанд: – Туркманҳо – халқи бисёр ҳам аҳлу тифоқанд. Ба гардани онҳо андохтани тӯрбаи ғуломӣ кори осон нест. Ба ҳар рустое, ки меравӣ, як ё ду танӯрро мебинӣ. Агар дар рустое танӯр кам бошад, маълум ки халқ дӯстона зиндагӣ дорад. Ва ғулом гардондани чунин халқ мумкин не. Хон аз ин гап ба ғазаб меояд ва амр мекунад. «Ҳар коре ки аз дастатон меояд, бикунед, то ин халқи саркашро маҳву забун гардонем!»

Инак, рӯзе ба назди хон пирамарде омада мегӯяд:

– Ба ман ним сол мӯҳлат диҳед, илоҷи корро меёбам.

– Агар зарур ояд, метавонам як соли расо мунтазир шавам! – гуфт Хон. – Бигӯ, шарти худро!

– Шарти ман одист! – мӯйсафед назди хон хазида рафт, то шарти ӯро касе нашнавад. Ба гӯши хон пичиррос заду чеҳраи хон равшан шуд:

– Ана, ин гапи дигар, – қаноатманд изҳор намуд вай.

... Мӯйсафед дар русто маскан гирифт. Бо ҳамсояҳо наздику дӯст шуда, аз рӯзгори худ ҳикоят кард:

– Ман охир дар ҳамин ҷо ба дунё омадам. Баъди таваллуди ман волидайнам тарки ин маъвою ман-

зил карданд. Лекин ким-кадом қуввае маро ҳамеша ба ин тараф мекашид. Мехостам, ки ақаллан солҳои боқимондаи умрамро дар ҳамин ҷое ки хуни нофам рехтааст, гузаронам.

Одамон ба мӯйсафед бовар карданд, дар бунёди манзил кӯмакаш намуданд, ҳеч чизро аз ӯ дареғ надоштанд. Охир, чӣ хушбахтист, вақте ки инсон гашта – гашта боз ба ватани бобоӣ меояд! Баъди он ки мӯйсафед дар дилу дидаи мардум сахт ҷой гирифту ба ҳама чиз одат намуд, аз паи амалӣ гаштани нақшаҳои хеш гашт. Худро табиб эълон кард ва ба ҳамаи онҳое, ки наздаш барои табобат меомад, ба онҳо тарёк медод, таърифи он даворо ба арши аъло мерасонд. Ба наврасон чӣ тавр кашидани тарёкро ёд медод. Ва ин ба зудӣ ба ӯ даст медод. Охир ҷавонҳо ҳар чизи навро бо хушнудӣ қабул мекунанд-ку. Рафтори ношоям, чун анъана, зуд паҳн мешавад. Дере нагузашта бисёриҳо дар деҳа нашъаманд шуданд. Мӯйсафед чӣ кардани хешро медонист. Бо сарбаландӣ ӯ ба назди хон баргашт.

– Хони ман! Дар ним сол ба ман муяссар шуд, ки як зумра нашъамандони ашаддиро тарбия намоям. Барои тарёк шуда онҳо омодаанд, хекиртаки якдигарро канда гиранд. Акнун метавонед осуда бошед! Баъд аз ин туркманҳо барои ту хатаре эҷод намекунанд. Қисса кӯтаҳ, ту метавонӣ бо ҷуръат ҷониби онҳо ҳаракат кунию тӯрбаи ғуломӣ ба сарашон андозӣ!

Хон аз ин хурсанд шуда ҷанговаронашро ҷониби туркманҳо фиристод. Ва ба чашми сар бидид. Гапи мӯйсафед рост баромад. Чи хеле ки ӯ гуфта буд, ҳамон хел шуд.

Махдумқулихон афсонаашро ба ин ҷо расонд. Ҳама ба фикр фурӯ рафтанд. Аллагулӣ бо димоғи

сӯхта, ҳамаашро фаҳмида буд. Дарк карда буд, ки чи чиз ин одамонро ба хонаи Махдумқулихон овардааст.

– Агар шумо зид набошед, – хомӯширо халал-дор намуд Махдумқулихон, – чӣ хеле ки қарор додем, ҳамон хел рафтор мекунем. Ошно Аллагулӣ! Мо қарор додем туро ба мавзеи Секизадҷӣ, ки дар биёбон ҷой гирифтааст, бадарға созем. Мамадниёз – арчин ҳар ҳафта ба он ҷо хӯрокӣ мебарад. Боз фармон медиҳем, ки паи қадами ягон кас ба он тарафҳо нарасад! Ман роҳи дигари наҷоти туро на-мебинам. Дигар илоҷ надорем. Ту ба ин чӣ мегӯӣ? Мо омода ҳастем туро бишнавем.

Аллагулӣ сар хам кард. Зери лаб ким-чиҳо гуфт. Вале ӯ чи гуфт, ҳозирин ӯро нашуниданд.

– Қарор тамоман дуруст, – ҷаласаро ҷамъбаст намуд Гутлимурод – бой. – Дигар илоҷ нест.

Ба аломати ризо ҳама бори дигар сар ҷунбонданд.

– Аз шумо хоҳиш мекунам, маро аз одамон ҷудо накунед! – ниҳоят лаб ба сухан кушуд Аллагулӣ. – Маро бубахшед, дар қадаматон бимирам!...

Лекин... дер шуда буд. Шӯрои калонсолон қарорашро аллакай қабул карда буд.

Бегоҳирӯзӣ онҳо ба ҷои таъиншуда расиданд. Мамадниёз ва ёварони ӯ ба зудӣ козае соз карданд. Аллагулӣ бо бачаҳояш кӯчу палосашро ҷо ба ҷо кард.

«... Хон Аллагулиро ба макone бадарға карда буд, ки он ҷо макони гургон буд. Аз ин ба баъд касе, ки афюн мекашад, ҷояш ҳамон ҷо мешавад. Касо-неро, ки ба касалии нашъа гирифтор, ҳамин гуна ҷазо муяссарашон мешавад. Дарди бадро давои

бад». Ин суханҳо зуд сар то сари деҳот паҳн шуд. Ва он бе таъсир намонд. Онҳое ки ба ин мараз майл доштанд, кам-кам ақлашон ба ҷояш омад. «Ин корро барвақт кардан лозим будаст» мегуфтанд бошандагони деҳот.

Аллагулӣ гӯё андаруни туман қарор дошт: кимчӣ гуфта зери лаб пичиррос мезад, ким-киро дашном медод, кадомеро бо дастафшонӣ таҳдид мекард. Амонгул қадаме аз шавҳараш дур намемонд. Ҷогаҳу болишташро дуруст мекард, аз рӯяш арақи хунукро тоза менамуд. Ҳолати шавҳараш ӯро ба ҳарос оварда буд. «Худо накунад, ки Аллагулӣ дар ин ҷо, дар ин дашти сабилмонда бимирад», худ ба худ андеша мекард ӯ. «Агар ба по рост шавад, тамоми кори аз дастам омадаро мекунам. Сад бор шукри худо мекунам. Ба бачаҳо пеш аз ҳама падар лозим».

Мамадниёз баъд аз як моҳ пайдо шуд. Аллагулӣ болои намад дар остонаи коза мехобид. Баъд аз саломи алейки муқаррарӣ Мамадниёз, мӯйлаби кӯтоҳ қайчизадаашро сила карда бо табассум гуфт:

– Оҳ, Худо накарда ба ту чашми касе бирасад. Чеҳраат равшан, рӯят топ-тоза. Маълум мешавад, ки боду ҳавои биёбон фоида кардааст.

Аллагулӣ андак табассум карда гуфт:

– Намедонам, шояд обу ҳавои биёбон бошад, ё чизи дигар, ба ҳар ҳол хеле фоида кард. Қариб як ҳафта аз гулӯям хун ҷорӣ буд. Бо ин нашъаи зормонда ман дур намерафтам, онаи зорамро нишон медод. Дигар боз чӣ гӯям?!

– Эҳ Аллагулӣ, ба Худо шукр гӯй, ки ҷонатро нагирифт. Дар халқ мақоле ҳаст: «Агар хоҳӣ ба душманат бадӣ кунӣ, ба вай тарёк бидеҳ».

Мамадниёз ҷуволеро, ки аз авул оварда буд, пеши ӯ гузошт.

– Ту пӯсту устухон шудаӣ. Хайр, ин ҳеҷ гап не! Муҳимаш он ки ту бори ин касалии вазнинро аз дӯши худ дур афгандӣ. Агар то ин вақт тоқат карда бошӣ, ин хуб аст. Ма, бигир, инҷо гӯшти як гӯсфанд! Нағз хӯр, ба зудӣ ба по рост мешавӣ. Ин модашутурро бо амри Маҳдумқулихон овардам. Хон гуфт, ки бачаҳоят набояд бешир бимонанд.

Чеҳраи Аллагулӣ аз шодӣ шукуфт ва ӯ бо миннатдорӣ сар ҷунбонд.

Бегоҳирӯзӣ Мамадниёз таноби роҳро кашид. Хайрухушкунон ба Аллагулӣ гуфт:

– Инсонро ду чиз мекушад. Бекорӣ ва беморӣ. Ту зиқ нашав. Лекин бас аст хоб кардан. Бархезу аз паси кор шав, кӯшиш бикун ягон кори манфиатбахш раҳнамоят шавад. Ба қадри қувват саксавул ҷамъ овар, ангишти хуб мешавад. Ана ин аллакай кор аст. Ман онро ба авул мебарам. Даромадашро ба ту медиҳам.

Рӯзҳои аз ҳама бад ақиб монданд. Дигар Аллагулӣ намеларзид, дилаш беҳузур намешуд, хунпартоияш тамом шуд. Саломатиаш рӯз то рӯз беҳтар мегашт.

– Имрӯз чоршанбе. Мегӯянд, ки имрӯз тамоми роҳҳо кушода мешаванд. Ман мехоҳам чени қувватам кор кунам. Ёд дорам, дар бачагӣ бо падарам ба ҷамъоварии саксавул мерафтем. Яъне ин кор барои ман нав нест. Шояд, Худо мадад мерасонад.– Бо ҳамин ният Аллагулӣ ба кор шурӯъ намуд.

Амонгул ғами шавҳарашро хӯрда гуфт:

– Худро эҳтиёт намо, боз канда нашавӣ. Ман ҳам чени қувватам ба ту ёрӣ медиҳам.

... Аллагулӣ ба кор шурӯъ кард. Амонгул ба қадри тавон кӯмак мерасонд. Кор чандон осон на-

буд. Саксавулро ғун карда, сӯзондан лозим. Барои ҳосил кардани ангишт онро аз чашми офтоб дур, таги қум кардан лозим.

– Ба ту расида гирифтан акнун кори осон не! – ҳар рӯз шӯхиомез мегуфт Мамадниёз ва ангишти тайёрро гирифта ба авул мебурд.

– Аҷаб одамоне ҳастед, шумо. Як маҳал барои танбалиам таъна мекардед, акнун барои тезкориам... Шуморо фаҳмидан душвор, – бо шӯхӣ посух медод Аллагулӣ.

Охири тирамоҳ қадре хунук омад. Аллагулӣ аз ҳамсараш хоҳиш кард ба ӯ ҷомаи гармашро диҳад. Ҷомаи кӯҳнаашро ба бар карда, вай бидуни ихтиёр даст ба ҷайбаш бурд ва гӯё ба баданаш барқ расида ё мор газида бошад, як қад парид, дасташро сахт кашида гирифт. Дар ҷайб як пора тарёки дар қоғаз хушрӯ печонидашуда мехобид. Чӣ хел шудааст, ки он сабил дар як кунҷи киса панаҳ бурдааст? Ё шояд Аллагуллӣ он ҷо ӯро гузошта, гирифтанашро дигар фаромӯш кардааст? Дарвоқеъ, чӣ қадар вақт гузаштааст, ҳамааш гӯё андаруни туман буд.

Аллагулӣ пораи афюнро дар даст ҳамчун пораи тафсони ангишт нигоҳ медошт. Ва ... баъди лаҳзае, гӯё дигар маҷоли дар даст нигоҳ доштани онро надошта бошад, бо тамоми қувва даруни саксавулзор ҳаво дод. Дасташро бо домони ҷома пок кард, аз он ҷо давида бирафт. Лекин боз ким – чи ӯро аз роҳ боздошт. Қадре истод. Ақиб гашт, рӯ ҷониби саксавулзор кард. Вай ҷоеро, ки пораи афюн мехобид, кофта ёфт. Хам шуда шим фуровард ва болои он пешоб кард. Вай гоҳ табассум мекард – гоҳе зери лаб пичиррос мезад. Чеҳрааш ғазаболуд мегардид, баъд шукуфон шуд. Маълум буд, ки ӯ охирин набардро бо ғалаба анҷом дод.

... Аллагулӣ дар дашт писардор шуд. Сар то сари авул ин хабар паҳн гардид ва мардум шодмонӣ мекарданд.

Чун рамзи хотираи он рӯзгор, ки онҳо дар «бадарға» гузаронда буданд, ба писарбача Сазак ном доданд.

Расо баъди ду сол Махдумқулихон иҷозат дод, ки ӯ ба деҳа бозгардад. Аллагулӣ бо қалби хурӯшон ба деҳа ворид шуд. Ӯ ба ҷойе омад, ки манзили пештараи ӯ қарор дошт. Омаду ба чашмонаш бовар накард: аз он манзили кӯҳна ному нишоне намонда, ба ҷои он хонаи зебои барҳавое қомат рост кардааст.

– Ин хона бо пулҳои ҳалоли ту бунёд шуд, Аллагулӣ. Даме ки ту дар биёбон кор мекардӣ, мо ин ҷо барои ту ҳавлии нав соз кардем. Шаш хона дорад. Худо ба ту бахт диҳад. Хона хонаи бахтат шавад. Бо зану бачаҳоят хушу хурсандона зиндагӣ бикун! – гуфт Махдумқулихон Аллагулиро сахт ба оғӯш гирифта.

Мегӯянд ки мардон намегирянд. Ҳарчанд Аллагулӣ кӯшиш кард гиря накунад, лекин натавонист. Дарвоқеъ, аҷаб не аз ҳозирин касе инро пайхас накард. Ё худ чунин вонамуд карданд, ки гиряи ӯро надида бошанд...

*Ҷумъа ХУДОЙҚУЛИЕВ*

# ДУ ҲИКОЯ

## КЕТЕНИ

Колхози мо пеш аз мӯҳлат ҳосили бемислу монанди пахтаро ҷамъоварӣ кард! Ҳамагӣ шуда дар зарфи чил рӯз!

Оҳ, чӣ қадар тӯҳфаҳоро аз Ашқобод раиси мо овард! Якчанд мошини пуропур! Ба ҳама ҳадя дод: ба як кас қолин, ба дуюмӣ – радиоприёмник, ба сеюмӣ мошини дарздӯзӣ, ба чорумӣ – бар заммаш – кетениро ҳам!

Хоҳари калониам Қурбонтоҷро ҳам бо мукофот қадр карданд: бо мошини дарздӯзӣ ва кетени!

Қурбонтоҷ ба мо гуфт, ки аз ин кетени курта медӯзад! Ва на якто, балки дуто! Ба модарам ва хоҳарчаи хурдиам Энеш.

– Лекин фақат пас аз ғундоштани ҳосил, – ба зудӣ илова намуд Қурбонтоҷ. – Шитоб накунед…

Модарамон-ку шитобе надошт. Аммо Энеш… Ӯро фаҳмидан мумкин буд. Курта аз кетени! Вай ҳеҷ гоҳ куртаро аз кетени надошт! Дар он солҳо, на ин ки духтарчаҳои хурдсол, балки духтарҳои қадрас ҳам ба худ аз суфи сурх ё кабудранг курта медӯхтанд. Курта аз кетени! Ранги баланди сурхдор, яллақосӣ чун оина, бо раххои зард дар канорҳо, ки аз ҳар расиш ғиззас садо мебаровард… Ва боз бо чунин бӯи форами дӯкон…

Оҳ, ҷанг... Он барои ҳар хурсандии кӯчаки ҳаёти осоишта сабақ дода буд. Баъди ҷанг чанд сол сипарӣ шуд, аммо мӯҳтоҷӣ хонаводаи моро тарк намекард. Пул, пул... Мо ҳамеша аз бепулӣ азоб мекашидем. Бародари калониам дар Ашқобод мехонд, ба вай ҳам пул даркор буд.

Аммо Энеш танҳо дар бораи кетении худ фикр мекард! Кетении маҳбубаш! Ӯ ҳар рӯз дар назди кетени ба мисли бузғолача ҷастухез намуда мегуфт:

– Кетении ман, кетении ман, кетении ман...

Ва маҳз, дар ҳамин давра бародарам аз Ашқобод ба таътил омад ва мисли ҳамеша, дар хонаи мо барои роҳи бозгашташ пул набуд. Ҳеҷ кас ба падарам қарз додан нахост.

Бегоҳӣ бо аҳли хонавода дар гирди чароғи карасинӣ ҷамъ омадем ва фикр кардем, ки чӣ илоҷе ҳаст. Оқибат модарам дуздида ба Энеш нигарист, ки дар кунҷе хобида буд ва оҳиста гуфт:

– Шояд... кетениро... фурӯшем?

Ҳама сабук нафас бароварданд.

Ҳатто хурсанд шуданд: масъала ҳал!..

– Зарур бошад раво бошад, – зери бинӣ пичирос зад падарам, тез-тез либосҳояшро пӯшида. – Фақат... Энеш... – овози падарам ларзид. – Ба ҳеҷ ваҷҳ ба вай нагӯед... Ӯ ҳанӯз тифл аст... Ҳоло хурд аст... Дилакаш ғамгин мешавад...

Вай базӯр сухан ёфта, бо ташвиш ба Энеши дар хоби ноз менигарист. Ӯ нохост дар хоб, бо овози зебои ғайриодӣ, сурудеро дар бораи кетени хонд, ки рӯзона месуруд:

– Кетении ман, кетении ман, кетении ман...

Бародарам, ки то ин дам хомӯш менишаст, бархост ва бо сари хам аз хона баромад.

Модарам бо дастони ларзон сандуқро кушод ва хомӯшона кетениро ба падарам дароз кард. Падарам кетениро ба рӯймолчаи сафедаш печонд, ки бо он қабл аз хоб сарашро мебаст ва чашмони худ аз замин набардошта, саросема гуфт:

– Мумкин ба Раҷаби савдогар диҳамаш.

Вай хост, ки ба Энеш бингарад, вале ҷуръат накард. Базӯр дари сабукро кушод ва баромад. Тахминан пас аз як соат баргашт. Ба модарам чизеро дар коғази печонда, ки андозаи қуттии гӯгирдро дошт, дароз намуд ва хомӯшона дар ҷои худ, кунҷи паси оташдон нишаст. Шитоб накарда, пойтобаашро кушод.

– Моро барвақт бедор кун, – гуфт ба модарам ва рӯ ба девор гашту хобаш бурд.

Модарам бо Қурбонтоҷ то дер боз нишаста, бо поргии либосҳои кӯҳна машғул буданд ва дар хусуси чизе пичиррос мезаданд. Онҳо бо сарҳои болои либосворӣ хам, рӯшании зарди чароғи карасиниро панаҳ мекарданд. Ва тамоми хона ба нимторикии таҳлукаомез фарогир буд. Ман ба сар кампали кӯҳнаро кашидам ва оҳиста гиристам. Ман барои бародарам хурсанд будам – акнун ӯ метавонад ба Ашқобод рафта, таҳсилашро идома диҳад, вале Энеш... Ман ба худ тасаввур кардам, ки пагоҳ саҳарӣ ӯ бедор мешавад ва аз мо хоҳиш мекунад, ки сандуқро кушода, ба вай ганҷи бебаҳояшро нишон диҳем. Вақте ки ман дар ин бора фикр кардам, қариб аз ашкҳои рехта гулӯгир шуда, аз дарди дил нолидам. Энеш... Бечора Энеши ман... Омадани бародарамро дигар интизор нашуда, хобам бурд.

Вақте бедор шудам, Энешро дар назди сандуқ дидам. Вай аз ҳама илтиҷо дошт, ки ҳарчи зудтар онро кушоянд!

Қурбонтоҷ назди дар нишаста, калӯшҳои кӯҳнаашро ҳеҷ пӯшида наметавонист. Пеш пӯшидани ин калӯшҳо барояш ягон мушкилӣ надошт. Лекин ин дафъа дастҳои басо чолоки Қурбонтоҷ дар чидани пахта ба ӯ итоат намекарданд.

Энеш ба назди Қурбонтоҷ давида пурсид:

– Рост, ки куртаи ман аз ҳама хушрӯи хушрӯ мешавад?

Қурбонтоҷ, гӯё аз ин гап такон хӯрд, ки дар як дам паси дар ғайб зад. Ва ба гӯши ман навҳаи пасташ расид.

Энеш ба ин аҳамият надод. Вай дуюмбора пеши модарам давид.

– Илтимос, сандуқро кушо! Ман танҳо кетенирo даст мезанам ва боз ба сандуқ мегузорам! Хайр, илтимос!

Модарам вонамуд сохт, ки калид мекобад, вале онро ҳеҷ ёфта наметавонад:

– Дар куҷо онро гум кардаам? – вай дар пеши сандуқ нишаст ва рӯяшро бо дастон пӯшид. – Ой! – ба хотир овард ӯ. – Охир, ман онро дар саҳро гум кардам. Ҳа, дина, дар саҳро… Имрӯз ман онро мекобам ва ёфта, бегоҳӣ ҳатман сандуқро мекушоем! Тоқат мекунӣ, духтарам?

Энеш бо зиқӣ сар ҷунбонд.

Аммо сандуқ бегоҳӣ ҳам кушода нашуд. Модарам гуфт, ки калидро дар саҳро наёфт ва аз Энеш хоҳиш намуд, ки то пагоҳ сабр кунад. Пагоҳку калиди сандуқ ҳатман ёфт мешавад!

Ва ҳамин тавр рӯз то рӯз такрор мешуд. Ва Энеш ҳам батадриҷ дар бораи калиди гумшуда пурсишро бас кард. Ҳатто дар бораи кетении худ фаромӯш намуд. Шояд, вонамуд сохт, ки фаромӯш кардааст? Шояд, ки дили софи тифлонааш чизеро

эҳсос намуд? Шояд! Ба Энеш нигаристан тоқатфарсо буд. Ӯ ҳама вақт, гӯё дар интизори чизе ё каси номаълум мегашт. Ман худам якчанд дидам, ки чӣ тавр вай шабона аз ҷогаҳ бархоста, назди сандуқ меомад, онро бо дастакони хурдаш мемолид, оҷизона қулфи калонро меҷунбонд, кӯшиши бенатиҷаи кушодани онро мекард. Лекин… тамоми ҷаҳду талошҳояш беҳуда буданд.

… Пас аз хатми таҳсил, аз маоши аввал, бародарам барои Энеш айнан ҳамон хел кетенӣ харид. Ялаққосӣ, сурхи баланд, бо раҳҳои зарди канорҳо. Ҳатто бӯяш ҳамон хел буд – дӯконӣ.

Аммо ин он кетени набуд. На аз он Қурбонтоҷ барои модарам ва Энеш курта дӯхтан мехост. Ва Энеш шодӣ намекард, ҷастухез надошт, чун бузғолача, бо овози зебову ғайриодиаш суруд намехонд:

– Кетени, кетении ман, кетении ман…

Бародари калониам ба ӯ чӣ тӯҳфаҳое мехарид! Лекин Энеш аз ҳеҷ яки онҳо хурсандӣ намекард… Вай дар гирди тӯҳфаҳо нишаста, ба ҳеҷ чиз аҳамият намедод, ангушти ишоратиашро мемакиду ҳама вақт ҷониби сандуқ нигоҳ мекард, оби даҳонашро фурӯ мебурду ба атроф нигариста, оҳи сард мекашид ва хомӯш меистод…

… Аз он вақт расо бисту ҳашт сол гузашт. Аксари дидаву аз сар гузаронидаам дар ҳаёт фаромӯш шуд. Аммо он ҳодисаро ҳеҷ аз ёд баровconfigurable наметавонам…

Ҳамон сандуқи кӯҳнаро ҳамчун хотира аз волидайн дар хонаи худ нигоҳ медорам. Ва ҳатто ҳоло ҳам худро нороҳат ҳис мекунам, вақте ки ба пешам Энеш ба меҳмонӣ меояд ва лаб фурӯ баста, бо нигоҳи аҷиб соатҳои дароз ба сӯе менигарад, ки сандуқи кӯҳна ҷойгир аст.

Ман аз ҷо бархоста, ба ҳуҷраи дигар мегузарам, ё умуман аз хона баромада меравам. Ба назарам чунон метобад, ки Энеш ҳозир мепурсад:

– Бародари азизам, маро дигар азоб мадеҳ, кушо, ақаллан ҳозир ман ба орзуи амалӣ нашудаам нигарам…

Ба назари ман, дар нигоҳи хоҳарчаам маломате барои он аст, ки то ҳол ман кетении ӯро дар ин сандуқ нигоҳ медораму онро нишон намедиҳам, фиреб медиҳам, ки калидро гум кардаанд.

Ва он гоҳ мехоҳам ба ҳуҷра зада дароям ва сандуқро кушода дод занам:

– Ана! Нигоҳ кун! Нест! Нест! Мо онро ҳамон вақт фурӯхта будем! Фурӯхтем! Ба ту фаҳмо? Фаҳмо?

Аммо ман ҳаргиз ин корро намекунам. Чунки дар ин сандуқ ана чанд сол аст, ҳақиқатан ҳам орзуи кӯдаконаи ҷомаи амал напӯшидаи хоҳараки азизи ман хобидааст. Ман аминам, ки акнун ягон хел матои қиматбаҳо ҷои он кетениро иваз карда наметавонад. Ҳеҷ гоҳ! Бар ивази ҳеҷ чиз, ҳеҷ хел пул он кетении бебаҳоро харида намешавад! Агар чунин намебуд, Энеши акнун кадбонуи хонаи осудаҳолу бобизоат, ба тарафи сандуқ чунин таҳаммулнопазир дуру дароз, дар интизори мӯъҷиза нигоҳ намекард.

## ИФТИХОР

Он айём мо ҳар сол баробари оғоз ёфтани давраи ғунучини пахта барои зиндагии мавсимӣ ба сари замин кӯч мебастем. Мактаб низ мекӯчид. Вақти фаро расидани зимистон ва ба ғӯзапояи луч

мубаддал гардидани пахтазорон мо боз як корвон шуда, ба маҳалла бармегаштем. Азбаски колхоз соҳиби мошин набуд, маҷбур аз автопарк наќлиётро иҷора мегирифт.

Ҳамон сол ба мо гуфтанд, ки якҷоя бо ҳамсояи тарафи чапамон Хумметтач-оғо дар як мошин равем. Шаби арафаи азми сафар мо чизу чораи худро ҷамъ овардем, фақат ду намад ва рӯйҷои болопӯш боқӣ монд. Онҳоро баҳри бор кардан омода намудем. Аслан чизу чораи дуруст ҳам надоштем, ҳар гуна лашу луш, ки ба партофтан диламон намешуд, чунки дар хоҷагӣ ба ҳар ҳол имкони истифодаашон буд. Субҳи дигар мо барвақт аз хоб хестем ва ҷониби роҳ чашм дӯхтем. Айни саҳаргоҳ дидем, ки аз ҷониби қумзор се-чор мошин сӯи хонаи мо меомаданд. Аз дохили мошини кабудранг, ки рӯи дараш навиштаҷоти бисёр буду фақат калимаи «Автопарк» хонда мешуд, ронандаи қоматбаланди гӯшҳояш овезон берун баромад ва бо падарам самимона пурсупос кард. «Чизҳоятон тайёр? Пас биёед, аз поён дароз кунед, ман боло истода мегирам», – гуфта ӯ худро ба тори бордон расонд. Падарам аз вай хоҳиш намуд: «Аз роҳ хаста шудагистӣ, аввал як пиёла чой нӯшида андак дам гир». Аммо ронанда қатъиян аз нону намак рӯ тофт ва ба мо то арақи ҷабинаш рехтан ёрдам дод. Аз хушнудии кӯч-кӯч ман ҳам ба қадри тавонам баъзе бӯғчаҳоро то мошин кашондам. Ва ин лаҳза Хумметтач-оғову занаш назди мо омаданд. Падарам дарҳол ӯро пурсид:

– Ҳамсоя, бору буни шумо тайёр? Барвақттар ба роҳ мебаромадем, нуран алонур мешуд. Худо насиб гардонад, бегоҳ дар авул чой менӯшем.

Лекин Хумметтач-оғо овозаш ларзону изтиробангез мисли тарошаи аз бом афтода, гапро тамоман сӯи дигар бурд:

– Аллакулӣ! Ту барои чӣ анҷомҳоятро пеш аз ман бор кардӣ?

– Магар ягон гап шудааст?

– Худро ба нодонӣ назан. Ман чизҳоямро баъди ту бор намекунам. Хотиратро ҷамъ дор. Ба хаёлат сандуқи шалақ ва ду ҷомадони шикастаатро пас аз ман бор кардан мумкин набуд? Ту хуб медонӣ, ки ҷевони ман наппа-нав аст. Наход акнун ман чизу чораамро баъди ту бор кунаму онҳо дар роҳ такон хӯрда бишканад? Ё дидаву дониста ба ин кор даст задӣ?

Аз ваҷоҳати падарам равшан аён буд, ки табъаш хира шуд. Рангаш канд. Дасту по, тамоми ҷуссааш меларзид. Аммо вай худро гум накард, ботаҳаммул гуфт:

– Махсус ҳеҷ коре накардаам, вале ҳамсоя ҳамин хел сахт хафа мешавам гӯй, пас биёр ҷевонатро. Мо аввал онро бор мекунем. Аздусар чӣ фарқ дорад? Ман ҳозир сари кузов мебароям, чизҳоямро як тараф тела медиҳам ва барои ҷевонат айни муддао мешавад.

Лекин Хумметтач-оғо ба ин пешниҳод розӣ нашуд. «Не, мошинаро то остонаи хонаам ҳай накунад, мо ҳеҷ чизро намебиёрем», – гуфт ӯ. Падарам ин дафъа низ ҳарфе ба забон наовард.

– Майлаш, ҳамсоя, пас мо мошинаро то таги дарвозаатон пеш мебарем. Чӣ ҷои гап, панҷ қадам пеш, панҷ қадам қафо. Чизу чораамонро ман худам кашола карда мебарам.

Хумметтач-оғо аз пештар дида, бештар якравӣ зоҳир мекард.

– Не, ту кӯҳна колаатро фурор. Ва мошинро пеши остонаи ман ҳай карда бар. Мо аввал анҷоми худро бор мекунем, баъд ту метавонӣ чизҳоятро ба ҷойҳои холӣ партоӣ.

Бар асари ин суханҳо косаи сабри падарам лабрез шуд, иззати нафси ману падарам, умуман ҳама атрофиён коҳид. Рости гап, чизу чораи мо дар қиёс бо ҳамсоя воқеан ҳам кам буд. Бар замми он ҳамааш кӯҳнаву фарсуда. Бо вуҷуди ин анҷоми моанд. Ин рӯйпӯшҳои абгори пораҳои даридаро пашмашон ба назар метофтанд, назар ба рӯйҷоҳои наву шоҳии Хумметтач-оғо фасли зимистон моро бештар гармӣ мебахшиданд. Бинобар ин ба касе аз мо гуфтору рафтори Хумметтач-оғо нафорид. Ва ронанда ҳам, ки то ин дам ба гуфтугӯ дахолат намекард, кӯшиш намуд ду ҳамсояро оштӣ диҳад, аммо ӯ варо нодида гирифт, лоақал абрӯвонаш хам нахӯрд. Баръакс, вай ҳамроҳи занаш бештар шердил шуданд. Баъди ин падарам низ сахт дар қаҳр шуд. Чашмонаш аз косахонааш давида баромаданд.

– Ҳой, Хумметтач-оғо, кӯҳна аст ё нав, анҷоми ҳар кас азони худаш. Лекин ба гуфти ту намешавад. Кифоя, хеле ҳурмат кардем. Хоҳӣ, бор кун, нахоҳӣ – чаҳор тарафат қибла! Бе ту ҳам муҳоҷирон лак-лак. Бо ягон оилаи дигар меравем.

Хумметтач-оғо баъди ин суханҳо ҳам сар нафаровард.

– Вақте раис биёяд, он гоҳ мебинем, ки ту бо кӣ меравӣ.

Инро гуфта, аз паи занаш, ки сӯи хона раҳсипор буд, қадам зад. Назди манзилаш расида, вай болои кундаи сӯхтаву сип-сиёҳ нишаст ва моро ба мушоҳида гирифт. Аз чӣ хусус бо

ҳамсараш маслиҳат ороcт. Пайваста ҷониби роҳ менигарист.

Он замон бародарам дар Ашқобод мехонд. Вақте бори нахуст озими таҳсил шуд, раис қатъиян муқобил баромад. Гапи моро пушти по задед гӯён ӯ бо падарам хеле чуқур хархаша кард. Дар ниҳояти кор вай аз падарам тамоман ранҷид: «Ана акнун мебинем, ки бачаи ту чӣ қудрати хондан дорад. Агар ӯ баъди ним сол шабуш зер карда, гашта наояд, ман номамро дигар мекунам». Ва пас аз он воқеа падарам ба ҳар роҳ мекӯшид, ки ба ҳеҷ ваҷҳ ба раис муроҷиат нанамояд, тавре метавонист, зиндагиашро пеш мебурд, ҳатто аз рӯ ба рӯ шудан канор меҷуст. Ба бародарам, ҳар дафъа, ки меомад, таъкид ба таъкид мегуфт: «Писарам, то ҷон дар рамақат ҳаст, талош варз, илоҷе карда таҳсилатро хатм намо! Имкон надеҳ, ки бадбинон хушнуд шаванд! То нагӯянд, ки хондан кучову писари Аллакулӣ куҷо!» Маҳз барои ҳамин Хумметтач-оғо, ки аз он ҳама дилмондагиҳо огоҳӣ дошт, «раис биёед» гуфта таҳдид мекард. Вай медонист раис, ки аз падарам сахт ранҷида асту санг дар бағал пайт мепояд, чунин имкони мусоидро ғанимат мешуморад.

Лаҳзае, ки анҷомамонро бор карда шудем, модарам чой дам карда овард. Ва чоямонро нав нӯшида будем, ки гӯё аз қаъри замин пайдо шуда «Газик»-и раис омад.

Ӯ аз мошин нафаромада, бо чеҳраи туршу нигоҳи асабонӣ, ки ба оби мурда шабоҳат дорад, салому алайкро фаромӯш карда, бо овози хирросӣ ба сари падарам дод зад. Ман ба ҳайрат афтода, ҷунбишу гирдшавии лабонашро ҳини талаффузи калимаҳои алоҳида мушоҳида менамудам. Ва боз

чизи дигар тааҷҷуби маро ангехт – раис гардан надошт, баъди лунҷаш якбора китфҳо ба назар мерасанд. Ӯ агар то ҷуссаашро тоб надиҳад, ба ин ё он паҳлӯ нигариста наметавонист.

– Гӯш кун, чаро то ин дам Хумметтач чизу чораашро бор накардааст?

– Туро мунтазир. Раис биёяд, баъд мегӯяд.

– Маро чӣ интизор мешинад?

– Аз куҷо донам? Худашро пурс?

– Гӯш кун, доно, ман аз ту мепурсам! Ту ҷавоб деҳ! Ҷои масхарабозиатонро ёфтетон!

– Бор кардан намехоҳам мегӯяд. Якҷоя бо анҷомҳои ту мегӯяд, бор намекунам. Ман ӯро маҷбур карда натавонам.

Раис дари кабинаро кушод, то берун барояд. Вале натавонист. Ҷуссаи фарбеҳаш байни дар намеғунҷид. Ва дидам, ки ӯ тарзи махсуси аз мошин фуромадан доштааст. Курсиро ба ақиб тела дода, аввал пойҳояшро, ки мӯзаи сафед зеб медод, берун мебаровард. Сонӣ ба тахтапушт хобида қисмати аз миён поёни баданро раҳо мекард. Вақте пойҳояш ба замин расиданд, ӯ то дами аз мошин берун шудани ҷуссааш дар ҷояш тоб хӯрдан гирифт. Аз ин ҳаракатҳо хаста шуда, мисли паровоз фах-фух садо медод. Канори кузовро дошта истод ва чизу чораи моро аз назар гузаронд. Ҳаросам сахт аз он буд, ки ҳозир мегӯяд: «Наход ҳамин майда-чуйдаҳо кирои боз доштани мошини давлатӣ ва ранҷондани Хумметтач шаванд?» Хайрият, ин тавр нагуфт. Аз мошин дуртар рафта, Хумметтач-оғоро, ки пеши хонааш меистод, назди худ даъват кард. Вале аз вай пештар занаш давида омад. Ва ба раис ҷафс шуда, оҳиста пичиррос зад: «ман каллаву поча ҷӯшонда истодаам, нахӯрда

наравӣ!» Раис ҳарфе нагуфт, балки сӯи Хумметтач-оғо фарёд зад:

– Гӯш кун! Ту чаро то ҳозир анҷоматро бор накардӣ? Канӣ, гап зан? Ё ту ба авул рафтанӣ нестӣ? Ин чӣ гарданшахӣ-а?

Хумметтач-оғо пеши раис омаду боз як фурсат хомӯш истод, ранҷидахотир буд, сипас, якбора, кӯдаквор дилашро холӣ кард. Баъд бо табассуми ногувор тарафи падарам нигарист. Дидаву дониста, ғазаби раисро ба сари ӯ равона кардан мехост.

– Ман беҳтараш то пагоҳ дигар мошинро мунтазир меистам.

– Не, ту мунтазир намеистӣ. Заб гап ёфтӣ, то пагоҳ мешинем? Аз куҷо ман барои ҳар яки шумо мошини алоҳида меёбам? – Раис ба Хумметтач-оғо фармон дод. – Канӣ, зуд чизу чораатро бор кун! – Ва бо ҳамон ваҷоҳати таҳдидангез сӯи падарам тоб хӯрд. – Ту, баро лашу лушатро фарор! Аввал Хумметтач бор кунад, сонӣ ту чизҳоятро ба мошин мепартоӣ. Фаҳмо?

– Барои чӣ?

– Барои он, ки ман гуфта истодаам! Гапро бисёр ғоз надеҳ!

Падарам зини кӯҳнаро ба даст гирифта, дудила меистод, акнун қатъӣ болои кузов ҳаво дод. Баъд оҳиста, мисли гӯштингире, ки рӯи қолин мебарояд, пеш гузашт.

– Ман, Тегелек, додатро ба осмон гӯӣ ҳам, борамро намефарорам.

Раис дасту по хӯрд, ба осмон нигарист, хаёлаш, ки овоз аз боло меояд. Баъд ба чор тараф нигоҳ андохт. Баногоҳ рӯяшро сиёҳӣ зер кард, вай ғазаболуд ба падарам дарафтод.

– Ин ту гапи маро мегардонӣ ё?..

– Ман ба ту гуфтам.
– Ту гуфтӣ, ки боратро намефурорӣ?..
– Бале.
– Яъне, намефурорӣ?
– Не.
– Мурда-мурда мефурорӣ!
– Хестӣ, ки хобат.
– Мефурорӣ!
– Не, овора нашав.
– Рав, фурор.
– Намефурорам.
– Ман мегӯям – фурор!
– Ман ба ту ҷавоб медиҳам – не!

Чашмони раис ҳайратангез аз косахонааш берун шуданд. Вай асабонӣ пойҳояшро бардору зан кард, аммо тоқати чунин шармандагӣ надошт, зеро пеши назари анбӯҳи одамон шахси тобеъ ба ӯ итоат намекард! Ду бари рӯяш аз алам меларзиданд, ҳатто гӯшҳояш ба ҳаракат даромаданд. Вай чӣ кор карданашро надониста, хост аз гиребони падарам гирад.

– Чӣ хел ту холӣ намекунӣ-а? Гӯш кун, чӣ хел?

– Ҳамин тавр, одӣ! Не, гуфтам, не! Ҳатто занозанӣ хезад ҳам, аздусар бору бунамро намефурорам. Фаҳмидӣ! Дигар беҳуда ба ман дод назан!

Раис, ки акнун намедонист аз кӣ мадад ҷӯяд, ба сари ронанда дод зад:

– Мошинро ба ана он остона ҳай кун! Пеши хонаи Хумметтач! Ин чизҳоро чаппа карда парто, борҳои вайро боло андоз! Зудтар! – Вай аз нав сӯи падарам нигоҳи чун барзагови ба қаҳр омадаашро дӯхт. Бо ангушти ғафсаш таҳдид кард: – Ту ҳоло мебинӣ, ки чӣ хел анҷоматро чаппа мекунанд.

Ман ба ту нишон медиҳам. Бо кӣ сар ба сар шуданро баъд мефаҳмӣ!

Аммо ронанда ҳам гапашро нагирифт. Баръакс, аз рафтори раис норизогӣ намуд: «Ин чӣ тарзи гапзанӣ аст!..» Акнун раисро умуман шинохта намешуд. Вай дар ҷояш печутоб мехӯрд, оби даҳонашро туф мекард.

– Гӯш кун! Ту медонӣ, ман кӣ? Ту медонӣ, ки бо кӣ гап зада истодаӣ? Ман барои ту сардори автопарк не. Фаҳмидӣ? Ба куҷое, ки гуфтанд, ҳай кун. Тезтар. Ман ба ту мегӯям, ҳай кун! – Дид, ки ронандаро пинакаш аз он таҳдид вайрон намешавад, раис бо тамоми овозаш дод зад. – Гӯш кун, ман ба ту мегӯям! Гуфтаи одамро иҷро мекунӣ ё не? Нахоҳӣ, ҷавоб! Дафъ шав аз ин ҷо! Вай лашу лушро ба замин партову гум шав. Холӣ рав. Аздусар ман ба роҳхати ту имзо намегузорам. Ва боз ба сардорат мегӯям, ки туро аз кор ронад.

*Агагелдӣ* **АЛЛАНАЗАРОВ**

# ОЙИНИ БИЁБОН

*(Новелла)*

Эскадрони сахт кӯфташудаю нимааш аз байн рафта аз маркази Қарақум бармегашт. Муҳорибаи охирин хеле бераҳмона буд. Ҳатто ба ҷанги тан ба тан расиданд. Вале охирин босмачиён ба зарби шамшери аскарони мо тоб наоварда, ҷониби регзор фирор намуданд. Ин ғалаба, албатта, ба осонӣ ба даст наомад, сӣ нафар аскарони сурх ба ҳалокат расиданд. Баробари ба қисм баргаштан қумондони эскадрон фармон дод, ки Семён Платонов ба ҳабс гирифта шавад. Лекин ба пурсиш шурӯъ накард, зеро монда шуда буд, худи маҳбус низ базӯр дар пояш рост меистод.

Платоновро ба хоначаи торике, ки шафати саисхона қарор дошт, бурда, дар ба рӯяш маҳкам карданд. Қулфи калон овезон шуд.

Қумондон ба ин қарор танҳо баъди муҳорибаи Қарақум, ҳангоме ки чанд сарбоз арз кард, Платонов баъди задухӯрд бо дасти худаш як босмачии ҳалокшударо ба хок супурд, омад.

– Ҳатто, рафиқ қумондон, – арз кард як сарбоз, – вай ашк рехт.

– Платонов гиря кард? – бовараш наомад.

– Ман ашки чашмонашро дидам.

Семён Платонов муқобилият нишон надод, хомӯшона яроқашро супорида ба сарой омад. Ғарами бедаи таги пояшро густурда дастонашро

таги сар кард. Ба димоғаш бӯи алафҳои хушк расид. Мондаю шалпар, ки буд, даррав хобаш бурд. Хобкунон андешид, пагоҳ албатта ҳамаашро ба қумондон мегӯяд, мефаҳмад…

Дар Марв ҷамъомади фаврии ҳайати роҳбарон доир гашту дар он масъалаи роҳҳои мубориза бо гурӯҳи навбаромади ғоратгар муҳокима шуд. Аз рӯи овозаҳо ин як қисми боқимондаи тӯдаи Ҷунайд буд ва гурӯҳ сар то по мусаллаҳ.

Онҳо баъди шикасти Ҷунайдхон пароканда гашта, дар атроф бедодгарӣ доштанд. Акнун дастаҳои боқимондаи босмачиён сарҳадро убур карда фирор доштанд.

Дар ҷамъомад қайд шуд, ки тӯдаи босмачиён пеш аз фирор ба хориҷа аҳолии назди сарҳадро аз қафои худ бурда истодаанд. Амр шуд, ки минбаъд чоҳҳои обӣ, ки аз шафати онҳо босмачиён мегузаранд, зери назорати қатъӣ гирифта шаванд. Вақте ки гурӯҳи Семён Платонов баъди дурӯза роҳ ба чоҳи оби Чилқиркулон расид, нисфирӯзӣ буд.

Атроф хомӯш ба чашм расид, гармсел мевазид. Дар биёбон хорбуттаҳо аҳён-аҳён алвонҷ мехӯрд. Баъди роҳи дурудароз сарбозон монда шуда, базӯр чашм мекушоданд. Сарбозон аввал об захира карда, баъд аспҳоро об доданд. Сипас дуртар аз чоҳ паногоҳе ёфтанд, ки атрофро хуб назорат карда мешуд. Сарбозон паноҳгоҳро бо хорбуттаҳо пӯшонда, аспҳоро ба қафои хомаи рег бурданд.

Аз рӯи гуфтаи роҳбалад дар ин атроф дигар чоҳи оби нӯшиданӣ нест. Хоҳу нохоҳ дастаҳои ғоратгар аз ин ҷо хоҳанд гузашт. Мавзеъ васеи ҳамвор буд. Атрофи чоҳ пайи аспу одамонро дида, Платонов супориш дод, ки ҳама ҷойро тоза намоянд. Панҷ сарбоз бо буттаҳо пайи атрофи чоҳро кӯр карданд, то босмачиён пай набаранд. Аскарони

сурх се шабонарӯз наззора карданд. Рӯзона Платонов бо дурбин биёбонро наззора мекард, шабона ба замин гӯш медод, ки аҷаб не садои пои аспонро мешунавад. Лекин атроф ҳамоно хомӯш буд, танҳо аз дуриҳо фарёди парранда хомӯшии атрофро халалдор мекард.

Рӯзи чаҳорум ҳам бенатиҷа гузашт, танҳо дар осмони дашти Қарақум лошахӯре болафшонӣ дошт. Лошахӯрро дирӯз Семён дида буд. Платонов мушоҳида кард, ки дуртар боқимондаи ҷасади ҷонваре намудор аст.

Бегоҳӣ қарор шуд, ки бо фарорасии шаб сарбозон ин мавзеъро тарк месозанд, зеро натиҷае надод. Платонов фаҳмид, ки босмачиҳо бо дигар роҳ рафтаанд. Бо кадом роҳ, номаълум. Ӯ худаш ҳам ин ҷойҳоро хуб медонисту роҳбалад низ. Нохост садои тир баланд шуду Платонов яроқашро омода кард.

Аз теппае савораи яроқдор пайдо шуда фарёд кард.

– Болшевик, саратро нигоҳ дор!

Савора дар як лаҳза нопадид шуд.

Савораро танҳо Платонов медид, шояд бовараш намеомад. Аз гармии тоқамтфарсо шояд гумонаш ботил шуд. Вале савораро ҳамаи сарбозон диданд, аён гашт, ки дар наздикиҳо дастаи босмачӣ ҳаст. Рафтори савора Платоновро ба хулосае овард, ки душман ба қувваи худаш боварӣ дорад, акнун пешорӯи аскарони сурх озмоиши сахте меистод.

– Ба ҷанг! Фарёд кард ӯ.

Ҳамон дам тирпарронӣ сар шуд. Аз ду ҷониб тир жола барин мерехт.

Босмачиҳо аскарони сурхро имкони сар боло кардан надоданд.

– Оташ! Фармон дод Платонов.

Аскарони сурх якбора оташ кушоданд. Ҷанг

идома дошт. Амалиёти ҷангӣ нишон дод, ки қувваҳо баробаранд. Офтоб ғуруб дошту дар Қарақум шаби маҳтобӣ доман паҳн кард.

– Лазаренко, назди ман! – амр кард е Платонов ва дигар сарбозон фаҳмиданд, ки агар вазъият тағйир наёбад, тирпарронӣ кашол хоҳад ёфт. Аз ин рӯ ба як хулосаи даркорӣ омадан лозим.

Платонов ба сарбози наздаш расида амр кард, ки ҳарчи тезтар ба чоҳи оби ҳамсоя рафта вазъиятро хабар додан лозим.

Аммо сарбоз Лазаренко ҳангоми ба зини асп савор шудан тир хӯрд. Сарбози дуюм Чорӣ-мерган ба асп нарасида аз тири душман ҳалок шуд.

Платонов имкон наёфт, ки ба сарбози сеюм супориш диҳад, дуртар, даҳ қадам поёнтар чашмаш ба буттаи гулхор афтоду кулоҳеро дид. Имкони милтиқро гирифтан наёфт, ки садои тир баланд шуд.

Платонов дар китфаш сӯзише ҳис карда якпаҳлу афтид. Хаёлаш, ки оромӣ ҳукмрон шуд. Вале садои тирпарронӣ, овозҳои ношинос, шиҳаи аспон, доду фарёд аз дуриҳо меомад. Гӯё ҷанги ғайриодие дуртар мерафт. Чашмонашро кушода болои сараш Хайруллинро дид. Сарбоз ким-чизе мегуфт, вале Платонов чизе намефаҳмид. Хайруллин ӯро кашолакунон ба каноре бурда болояшро бо пояи баргу буттаҳо пӯшонд.

Семён Платонов дар чуқурие, ки бо буттаҳо пӯшида буд, бедор шуд. Атроф рӯшану моҳтоб медурахшид. Ҳайрон шуд, ки аз хотирааш шаби ситоразор нарафтааст. Инҷо шаби маҳтобӣ. Ӯ базӯр аз ҷояш хеста буттаҳоро яктарафа кард. Шаб ба назар орому осуда метофт. Платонов дар ғилоф таппончаашро дида ҳайрон шуд. Пай бурд, ки гурӯҳи аскарони сурх шикаст хурдаасту босмачиён баъзе

чизҳоро ба яғмо бурдаанд. Беҳуда нагуфтаанд, ки босмачиён мисли шағолон тарсончаканд, андешид Платонов. Нигоҳи Платонов ба зарфи об афтод. Зарф аз замин бардошт. Зарфи холӣ ду-се қатра об дошту халос. Аммо барои одами дар биёбон танҳо афтида ин ду-се чакра ҳам азиз аст.

Пуштаро гузашта Платонов ҷасади якчанд сарбозро дид. Дуртар боз мурдаи сарбоз. Маълум, гурӯҳ қаҳрамонона ҷангидааст.

Платонов бо андешаҳои парешонаш ҳайрон монд. Наход дар Марв аз ин задухӯрд огаҳ набошанд? Дар дигар чоҳҳо вазъият чӣ гуна аст? Чӣ шуда бошад?

Ӯ ҷониби шимол мерафт. Ба андешаи ӯ наздиктарин чоҳи об онҷо воқеъ буд. Нисфишабӣ ӯ ба роҳи назарногире баромад. Роҳ камодам буд, вале Платонов боварӣ дошт, ки ин роҳ ӯро ба ҷое хоҳад бурд!

Пеши назараш хаймаҳо, хаймаҳое, ки ба хоначаҳои туркманӣ шабоҳат доштанд, пайдо шуданд. Хаёлаш ҳамаи онҳо як хел буданд.

Қариби саҳар вай дар пастхамии аз роҳ дуртар нишаст. Тамоми вуҷудаш дар оташ месӯхт. Дарди ҷароҳати китфаш ҷонсӯз гашт. «Наход ин хаймаҳо поён надошта бошанд?» – андешид Платонов. Тамоми шаб мисли сангпушт миёни онҳо мехазам. Онҳо хаёле маро думболагир карданӣ, пайт меҷӯянд. Чӣ хел ин шағолон ба ман дарнаафтодаанд, ҳангоме ки тамоми шаб дар чуқурӣ хоб будам. Яке ба хотир овард, ки чӣ тавр рӯзи аввал дар ҷои муҳориба дар осмон лошахӯре давр мезад.

Лошахӯр аввал ӯро хурсанд кард, ки ақаллан дар ҳамин наздикӣ, ғайр аз вай дигарҳо низ ҳастанд. Як муддат Платонов паррандаро мушоҳида кард, ҳатто гардишҳояшро ҳисоб кард,

вале оқибат сарҳисобаш гум шуд. Аз наззораи осмони бекарон буд ё андешаҳои бесарунӯг, ки Платонов якбора худашро танҳою раҳгумзада ҳис намуд. Баъд якбора ӯро сусморе ба хотир омад, ки дар қумзор дида буд. Сусмор ба асп дарафтодан хоста, ҳар замон забонашро бароварда, лаб мелесиду бо думаш бозӣ мекард.

Ҳар замон Платонов лошахӯр ва сусморро баръало медид, бовараш намеомад, ки ӯ худ зинда аст ё мурда? Шояд вай кайҳо мурда бошаду акнун дар он дунё дафтари аъмолашро варақ мезанад.

Платонов дар болои сараш садои ноошноеро ҳис кард. Чашмонашро кушода дид, ки чанд лошахӯр сайр дорад. Рӯзи равшану офтобӣ буд. Платонов аз худ бехуд шуд.

Охирин қувваташро ҷамъ карда, Платонов базӯр аз ҷой хест ва дасти сиҳаташро алвонҷ дода фарёд зад.

– Ман ҳанӯз зиндаам. Чашмонам ба шумо арзон намеафтанд!

Яке қадам зад ва ҳис кард, ки аз куҷо то куҷо рафтанист. Ӯ озодона қадам мемонду хаёле пойҳояш ҷисми сабукашро мебурд. Боз шаб шуд ва пардаи торикӣ атрофро пӯшонду осмон ситоразор гардид. Платонов ҷӯёи ситора буд. Вай аз биёбон ҳамоно ба осмон нигоҳкунон бисёр мехост, ки ситораи қутбро пайдо намояд. Вале сараш чарх зад, фаҳмид, ки истироҳат намудан лозим, то андаке қувват гирад. Ба хомаи рег худро афканду зуд хобаш бурд. Платонов танҳо дами субҳ аз хоб бедор шуд. Акнун рӯз мешуду атроф рӯшан. Вай дар ҷояш нишаста фикри ба кадом самт рафтанро дошт, ки ногоҳ ба гӯшаш овози саг расид. Платонов бо тааҷҷуб аз ҷояш хеста ба атроф гӯш дод, ки боз овози саг баланд шуд.

Аниқ шуд, ки дар ҳамин наздикиҳо чӯпонҳо зиндагӣ доранд. Сагҳо бошанд аз масофаи хеле дур бӯи одами бегонаро фаҳмида беқарор шудаанд. Ин дам Платонов хурсанд шуд, ки оқибат манзили одамонро пайдо карду наҷот меёбад.

Ӯ бо эътимод ҷонибе ҳаракат дошт, ки аз он ҷо шамоли биёбон ҳар замон овою аккоси сагҳоро меовард. Платонов теппаеро гузашту нигоҳаш ба водӣ ва деҳаи на он қадар калон афтод. Хоначаҳо ҳамагӣ як хел менамуданд. Аҳолӣ ҳанӯз дар хоби ноз буд ва дар деҳаи назарногир ҳаёт хаёле қатъ ёфтааст, ки касе наменамуд. Дар деҳа гулхане месӯхт ва саги танҳое гаштугузор дошту халос.

Ин дам аз заминкан як зан, ки дар даст чойник дошт, баромад. Шояд барои таҳорату намозхонӣ баромадаст. Ногоҳ зан марди ношиносро диду дар ҷояш шах шуд. Чойникро ба замин гузошта рӯяшро бо кафи дасташ пӯшонда зери лаб чизе гуфт. Семён фаҳмид, ки агар як қадами ноҷое монад, вай албатта доду фарёд карда, мардумро ҷамъ хоҳад кард. Платонов аз ҷояш наҷунбида аз хотир гузаронд, ки ин чӣ гуна деҳа бошад? Дар вай киҳо зиндагӣ мекунад. Маълум, ки деҳа нав пайдо шудааст.

Дар ҷое, ки лаҳзае пештар зан меистод, чойник буду халос. Вай дудила шуд, ҳатто хост қафо гашта, пинҳон шавад, ки яке аз заминкан марди яроқдоре берун шуда, назди Платонов омад:

– Шумо кӣ? Аз куҷо?

– Об! – базӯр овоз баровард Платонов дар ҳоле ки нерӯи охирин т ӯро тарк мекард. – Ман маҷрӯҳ.

Одами яроқдор атрофро аз назар гузаронда, боварӣ ҳосил кард, ки вай танҳост, каме ором шуд. Ӯ паҳлӯи Платонов нишаста мӯзаашро аз нав пӯшид.

– Об! – хоҳиш кард Платонов

– Хез, худро ба нодонӣ назан, – гӯён бо қундоқи камон ӯро пешандоз карданӣ шуд. – Дар биёбон чӣ гум кардӣ, ё дар ватанат ҷонат танг шуд?

Муносибати бад Платоновро ба худ овард. Пушаймон шуд, ки бо пои худаш сӯи марг омад. Акнун ин мардаки сиёҳҷурда бо тақдираш бозӣ дорад. Сиёҳҷурда чунон бераҳм, ки аз вай ҳама чизро интизор шудан мумкин буд.

Овози оромонаи зан Платоновро наҷот дод.

– Писарам, бечора об мехоҳад. Обаш деҳ, то ба серӣ нӯшад.

Марди сиёҳҷурда қафо гашт. Дар поён ҳамон зане, ки Платонов аввалин шуда дар деҳа дида буд, меистод.

– Обаш деҳ, – гуфт модар ва суханашро идома дод – мегӯянд, ки ба назди инсон ғизоле меояд, ки ба ғайр аз нигоҳи пок чизе надорад.

– Ин ғизол нест, балки гурги маҷрӯҳ аст.

– Касе набошад ҳам, ёрӣ додан лозим аст. Бераҳм набош, писарам. Вай меҳмон, меҳмон бошад аз падар болост. Ҳамин хел анъанаи қадимаи турманӣ дорем. Бародари худат Оразқлич дар тирпарронӣ ҳангоми ҳимояи меҳмоне ҳалок шуда буд. Афсӯс, ки он айём ту хурд будӣ ва Оразқличро дар хотир надорӣ. Семён мисли дар хоб дид, ки марди сиёҳҷурда ба модараш чизеро мефаҳмонд ва яроқашро дода назди Платонов баргашт…

Семён дар хонаи сиёҳе, ки рутубат дошт, бедор шуд. Шояд дар ин бино пештар ҳайвони хонагӣ нигоҳ медоштанд. Платонов рӯи алафи хушк хоб рафта ба худ суол медод: дар куҷост, бо ӯ чӣ воқеа шудааст?

Яке вай задухӯрд, чуқурӣ, лошахӯронро ба хотир овард.

Ҳамин вақт дар кушода шуду бино рӯшан гашт. Боз ҳамон зане, ки дар деҳа саҳарӣ вохӯрда буд, хӯрок гирифта наздаш омад. Вай боэҳтиёт маҷрӯҳро боло бардошта, таги сараш болишт гузошт. Ҷои захмашро малҳам дору молида, хомӯшона баргашта рафт. Малҳами табобатӣ ба ҷонаш осоиш бахшид, ки дарров хобаш бурд.

Даме, ки бедор шуд, назди дари нимкушода ҳамон марди сиёҳҷурдаро дид, ки нишастааст. Вай дар тан либоси сурх ва куртаи сафед дошт. Тӯпии сараш низ нишаму зебо ба назар мерасид.

– Нағз, ки ман ба дасти инҳо афтидам, – фикр кард Платонов. – Чизе маро наҷот дод, ғайримуқаррарӣ. Агар зинда монам, миннатдориям асосан ба ҳамин мардак ва модари ӯст. Бемодар, андешид Платонов, ин мард бо ман чӣ хел рафтор мекард, номаълум. Хуб шуд, ки маро занаш не, модараш дид. Занро туркманҳо он қадар гӯш намекунанд.

Марди сиёҳҷурда дид, ки Платонов хоб нест, омада телпакеро, ки гӯшае мехобид, ба сараш монд.

– Ту забони туркманӣ медонӣ?

– Кам-кам медонам.

– Набошад гӯш кун…

– Хомӯш будан ҳам ҳунар аст, – гуфт марди сиёҳҷурда. – Акнун туро муолиҷа намудан лозим. Ҷои захмро кушодан даркор, набошад фасод мегирад. Албатта дард мекунад. Мо туро мебандем. Боз дод нагӯйӣ.

– Кӯшиш мекунам.

– Кӯшиш намо. Фаҳм, ки ин ҷо одамон зиндагӣ доранд, онҳое, ки аз болшевикҳо гурехтаанд. Агар будани туро дар хонаи мо пай баранд, маро, модарамро ҳамаро бо оилаамон мепаронанд…

– Мефаҳмам, – оҳиста гуфт Платонов. – Ҳамаашро мефаҳмам.

– Хуб шуд, ки фаҳмидӣ.

Марди сиёҳчурда гапро тамомшуда пиндошта хост равад, ки яке нигоҳаш ба чашми Платонов афтод.

– Чӣ мехоҳӣ?

– Чӣ ном дорӣ?

Марди сиёҳчурда табассум карда гуфт:

– Маро Ҷуманқлич гӯй.

Ҳини рафтан Ҷуманқлич дарро маҳкам карда, Семёнро танҳо гузошт.

Боз ба ёди вай хона, аскарон, ҳалокшудагони назди чоҳи Қиркулон, модари Ҷуманқлич омад. Платоновро бо хӯрокҳои лазиз зиёфат кард. Ин дам Ҷумақлич бо бачаи дувоздаҳ-сездаҳсолае баргашта омад.

Платонов фаҳмид, ки онҳо барои тоза кардани ҷои захм омадаанд. Ба «ҷарроҳӣ» Ҷуманқлич роҳбарӣ дошт.

Ӯ даври пойҳои Платоновро баста ба амалиёт шурӯъ намуд.

– Чароғ, – амр кард ба писарак.

Дар як дам чароғи лампагӣ рӯшан шуд. Зан ҷои захмро тоза кард. Бо оби гарм шуст. Ҷуманқлич ба теғи ҷарроҳӣ даст бурд. Семён чашмонашро пӯшид. Асосаш дод нагӯяд, андешид Платонов. Майлаш бе даст ҳам зиндагӣ кардан мумкин. Платонов надид, ки чӣ тавр ҷарроҳӣ дорад. Дарди марговар баданашро месӯхт. Хаёлаш, ки дасташро мебуранд. Хост фарёд занад, ки ӯро ба ҳоли худаш монанд.

Ҳар гоҳ, ки чашм мекушуд, болои сараш наздик-наздик рӯи арақшорӣ Ҷуманқличро медид. Шунид, ки вай оҳистаю номаълум ба тобеонаш супориш медод.

Ҷаррохӣ поён ёфт. Семён фикр кард, ки ҷаррохӣ як шабонарӯз давом кард. Ҷуманқлич ба ҷои захм малҳами қадимӣ баст. Зану писарак хонаро тоза карданд. Зиёда аз як шабонарӯз Платонов хоб кард ва дард оҳиста-оҳиста кам мешуд. Аммо ӯ худро суст, бемадор ҳис карда, наметавонист пой бар замин монад.

Зани пир ҳар замон барояш хӯроки гарм меовард. Гоҳ шӯрбою гоҳ шир, ё алафҳои шифобахш.

Ҷуманқлич низ медаромад.

– Чӣ хелӣ, урус?

– Нағз, – мегуфт Платонов, – шифо меёбам.

– Худо хоҳад, шифо меёбӣ.

Платонов мефаҳмид, ки марди сиёҳҷурдаро ким-чӣ хел мушкилоте азоб медиҳад. Ҷуманқлич одами биёбон аст, биёбон ойинҳои худро дорад. Лекин Ҷуманқлич инсони комил асту ҳамеша хомӯширо авло медонад.

– Ҷуманқлич, – садо кард Семён.

Ҷуманқлич баргашта абрувонашро дарҳам кашида пурсид:

– Чӣ мехоҳӣ?

– Ман мехостам пурсам, ки чаро ту инҷоӣ. Чаро аз болшевикҳо гурехтӣ. Охир, боигарӣ надорӣ-ку. Аз кафи дастонат маълум, ки ту коргарӣ, на сарбоз. Шумо бояд аз чизе натарсед.

– Барои наҷоти шараф куҷое хоҳӣ, мегурезӣ, – илова кард Ҷуманқлич.

– Беҳуда ин тавр мегӯӣ. Иттиҳоди шӯравӣ бо ҳукумати шумо ҷанг накардааст. Баръакс, давлати советӣ барои шарафи камбағалҳо меҷангад.

Ҷуманқлич хеле песонд Платоновро, тамасхур карду хомӯш монд.

Семён низ хомӯш буд.

– Хайр майлаш, – гуфт Ҷуманқлич, – ҳамин ки

аз ҷоят хеста тавонистӣ, бирав. Тезтар бирав, дигар ба чашм нанамо.

Нафаҳмид. Чизеро нафаҳмидаст, андешид Платонов, одами хуб аст, аммо ӯ баринҳоро бойҳо аз роҳ задаанд, бойҳо ин ҷо ҳам зиндагӣ карда метавонанд, лекин Ҷуманқлич баринҳо беҳуда ҳалок мешаванд. Вай оқибат ватан, ҳама чизро бой медиҳад. Оҳ, агар ман ақаллан забони туркманиро медонистам.

Охир донистани забон зарур аст. Дар вақташ падарам таъкид мекард, ки забони туркманиро омӯзам. Бо падарам дар бисёр мавзеъҳои кӯҳистон кор кардам. Лекин забонро аз худ накардам, ба ҷуз баъзе калимаҳо, мефаҳмам, лекин гап зада наметавонам. Платонов дар умраш аввалин маротиба афсӯс хӯрд аз надонистани забон…

Чӣ қадар мушкил буд ба Семён баъди рафтани Ҷуманқлич. Акнун ӯ дар олами андешаҳои бесарунӯги худ ғарқ гашта, илоҷи воқеа меҷуст. Ӯ соатҳои дароз нишаста, рафтори охирини Ҷуманқличро таври худ арзёбӣ мекард. Наход ӯ бо босмачиҳо монад. Платонов аз сӯрохии девор берун ва майдони деҳаро тамошо мекард. Пештар он сӯрохӣ бо алаф пӯшида буд, хуб шуд, ки алафро шутур ё ягон ҳайвони хонагӣ хӯрду сурохӣ кушода монд. Акнун Платонов ҳаёти мардумро баръало медид.

Қарибиҳои шаб дар талҳои хомаи рег гурӯҳи саворон ҷамъ шуданд. Аз дур Семён дид, ки онҳо миёни ҳам баҳсу талош доштанд. Семён афсӯс хӯрд, ки овози онҳоро намешунид. Аз сӣ нафар саворахое, ки мусаллаҳ буданд, бо чеҳраи ғазаболуд норозӣ ба ҳамдигар чизеро мефаҳмонданд.

Платонов аниқ кард, ки марди болобаланде, ки дар саманди сиёҳ нишаста бо қамчинаш имою

ишорат дошт, сардори даста аст. Охирон вай даст афшонда аспашро пеш ронду дигар саворахо аз кафояш тохтанд. Деха холӣ ва хомӯш гашт.

* * *

Саворахо рӯзи дигар баргаштанд. Аввал ба деха ду тойча расид. Онхо пеш-пеши галаи саворон мисли сагхои шикорӣ медавиданд.

Ҳамин, ки назари кӯдакон ба тойчахо афтод, онхо ба истикболи саворахо баромаданд. Занон хам дар кади кӯча интизорӣ доштанд. Ба хоначаи Платонов бӯи иштихоовари гӯшти пухта расид. Саворахо хамагӣ чанд кадам дуртар аз Платонов омаданд. Гуфтугӯи пасту фирх-фирхи аспхои мондашударо шунид. Нохост калби нозуки Семён фишор хӯрд. Кариб буд, ки аз ин тасодуф дод занад. Аз кафои саворахо сарбози пойлучу дастбастае кашола шуда меомад. Платонов ӯро нашинохт, аммо пай бурд, ки аскари сурх аст. Аз хавлии Чуманклич дуртар асирро ба замин хобонданд. Акнун ӯро се нафар посбонӣ мекард. Кӯдакон бо тааччуб асирро тамошо доштанд.

– Бо ӯ чӣ мешуда бошад? – аз дил гузаронд Платонов. – Онхо чӣ фикр кардаанд?

Асирро истинток карданду боло бурданд. Босмачие бо асир ғайб зад. Семён хис кард, ки асир чӣ ахвол дорад. Ӯ аз дарди зиёд лабонашро хуншор кард, таъми талхи он дар гулӯяш монд.

* * *

Рӯз бегох мешуд. Платонов ором нишаста бо алам аз хамон асири бадбахт ёд мекард, ки чӣ гуна босмачиён катлаш карданд. Ӯ хам дар дами марг аст. Ин дам дар ғичиррос заду Платонов дид, ки писарак наздаш омадааст. Хамон писараке, ки

вақти ҷарроҳӣ ба падараш ёрӣ дод. Ӯ барои Семён ош оварда буд. Бӯйи оши лазиз ба атроф паҳн шуд. Писарак ба Семён табассумкунон ба дар нигаристу баъд ситорачаи сурхи пеши барашро нишон дода хост чизе гӯяд. Яке дар назди дарвоза Ҷуманқлич пайдо шуду ҳарфи писарак дар даҳонаш монд. Писарак ноаён берун баромад.

– Чойникро гирифта биёр, – амр кард ба писарак Ҷуманқлич.

– Ҳозир!

Ҷуманқлич назди Платонов нишаст. Харду якҷоя ош хӯрданд. Ҷуманқлич гӯштро зиёдтар назди Платонов мегузошт. Аз чеҳрааш маълум, ки орому осуда аст. Ӯ мисли одамони хотирҷамъ рафтор кард. Баъди хӯроки нисфирӯзӣ Ҷуманқлич намоз хонда саҷда карду аз кисааш папирос баровард.

– Мехоҳӣ, – таклиф кард ба Семён.

– Не, ташаккур.

Ҷуманқлич чанде орому хомӯш чашмонашро пӯшида ба хаёл рафт. Хаёле шах шуд. Семён ҳам қудрати хомӯширо вайрон кардан надошт. Ҷуманқлич оқибат хомӯшу бесадо баромаду аз қафояш зани шинос даромад. Вай рӯзе ду-се маротиба назди Платонов омада аз аҳволаш хабар мегирифт. Вале ин дафъа суханони вай ӯро ба ҳайрат овард.

– Аз ин ҷо рав, писарам, – изҳор кард вай. Дастат ҳам шифо ёфт. Кампир аввалин маротиба ба ин тарз сухан гуфта, илова намуд:

– Маро бубахш, писарам, агар малол набошӣ. Саломат бош, ба дил нагир бадиро.

Ин дам Платоноврo модари худаш пеши назар омад. Кампирак боз ким-чиҳо гуфт, аммо Платонов ҳамаи гапашро нафаҳмид.

Ҷуманқлич нисфишабӣ ба ҷои хоби Платонов омад. Мусаллаҳ. Дар кафи дасташ панҷтираи

ҷопонӣ дошт. Семёнро арақ зер кард, тарсид.. Худашро гум кард. Хаёлаш, акнун умраш ба поён мерасад. Охир имконият буд, ки гурезад, аз дил гузаронд Платонов.

– Ҷуманқлич ба ӯ кӯлоҳ ва мӯзаҳояшро баргардонда амр кард, ки ин сарулибосашро пӯшад.

Семён тугунчаи занонаро диду фаҳмид, ки дар бораи инсонҳои нек фикри нодуруст кард.

Дар баромадгоҳ онҳоро модари Ҷуманқлич интизорӣ дошт.

– То манзилат саломат рав, – нидо кард модар.

– Ташаккур, – изҳор кард Платонов бо меҳру сипос.

Онҳо хомӯшона аз кӯчаи беодам гузаштанд. Дар хамгашти болои хомаи рег писараки шинос гулхан фурӯзон намуд. Акнун Платонов фаҳмид, ки деҳа аз чор тараф посбонӣ мешудаасту имшаб навбати Ҷуманқлич будааст. Барои фирор мурсати муносиб.

Ҷуманқлич ба писараш амр кард, ки асирро биёраду гулханро хомӯш созад.

– Писарам, агар маро пурсанд, гӯй, ки ба ҷустуҷӯи асп рафтааст.

– Хуб, – ҷавоб дод писарак ва поён фаромад.

Ҷуманқлич ва Семён дар як асп бо ҳам нишастанд. Хомӯшона, ҳар кас пойбанди фикрҳои худ буд. Платонов хурсанд, ки баъди ду-се рӯз назди ҳамроҳонаш бармегардад. Акнун субҳ майли дамидан мекард, ки Ҷуманқлич аспро нигоҳ дошт.

– Он тарафи роҳ худат танҳо меравӣ, рост рафтан гир, ба деҳа мерасӣ, онҷо болшевикҳо.

Ҷуманқлич аз борхалтааш кӯзаи об ва нон бароварда ба Платонов дод.

– Гир. Даркор мешавад ва аспашро қафо гардонд.

– Ҷуманқлич, ба ҳамааш ташаккур, – бо изтироб гуфт Платонов. – Ту бародари манӣ, мефаҳмӣ?

– Рав, рав назди одамони худ. Ту маро надидӣ, ман туро. Чунин аст ойини биёбон. Ту душман, лекин меҳмони ман будӣ, – ҷавоб дод Ҷуманқлич ва аспашро маҳмез зад.

* * *

Рафтори Платонов рафиқони ҳамроҳашро ба тааҷҷуб овард.

– Ман онҳоро мефаҳмам, – аз дил гузаронд Платонов, охир онҳо аз саргузашти ман огоҳ нестанд. Ман дигар хел рафтор карда наметавонистам, аз дил гузаронд ӯ. Ҳа, Ҷуманқлич ҳамроҳи босмачиён меҷангид. Ҳатто чанд аскари сурхро захмин кард. Вақте ки задухӯрд поён ёфту босмачиёни боқимонда фирор карданд, ҷасади Ҷуманқлич дар як гӯшаи хомаи рег монд…

Ҷасади Ҷуманқлич болои хомаи рег намудор гашт. Хаёле атрофи дашти Қарақум бо ӯ хайрбод мекард. Кулоҳи Ҷуманқлич бо риштаҳои дарози шоҳӣ, ки дуртар мехобид, буттаҳои регзор барин тофт. Шамол нимаи шамшерро дар рег ғӯтонда буд ва ба кадом тараф афтоданашро намедонист…

*Қосим НУРБОДОВ*

# ОХИРИН КАЛОМИ ЛОҲУТӢ

*(Ҳикоя)*

Он рӯз ҳоли Лоҳутӣ нисбат ба қабл андаке беҳтар буд. Парастор низ ин мавзӯъро аз нишасту хези ихтиёрии Лоҳутӣ рӯи кати бемористон мутаваҷҷеҳ шуд... Парастор ин бор, тибқи одати ҳамешагӣ, бемори худро «рафиқ Лоҳутӣ» хитоб накард ва ӯро «шоири мӯҳтарам» садо кард.

Ин ибодат нерӯи зиёде ба шоир бахшид. Чун ӯ барои ҳифзи ному эътибори Абулқосим Лоҳутии шоир аз ҳамон даврони кӯдакӣ ғайрату ҳиммати худро сарф карда буд. Ӯ он ҷо ки лозим буд, шеъррро ҳамчун силоҳ ба кор гирифта буд. Акнун ашъори ӯ рӯҳи мардумро ба авҷ мебурд ва дар ҷашнҳову арӯсиҳо, дар қолаби нағмаву тарона ба ҳар ҷо танин меафканд. Ҳар кас ки ин нағмаҳои сеҳрангезро мешунид, чи шоирро мешинохту чи намешинохт, нохудогоҳ лаб ба таҳсини ӯ мекушуд. Ту гӯӣ, калимаи «шоир» барои ӯст, ки офарида шуда. Мардум ӯро инсони маъмулӣ намедонистанд, балки «ҷуръапӯши ҷоми ҳақ» мепиндоштанд.

Парастор ки дар тӯли шаб муроқибаш буд, имрӯз ӯро «шоир» хитоб кард. Магар на ин аст, ки агар шоир бошӣ, мардум низ ба ту «шоир» хоҳанд гуфт. Ин рӯзҳо чунин аст. Ҷомиа ба ҳар касе ки ду сатрро ба ҳам пайванд диҳад, «шоир» намегӯяд. Шоир!

Ӯ ки то ин ҳафтодсолагӣ барои сарбаландии лафзи «шоир» ғайрату тавонашро музоиқа накарда буд. Имрӯз ин калима тани ранҷурашро ҷоне тоза бахшид ва нерӯе дучандон ба ӯ дод. Лоҳутӣ борҳо ин калимаро аз забони ҳамин хонуми парастор шунид. Ӯ ҳар бор бо шунидани лафзи «шоир» худро нерӯманд эҳсос мекард. Парастор низ аз замоне ки дарёфт, ӯ ҳамон Лоҳутии шоир аст, ҳис мекард. Муолиҷоте, ки барои бемор анҷом медиҳад, беш аз пеш муассир мешавад. Ӯ Лоҳутиро ба василаи ашъораш дуродур мешинохт. Ашъори Лоҳутӣ борҳо ба забони русӣ мунташир шуда буд. Парастор авқоти фароғаташро маъмулан бо мутолиаи китоб сипарӣ мекард. Аз замоне ки Лоҳутиро дар бистари бемористон диду парастораш шуд, беҳтарини вақти худро бо Лоҳутӣ – худаш ё шеъраш мегузаронд. Осори шуаро, аз ҷумла осори Лоҳутӣ зинатбахши китобхонаи шахсии ӯ буд.

Осори Лоҳутӣ боиси равнақи қафасаҳои ҳар китобхонае буд. Китобҳояшро бо иштиёқи тамом ба забони русӣ чоп ва мунташир мекарданд. Албатта, ин ҳам ҳоқӣ аз он буд, ки осори Лоҳутӣ ибтидо дар дилҳо ҷой мегирифту пас аз он дар қафасаи китобхонаҳо. Он гоҳ ки сухан аз шеъру шоирӣ ба миён омад, хонуми парастор пурсише, ки муддатҳо зеҳнашро машғул карда буд, аз Лоҳутӣ пурсид:

– Ман ашъори Шуморо ба забони русӣ мехонам. Онҳо аз форсии тоҷикӣ ба забони русӣ тарҷума шудаанд. Пас, Шумо ашъоратонро ба форсии тоҷикӣ менависед?

Лоҳутӣ бо табассум ба ӯ посух дод:

– Албатта!

Парастор дубора гуфт:

– Ман ашъори Шуморо ба забони русӣ мехонам, бисёр таъсиргузор ва ҳунармандонаву равон

аст. Мегӯянд, агар ба забони аслӣ хонда шавад, сӯзноктару муассиртар аст…

Лоҳутӣ аз ӯ напурсид, аз куҷо медонад, ки забони аслии ашъораш равону таъсиргузор аст, зеро дар гуфтугӯҳои қалбӣ бо шоир гуфта буд, ки аҳли мутолиа аст. Дар муқаддимаи ҳамон китобҳо ғолибан хонанда бо шарҳи ҳоли шоир ошно мегардид ва дар бораи вижагиҳои шеъру шоирӣ сухан гуфта мешуд. Нависандагон дар муқаддимаи осори Лоҳутӣ шеъри ӯро чун оби мусаффову равон тавсиф мекарданд. Шояд парастор ин дидгоҳҳоро пеши чашм меовард ва ба ҳамин хотир чунин назаре дошт. Лоҳутӣ лабханде зад. Нохудогоҳ ба нӯки сабил (бурут) – и пурпушти худ дасте кашид, агарчи медонист, ки ин кор назди он зани ҷавон зишт ҷилва медиҳад. Одаташ ин буд. Ӯ ҳар гоҳ ки мехост, бо хаёле осуда фикрашро ба касе бигӯяд, ин корро мекард. Пурсид:

– Оё мехоҳед, ки шеърамро аз забони худам бишнавед?

Хонуми парастор хушҳол шуд:

– Албатта ки мехоҳам.

– Пас, бигзор, ин шеърро бароят бихонам. Онро ду рӯз пеш дар ҳамин бемористон сурудам…

Парастор бо тааҷҷуб пурсид:

– Бо вуҷуди касолате ки доред, зеҳни худро ба фаъолият во доштеду шеър сурудед? Бо ин ҳоле ки доред, кори фикрӣ ва сурудани шеър барои Шумо хуб нест.

– Ҳоло ки ҳолам хуб аст. Аз замоне ки Шумо маро ба лафзи «шоир» хитоб кардед, ҳолам беҳтар аз қабл шуда. Агар гӯш медиҳед, бароятон бихонам.

Парастор бо тааннӣ пурсид:

– Ку? Куҷост?

Ӯ фикр кард, ки шоир коғазе берун меоварад. Кӯчактарин ҳаракоташро зери назар дошт. Лоҳутӣ

бе ҳеҷ ҳаракате танҳо нигоҳашро ба сӯе дӯхт. Парастор вақте ки дид, шоир дар фикри амиқе фурӯ рафта, гумон кард, бо ҳарфе ки зада, ӯро озурда аст. Талош кард, аз нигоҳу чеҳраи шоир инро бихонад.

Шоир дар ҳамон ҳолу ҳаво ба оромӣ шурӯъ ба хондани шеър кард. Парастор гумон кард, ки шоир таронаеро аз зери лаб наҷво мекунад. Диққат ки кард, мутаваҷҷеҳ шуд, ки шеър аст. Он ҳам ба забоне, ки то он рӯз нашунида буд.

Завқи шеърхонӣ шоирро ба бархостан аз бистари беморӣ во дошт. Парастор ки доим ӯро ба истироҳат дар бистар тавсия мекард, акнун гӯё шоирро намедид ва бӯҳтзада истода буд. Ту гӯӣ шеъри Лоҳутӣ ӯро ҷоду карда буд. Ҳангоми вурудаш ба он утоқ доруҳое дар даст дошт ва бо ҳамонҳо рӯи сандалӣ (курсӣ) нишаста буд. Аммо акнун ҳоҷу воҷ мисли чӯбе хушк истода буду нигоҳаш мекард. Ӯ шеърро ҳам аз худи шоир мешунид ва ҳам аз нусхаи аслӣ, яъне ба забони модарӣ.

Ғуруб буд, ки Ситсилия Бону назди шоир омад. Ӯ ҳамсари Лоҳутӣ ва аз беҳтарин мутарҷимони осораш буд. Ашъори Лоҳутӣ боиси ошноӣ ва пайвандаш бо шоир шудаву ба онҳо фарзанде бахшида буд.

Фаровон буданд касоне ки мехостанд шеъри Лоҳутиро тарҷума кунанд, вале ҳар мутарҷиме ашъори ӯро наметавонист, ончунон ки навиштаву суруда шуда буд, ба забони русӣ баргардонад, магар афроде ҳамчун Г.Шенгели, Е.Козловский, И.Кошежова, М.Акчурин ва Т.Исфандиёрова. Ҳамон тавр ки худи шоир мегуфт, Худованд Бонуро барои тарҷумаи ашъораш ба ӯ дода буд. Бону ҳам ба забони шеъри Лоҳутӣ мусаллат буд ва ҳам худаш шоиру мутарҷиме беназир буд. Лоҳутӣ бо

ҳамкории Бону «Асби мисин» ва «Мотсард ва Салйерӣ»-ро аз осори Пушкин ва бархе қитаъот аз осори «Евгений Онегин»-ро ба забони форсии тоҷикӣ тарҷума карда буд.

Бону аз парастор ҳоли *Лоҳутиро* ҷӯё шуд. Бо шунидани ҷумлаи «Хуб аст» сабкутар ба сӯи утоқи бемор қадам бардошт.

– Шеъре ҳам бароям хонда гуфт, ки ду рӯз пеш сурудааст. Ба забони худаш бароям хонд.

Бону бо шунидани ин суханон аз забони парастор намедонист аз хушҳолӣ чӣ бикунад, зеро бо ин охирин беморӣ *Лоҳутӣ* даст ба қалам набурда буд. Агар шеъре суруда, яъне ин ки қатъан ҳолаш рӯ ба беҳбуд аст.

Шоир агарчи аз ҳоли Бонуву фарзандонаш ҷӯё шуду гуфт, ки ҳолаш беҳтар аз қабл аст, аммо дар бораи охирин сурудаи хеш чизе нагуфт. Чун шоир чизе нагуфт, ҳамсараш – Бону низ дар бораи шеъре, ки барои парастор хонда буд, ҳарфе назад ва чизе напурсид. Чун фикр мекард, шояд комил нашудааст ва мехоҳад, чизе ба он бияфзояд. Шоир, агар ҳатто як байт шеър низ месуруд, ба Бонуяш хабар медоду барояш мехонд, аммо чаро ин бор чунин нашуд? Бону дар баробари ин кори шоир бетафовут низ набуд, вале нахост ҳарфе ба ӯ бизанад. Бо ин вуҷуд набояд байни шоир ва Бону ҳеч гуна рози ногуфтае вуҷуд дошта бошад. Магар на ин аст, ки шеър онҳоро бо ҳам расондаву асрорашонро барои ҳам намоён сохта буд? Бо вуҷуди ин Бону натавонист аз пурсидан худдорӣ кунад:

– Қосим! Шунидаам, дирӯз шеъре сурудаӣ. Аммо…

Шоир талангуре ба сари худ заду гуфт:

– Ситсилия! Ин беморӣ ҳушу ҳавас бароям нагузошта. Бар ман хурда нагир. Хуб шуд, ёдам овардӣ. Бинавис, ки бароят мехонам.

Бону коғазу қаламе оварад. Лоҳутӣ шумурда-шумурда, шурӯъ ба хондан кард. Нигоҳаш қалами сиёҳи Бонуро, ки ба рӯи коғази сапед шиновар буд, намедид. Лоҳутӣ шеърашро ба поён бурд. Мазмуни ин шеър дар мағзи устухони Бону нуфуз кард.

Ҳар шеъре ки Лоҳутӣ месуруд, бар тамоми вуҷуди Бону таъсир мегузошт. Ӯ ҳам ашъори ғамангез ва ҳам шод дошт. Аммо ашъори ғамангезаш ғусса намеоварад ва ашъори шодаш шод намекард. Шеър асосан барои шод шудан ва ғамгин шудан суруда намешавад. Шеър марҳам ва доруи рӯҳбахши равони одамист. Дору агарчи талх аст, барои беҳбуди ту судманд аст. Шеъри ғамангез низ чунин аст. Аммо ин шеър дар дунёи рӯҳу равони Бону таъсире шигифт гузошта буд. Гуфт:

– Қосим! Шеъри шигифте сурудаӣ. Ман ҳатман имшаб мешинаму инро тарҷума мекунам.

– Писандидӣ? Хушат омад?

Бону бе ҳеч ҳарфу сухане танҳо саре такон дод. Лоҳутӣ низ хурсанд шуд.

Садои занге, ки нимаҳои шаб баланд шуд, парасторро, ки машғули мутолиаи китоб буд, ба ҳарос андохт. Ҳамон вақт ӯ тибқи одат ба чароғи кӯчаке нигоҳ мекард, ки шумораи утоқи беморе-ро, ки кӯмак мехост, нишон медод. Садои занг аз утоқи Лоҳутӣ буд. Парастор бо аҷала ба самти утоқ давид. Дид, ки шоир нафасҳои амиқ мекашад ва як дасташ рӯи тугмаи занг буд.

– Шоир! Ман омадам.

Шоир чашмашро ба сӯи он садои ошно кушуду дасташро аз тугмаи занг бардошт. Ба парастор ишора кард, ки биншинад. Парастор сандалиро бардошт ва ба канори тахти бемор бурду нишаст.

– Алъон ба ту дору хоҳам дод. Бигзор, об биёварам.

Шоир ки дасти парасторро гирифта буд, раҳо накард.

– Роҳат бошед, шоир… таб надоред?

Лоҳутӣ агар мехост дар чунин вазъе сухан бигӯяд, барои ин ки дигарон бифаҳманд, ба забони русӣ ҳарф мезад.

– Чӣ шуда, шоир? Роҳат бошед, алъон пизишкро садо мезанам!

Лоҳутӣ қасд надошт дасти парасторро раҳо кунад ва худаш низ бо садои хеле оҳиста лаб ба сухан кушуд. Парастор ҳар чӣ бо дилу ҷон гӯш супурд, нафаҳмид ӯ чӣ мегӯяд. Шоир ки гӯё каломашро тамом карда буд, оби гулӯ фурӯ бурд. Баъд дубора замзама оғоз кард.

Парастор ин бор низ мутаваҷҷеҳ нашуд, вале ҳадс зад, ки ҳамон сухани қаблиро дорад такрор мекунад.

Шоир суханашро тамом карду оби гулӯ фурӯ дод. Парастор даҳонашро наздики гӯши бемор оварду гуфт:

– Ба забони русӣ ҳарф бизанед. Чӣ мегӯед, шоир?

Аммо садое аз шоир барнаёмад. Дастоне ки муҳкам аз дасти парастор гирифта буд, ором-ором сард мешуд. Дастоне ки барои шеър ҷон дод, дар дастони сапеди парастор ях зад. Равони шоир ба сӯи ашъори фанонопазираш парвоз кард.

Хабари таассуфовари марги шоир аз тариқи ҳамаи матбуот кишварро фаро гирифт. Муштоқони шеъри Лоҳутӣ бо шунидани ин хабар мотам гирифтанд. Муддати зиёде аз ин воқиа нагузашта буд, ки Бону парастори ҳамсарашро ёфт ва аз ӯ дар бораи охирин лаҳзаҳои умри Лоҳутӣ пурсид. Ҳамоно Бону аз охирин шеъри Лоҳутӣ да-

рёфта буд, ки вопасин дами шоир чӣ гуна хоҳад шуд, вале интизор надошта, ки ногаҳон чунин хоҳад шуд. Инсони оҷиз ба худ мегӯяд, ҷони аз даст нарафта, умри давоми ҳаёт дорад.

Бону беҳадаф ба дунболи парастори ҳамсараш набуд. Ба дунболи ӯ набуд, ки фақат аз ӯ дар бораи вопасин дами шоир бипурсад. Инсон гоҳе дар лаҳазоти охири зиндагӣ суфорише дар бораи чизе ё васияте ба ҳамсару хонаводааш дорад ва агар розе дорад, ки то дами охир нигоҳ доштааст, онро ба бозмондагони худ бозмегӯяд.

Бону ту бо ин андеша, ки шояд Лоҳутӣ дар вопасин дам сухане ба парастор гуфта бошад, бо ӯ мулоқот кард. Парастор ончиро ки пеш омада буд, барои Бону шарҳ дод. Гуфт, ки дар нимаҳои шаб садои занг ба гӯшаш расида ва шоир бо ҳузури ӯ ҳарфҳоеро замзама кардааст.

Бону ба парастор назидктар шуда гуфт:

– Бигӯ, чӣ гуфт?

– Натавонистам бифаҳмам.

– Магар бо беҳолию заъфи зиёд сухан гуфт, ки натавонистӣ бишнавӣ?

– Хайр.

– Пас, чаро мутаваҷҷеҳ нашудӣ, чӣ гуфт?

– Ба забони худаш сухан гуфт.

– Ба забони худаш?

Парастор ба аломати таъйид сар такон дод.

– Чӣ гуфт? Оё натавонистӣ маънояшро бифаҳмӣ?

Парастор ба аломате сарашро боло бурд.

– Ҳатто як калимаашро намефаҳмидӣ?

Парастор ба фикр фурӯ рафту гуфт:

– Ба гумонам, номи касеро ба забон овард.

– Номи чи касеро? Маро?

– На! Номи Шумо набуд, номи мардона буд, … Писар доред?

– Дорем.

– Номаш?

– Данил.

– Данил набуд, на, Данил набуд.

– Ҳатман номи мардона буд?

– Бале.

Парастор барои ин ки ба ёд биёварад шоир чӣ гуфта, мутафаккирона, лабонашро ба дандон газид.

– Аш..., гумонам, номест, ки ҳамеша бар забонҳо ҷорист. Номи урупоӣ набуд.

– Агар бархе номҳоро бароят бишморам, оё мумкин аст, он номро биёбем? Оё хоҳӣ донист, ки он номро бар забон овардааст?

– Албатта, хоҳам донист. Агар фикр кунам, шояд битавонам худам ба ёд биёварам.

Парастор муддате андешиду гуфт:

– Ҳамон рӯзҳо дар хотирам буд. Чӣ бигӯям? Гумон намекардам, ин чизҳо зарурӣ бошад. Баъдҳо гуфтаҳои ӯ дар гӯшам танинафкан буд. Дуруст, мисли шеър буд.

Бону хеле алоқаманд буд, ки вопасин каломи Лоҳутиро бидонад. Суханони охирин дами ӯ барои Бону қатъан як ниёз буд. Агар Лоҳутӣ он суханро essential онҷунон ки парастор мегӯяд, ба забони худ гуфта бошад, лобуд гумон мекард, ки ман дар он лаҳазот дасти ӯро мефишурдам ва ба ҳамин далел ба забони модарии худ сухан гуфта, то фақат ман сухани ӯро бифаҳмам. Шояд ин як роз аст. Агар роз набошад, магар наметавонист ба забони русӣ бигӯяд? Қабл аз ин ки бо парастор ба забони русӣ сухан мегуфт?!

Чеҳраи парастор ногаҳон дурахшид.

– Ёфтам, номи Расулро ба забон овард.

Бону ба ҳаяҷон омад:

– Расул, Расул, Расул!...

Пай набурд, ки Лоҳутӣ барои чӣ ин калимаро гуфтааст.

Парастор дубора гуфт:

– Муҳаммад.

– Гуфт, Муҳаммад? Воқеан мутмаинӣ?

– Албатта ки «Муҳаммад» гуфт. Воқеан мутмаинам, ба ёдам ҳаст.

Гӯё ки чизҳое таровиш кард. Чеҳраи Бону нуронӣ шуд. Дасташро пушти шонаҳои парастор гузошт, бо меҳру муҳаббати модарона навозиш карду гуфт:

– Агар ман ин ҳарфи Лоҳутиро бозгӯ намоям, оё ту ташхис хоҳӣ дод, ки ин ҳарфҳоро задаст?

– Албатта ки хоҳам донист, чун ӯ ҳамон ҳарфҳоро ҳудуди се бор такрор кард. Гумон мекунам, шоир такрор кард, то ман ба хотир бисупорам…

Бону дубора рӯи сандалӣ нишасту оҳиста-оҳиста замзама кард:

– Ашҳаду ан ло Илоҳа иллаллоҳ ва ашҳаду анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳу.

Хонуми парастор дасташро рӯи шонаи ӯ гузошту бо меҳру муҳаббати духтарона навозиш кард.

– Худаш аст! Худаш аст! Шоир дақиқан ҳамин ҳарфҳоро такрор кард, се бор…

Парастор дар ҳоле ки беруни ҳаёти бемористон аз Бону худоҳофизӣ ва ӯро бадрақа мекард, пурсише ки дилашро беқарор карда буд, матраҳ кард:

– Агар роз нест, лутфан бигӯед, шоир дар вопасин дам чӣ гуфтааст?

Бону ба ӯ посух дод:

– На, ин як роз нест, балки дар кулли ҷаҳон ошкор аст. Ӯ қабл аз ҷон супурдан калимаи шаҳодатро ба забон овардааст. Якеро ки ӯ се бор хонд «калимаи шаҳодат» мегӯянд. Ин калом барои ҳар мусулмон фарзи айн аст.

*Худойбердӣ ДЕВОНҚУЛИЕВ*

# БОЗГАШТ СӮИ САРВӢ

*(Қисса)*

Кӯлҳои мусаффои дашт, аз насими форам лапида, маҳин-маҳин садо медоданду дар баҳр села-села мурғобиву қозу қувон шино мекарданд.

– Эҳе-ҳей! Дуруд, дашти беканор!.. – болида, фарёд мезад Исмал.

Хеле паст, қариб рӯ-рӯи найистон шунқоре болафшонӣ дошт ва ҳатто чашмаконашро, ки чун доначаҳои каҳрабо медурахшиданд, дидан мумкин буд. Сайёд бо ҳавас аз он чашм намеканд. Мурғаке будан чӣ сон хуб аст! Оре, вале инсон будан чӣ?.. Бад нест, аммо инсон парвоз карда наметавонад. Деҳаи Исмал, зодгоҳи азизи ӯ аз ин ҷоҳо чӣ қадар дур, дар паси Баҳри Окс аст. Ва дар он ҷо варо Сарвӣ беқаророна интизорӣ мекашад. Агар парвоз карда метавонист сайёд, чун бод сӯи дилбари хеш мешитофт, мешитофт, то чашмони нилгун, қаду қомати зебо ва ҳаракатҳои мавзунашро серӣ бубинад. Чун бол надорад, кор душвор, агар пиёда ва ё аробасавор биравад, то расиданаш эй басо офтоб мехезаду мешинад. Эҳе, баъди пиёдаву савора рафтан боз тавассути завраќи бодбонсиёҳ аз баҳр шино карда гузаштан лозим. «Хуллас, Сарвиамро ба ин наздикӣ намебинам», – оҳи сард кашид ӯ.

Аробае, ки аспҳои нимваҳшӣ кашолакунон мебарандаш, дар дашт базӯр мехазад. Ғиҷирроси

якнавохти чархҳои фарсудаву ҳуштаки ҳазини бод ғанаби сайёдро меоранд. Исмал ба ҳамқавмонаш, ки дар пас ширин мехуфтанд, нигоҳе афканду ноаён худ низ ба хоб рафт. Ва боз ҷангалзори анбӯҳи Нимашабро хоб дид, ҷангалистонеро, ки санҷобҳояш чун борон мерезанду самурҳояш чун сиёҳбӯрон пеши назар даршитобанд.

Се моҳ қабл Тӯри пир, пешвои қабилае, ки дар паси Баҳри Окс, лаби рӯде мезияд. дастаеро зери ҳидояти Исмал барои мӯинаву пӯст фиристода буд. Сафар бобарор омад, ҳарчанд ки як ҳамроҳашон аз зарби хаданге, ки ваҳшитабиате аз анбӯҳи беша зада буд, ҳалок гардид. Бо вуҷуди ин, аробаашон пур аз пӯсти силовсину самур ва савсору қундуз буду аз шикор қонеъ баргаштанд.

Бисёре аз онҳоро Исмал бо мису биринҷӣ, ки ваҳшитаборон меписандиданд, ба ороишоти ақиқӣ иваз кард. Матоъҳои пахтагиву зарфҳои нозук низ ба кор рафтанд.

Дар ин қатор шикори худашон ҳам ҳаст. Ба Сарвӣ тӯҳфаи арзандае кардан мумкин!

Калобаи хотира тоб мехӯраду тоб… Дар бешазори Нимашаб тобистон, фасле ҳукм меронд, ки ғурубҳои тӯлонии ғамангез дошту шабҳои ситорабор ва шабнамзори дилрабо. Ваҳшиёни пӯстинапӯш шабаҳсон пайдо мешуданд. Бо силоҳ таҳдид мекарданду баъд барои табодул мӯина меоварданд; охир, онҳо ҳам одаманд ва агар бо шамшер нею бо молу матоъ биёӣ, хуш қабулат мекунанд. Ваҳшиён Исмалро бо гӯшти гавазну меваҷот – он чизе, ки худ мехӯранд, зиёфат карданд. Дар бораи Нимашаби сармобор ҳикоят намуданду Баҳри Тира, ки дар фазои беканораш хатҳои дурахшоне фурӯзон мешаванд ва дар замини пур аз яхобаш сафедушнаи сурхгул мерӯяд.

Рӯшантар аз ҳама ба ёди сайёд рӯде мондааст, ки дар он тарафи Камарбанди Сангӣ ҷорӣ буд. Албатта, на Исмал медонисту на ҳамқавмони севуним ҳазор сол қабл дар соҳили Баҳри Арал маскунаш, ки он Волга аст. Рӯзи офтобӣ буду шамолаке мевазид. Рӯди беканор сӯи баҳри Каспий ҷорӣ мешуд. Исмал рӯзи дароз аз тамошои ин рӯд лаззат бурд. Чӣ рӯди беканоре, чӣ амвоҷи беқароре!.. Ҳамқавмонаш, пойҳои кашолашонро бозӣ доронда, рӯи ароба менишастанду ба ҳоли раҳбарашон механдиданд.

Соҳили муқобили рӯд пуршебу фароз буду бешазор.

Сайёдон чанд рӯз рӯи регзори соҳили чапи Волга фароғат карданд. Боре саҳаргоҳон Исмал мушоҳида намуд, ки аз соҳили пуршебу фароз сӯи онҳо завраке шино мекунад. Онро ҷавони танумаңде идора менамуд, ки куртаи дароз доишту эзоршро то зону таҳ карда буд. Мӯи зардаш аз дами бод чун машъал ҷамъу парешон мешуд. Бели завракашро алвонҷ дода, фарёд кард ӯ: «Эҳе-ҳей!.. Исмал ба нишони истиқбол аввал дасташро ёзонду баъд ба сари сина пахш намуд. Ҷавон аз ҳамон дурӣ ба забони бегонаи нофаҳмо чизе пурсид. Исмал пай бурд, ки чӣ мехоҳад ӯ ва сӯи ҷанубу шарқ ишора кард. Баъд аз халтаи сафариаш пораи пӯстлохи Тӯсро бо акси Баҳри Окс ва рӯди ҳамон сон бузурге, ки тибқи маълумоти сайёдони қаблан ба Нимашаб рафта кашида буд, баровард. Ҷавон хам шуда, дурудароз нигарист ва фаҳмида, хандид. Тасдиқомез сар ҷунбонд ва бо зарби сахти бел завракро пас гардонд. Дере нагузашта, ӯ дар оинаи дурахшони Волга ба нуқтаяке табдил ёфт…

Ҳамқавмаш сахт ба тахтапушти Исмал зад ва ҳамоно ғанабаш барҳам хӯрду тасвири рӯди дурахшон низ аз пеши чашмонаш гум шуд.

– Шабро дар ҳамин ҷо рӯз кардан лозим, – хастаҳолона гуфт ҳамқавмаш.

* * *

Баъди тулӯи ду моҳи дигар онҳо Баҳри Оксро гузаштанд ва акнун ба зодгоҳи азизашон наздик мешуданд. Пеши назарҳо халиҷи Девонадарё ва кулбаи тоқдори баланди соҳил намоён гашт. Он истиқоматгоҳи қабилаи «одамони баҳрӣ» буд. Дар атрофи он нимзаминканҳои бо чӯбу най рӯпӯшида ба назар мерасиданд. Баробари дидани ароба занону духтароне, ки дар тунукоб ҳашарот ва рустаниҳои хӯрданбоб мечиданд, ба истиқболашон давиданд – онҳо аз ҳаяҷон садоҳо мебароварданду пӯсту мӯинаҳоро даст-даст мекарданд.

Исмал сӯи онҳо сар ҷунбонда табассум мекарду чашмонаш Сарвиро меҷустанд. Вале ӯ набуд. Аз ин рӯ, Исмал яке аз пиразанҳоро пурсид:

– Эй Оҳучашм… Сарвӣ куҷо шуд?

Зан ба ӯ тавре тараҳҳумомез нигаристу оҳиста посух дод:

– Аз Тӯри пир бипурс. – Ва боз ангушт ба анбӯҳи мӯина халонд.

Ин лаҳза дар дуродур карранойи бузурге садо доду шавқуни нақораҳо ба фалак печид. Садоҳои мардон торафт аёнтар ба гӯш мерасид: ҳамқавмон назди ароба меомаданд. Пеш-пеши ҳама, савори хари сафед, Тӯри пир меомад.

Исмал оҳиста аз ароба фуромада, ба истиқболи пешво рафт. Як даста пӯсти яккачинро болои сар бардошта, дод зад:

– Бешумор овардам , Тӯр, бешумор. Нигоҳ кун!..

Пешво бо виқор сар ҷунбонду андешамандона кавкабаи ақиқиашро бозӣ доронд. Тӯлонитар аз лозим чашмони зардашро, ки миҷа намезаданд, аз

чеҳраи гирифтаи Исмал барнадошт ва гӯё меҳрубонона гуфт:

– Сайёди хубӣ ту. Ҳарчанд ки ҷавонӣ. Барои барорат се пӯст медиҳамат.

«Кам, – фикран эътироз кард Исмал. – Пири бадӣ ту, зихнай. Хуб, ман тӯҳфаро фаромӯш намекунам.»

Тӯр гуфт:

– Ба хонаи қавм бирав. Даркор бишавӣ, ҷеғат мезанам.

Ӯ бо ишораи ангушт сардори сарбозонро наздаш хонда, чизе фармуд.

Сардори сарбозон, назди ароба рафт ва пӯстҳоро хеле тагурӯ карда, боз як пӯсти савсор ва як пӯсти пашмрехтаи хирсро ба пеши пои Исмал партофт.

– Тӯри пир инҳоро ҳам ба ту мебахшад, – зери лаб гуфт ӯ. – Барои чӣ, медонӣ? – Ва мисли он зан, нигоҳи ҳамдардӣ ба рӯи Исмал дӯхт.

Ба саволи хеш ҷавоб надод сарбоз ва Исмал ҳам хуши пурсидан надошт. Ӯро чизи дигар азият мекард: «Барои чӣ Сарвӣ нест? Мабодо, бемор шуда бошад? Дар куҷо бошад?»

Бӯрёи ҷои дарро яктарафа карда, ба хона даромад. Ҳамоно бӯи ғизопазии хонадонҳо ба димоғаш зад. Аз дуди тезу тунд чашмонаш сӯхт, вале ин бӯю таф аз тифлӣ барояш ошно буд. Дар ин хонаи бузурги тоқдор зери як бом қариб тамоми қавм мезист. Ва ҳар оила барои омода намудани ғизо оташдони хешро дошт.

Исмал ба гӯшае, ки муҷаррадон мезистанд, рафта рӯи тахтакат дароз кашиду дастонашро зери сар монд. Ҳамин дам амакаш – бародари падари ким-кайҳо дар шикор ҳалокшудааш ба ӯ рӯ овард:

– Хуб, Исмал!.. Шодам, ки баргаштӣ. Дардатро медонам, вале Сарвӣ ин ҷо нест. Ӯро Тӯри пир назди худ бурд. Дар хонаи тирае нигоҳаш медорад.

– Барои чӣ? – ҳанӯз ба асли ин хабар нарасида, пурсид Исмал.

– Барои он ки ром шудан намехоҳад Сарвӣ.

Исмал ҷаста хест, вале амак ба ҷойхоб пахшаш намуд.

– Нарав он ҷо! – Пичиррос зад ӯ. – Тӯр бисёр бадхашм аст. Медонад ӯ, ки Сарвӣ дар бораи ту меандешад... Аз бало дуртар бошӣ, беҳтар.

Исмал дандон ба дандон монд. Баъд то дер нахобид, андеша кард. Вале илоҷе ба ёдаш наомад. Сайёди одӣ аз гапи пешвои қавм баромада наметавонад. «Бояд назди Сарвӣ рафт, – қарор дод оқибат. – Ақаллан бояд бинамаш».

Як поси шаб оҳиста бархост, ханҷари биринҷиашро даст-даст карда дид. Онро ба ӯ як тоҷир, ки маълум набуд аз кишварҳои ҷануб чӣ гуна ба соҳилҳои Баҳри Окс расидааст, ҳадя карда буд. Дар биёбон раҳгум зада буд тоҷир ва агар ба Исмал, ки оҳуи даштӣ шикор мекард, вонамехӯрд, зинда намемонд.

Дар авҷ ахтарон фиребо дурахшида, аз субҳи наздик пайғом медоданд. Исмал то назди он хонаи тираву тор хазида рафт. Ханҷарашро бароварда, тасмаҳоеро, ки кундаро баста буданд, бурид ва оҳиставу бесадо дарро кушод...

Сарвӣ рӯи пӯсти кӯҳнаи гавазн мехобид. Исмал ба бараш нишаста, мӯйҳояшро сила кард.

– Бихез, – пичиррос зад ӯ. – Манам.

Сарвӣ чашмонашро кушод ва аз шодӣ оҳиста нидое бароварда, бодсон бархост.

– Манам, Исмал, – такроран пичиррос, зад ӯ. – Мехоҳӣ бо ман ба биёбон биравӣ? Наметарсӣ?

– Аз ҳеҷ чиз наметарсам, – посух дод Сарвӣ.

...Субҳдам ҳардуро дур аз қароргоҳи қабила истиқбол намуд. Вале начандон дуре, ки дил мехост. Маркаби бегона, ки Исмал меронд, бо дили нохоҳам мерафт.

Офтоб баланду ҳаво гарм шуд. Қарор доданд, ки гармои нимарӯзро байни найистони шохоби Девонадарё сипарӣ кунанд. Сӯи ғурубгоҳ, ҷониби Баҳри Каспий ҷорӣ буд он.

...Пайгири ботаҷриба Тӯр, ҳарчанд ки ғайб задани Сарвиро рӯз фаҳмид, зуд пайи Исмалро гирифт. Духтар, ки сар ба китфи сайёд ниҳода, ғанаб карда буд, баногоҳ овози сагу садои мардонро шунид.

– Тӯри пир! – дод зад ӯ.

Исмал зуд бархоста, сӯи хар, ки дар найзори хуррам мечарид, давид. Ва дилдорон онро сӯи ҷазирае, ки буттазори анбӯҳ дошт, тозонданд. Сарвӣ ба хар савор буд, Исмал бошад, лаҷоми онро ба дасти чап гирифта, дар ҳавли ҷон бо дасти рост, муқобилати ҷараёни тундро бартараф намуда, шино мекард. Мавҷҳо Сарвиро ҳар сӯ мекашиданд, вале ӯ мувозинатро нигоҳ дошта, устувор рӯи дарозгӯш менишаст.

Онҳо дар буттазор ниҳон шуда буданд, ки дар соҳили шохоб саворон падид омаданд. Саг боэҳтиёт ба об даромада, сӯи ҷазира аккос зад. Саворон бо доду фарёд аспҳоро ба шохоб андохтанду Тӯри пир дар соҳил монд.

«Афсӯс, ки гурехта намешавад», – бо алам аз дил гузаронд Исмал. Оҳи сарде кашид ӯ ва хадангро ба камонаш ҷо кард. Пешвои пир фурсати яктарафа шудан наёфт – тир рост ба сари синааш халид. Аз дард фиғон кашид ӯ ва аз ёлҳои асп дошта, ба замин сарозер шуд. Саг ва ду хеши Тӯр ҳамоно пас гаштанд, дигарон роҳашонро идома дода, ба ҷазира расиданд.

– Бигурезу дар он ҷо интизор бишав… – Гуфт Исмал ба духтар.

Сарвӣ норозиёна сар ҷунбонд.

Боз ду бор камон кашид Исмал ва боз ду нафар ҳамроҳи Тӯр рӯи реги сӯзон афтоданд. Дигаронаш дар буттазор паноҳ бурданд ва ҳамоно тирҳои ҷавобӣ омаданд. Якеаш ҳамроҳи пӯст як қабза мӯи Исмалро канда бурд.

Лаҳзае пас фарёди ҷонкоҳи Сарвӣ баланд шуд. Исмал боэҳтиёт духтарро бардошта, ба коза бурд ва мехост хадангро аз сари синааш бигирад, ки дастонаш бемадорона поён шуданд: Сарвӣ ҷон медод.

Одамони боқии Тӯрро дигар бо Исмал кор набуд, – аспҳоро тозиёна зада, ба ёрии пешвояшон шитофтанд онҳо. Исмал аз дастаи тозон чашм намеканду аз ҷо намеҷунбид. Дигар барои ӯ касеву чизе вуҷуд надошт, чунки абадӣ аз Сарвӣ ҷудо мешуд…

Исмал дид, ки духтар чизе гуфтанист, зуд ба зону зад. Гӯшашро ба лабони ӯ расонда, базӯр ҳарфҳояшро, фаҳмид:

– Маро дар кишвари аҷдод биёб… Исмал!... Биёб.

Дастони ларзонро ба камарбанд бурда, дорудонеро, ки решаи нилуфар дошт, гирифт ва базӯр шунаво гуфт:

– Бигир… Нигоҳат медорад…

Шӯълаи нилии чашмони Сарвӣ, ки бемадорона сӯи Исмал менигаристанд, батадриҷ хомӯш мегашт.

Тӯри пири беҳушу беёдро ақрабояш ба қароргоҳ бурданд. Вақте ки садоҳои онҳо дар дуродур хомӯш шуд, Исмал аз саксавул гулхани бузурге фурӯзон карда, ҷасади Сарвиро рӯи он ниҳод…

Машъал ва дуди он дар дами бод алвонҷ мехӯрданд, вале сайёд гармову гармии гулханро эҳсос накарда меистод, зеро Сарвӣ бо боли дуди парафшон сӯи кишвари аҷдод, ба дашти ҷовидона сабзу хуррам, ки пур аз гулу гиёҳу хушбӯиҳост, парвоз менамуд.

Оташ кайҳо хомӯш шуда буд, вале Исмал, бехудона ба боқимондаи гулхан нигариста, ҳамоно рӯи регзор менишаст. Баъд бархосту ба атроф нигарист. Ҳама чун пештара буд: дарёча ҳамоно равон, найистон аз дами бод ларзон, танҳо офтоб буд, ки сӯи ғуруб мерафт.

«Куҷо бояд рафт? Чӣ кор бояд кард? Дигар ба деҳа роҳ нест…»

Ин дам тоҷири нимарӯзи биёбон ба ёдаш расид, ки гуфта буд: «Кӯҳдомани мо бисёр зебост. Обу сабзааш ҳисоб надорад. Дарахтонаш осмонбӯсанд, ҳатто сабзаҳояш аз қади одам кам нест! Мардуми мо дар деҳаҳои бузург зиндагӣ мекунанд. Матоъҳои хушранг мебофанд, либосҳои зебо медӯзанд. Сохтани шамшеру сипар, кулаҳхӯд ва ороишоти гаронбаҳоро хуб аз худ кардаанд онҳо. Дигаронаш замин шудгор мекунанду кишт менамоянд ва ғаллаи фаровон мерӯёнанд. Чӣ будани онро намедонед шумо ва агар бидонед, дигар дил канда наметавонед. Шумо ҳанӯз саҳрой, сайёду моҳидоред. Вале ин кам аст барои одам. Ту, Исмал, мадад кардӣ, ки ман аз марг дар биёбон наҷот биёбам! Ман инро ҳаргиз фаромӯш нахоҳам кард. Баъди ҳазор сол ҳам биёӣ, дари ман ба рӯи ту боз аст. Шаҳреро, ки ман мезиям, ба ёд бигир – Катсач ном дорад он, хонаи Дравидро бигу, хурду бузург нишонат медиҳад.

Исмал қарор дод, ки ба Катсач биравад. Аз кундаҳои ғафси каҷу килеб амад сохта, ба дарё даромад.

Серобу беканор буд дарё! Гоҳ-гоҳ чапу рост буттазор ва теппаҳои сарсабз ба чашм мерасиданд. Инак, регзорон нопадид шуданду атроф сабзу хуррам гашт. Зуд-зуд ҷазирачаҳое монанд ба оне, ки Сарвӣ ҳалок шуда буд, дучор меомаданду дилашро дарди носураш мефушурд.

Шабона ба соҳил мебаромад Исмалу рӯзона шино менамуд. Аз офтоби сӯзон зери соябони найӣ паноҳ мебурд. Ва пайваста дар устухонпораи ҳамворе тарҳи рӯи Сарвиро кандакорӣ мекард. Ин корро ҳанӯз ҳангоми шикор дар минтақаи Нимашаб оғоз намуда буд ӯ. Он чеҳраи азизро акнун дудаки андӯҳборе мепечонду ҳусни бештараш мебахшид...

Ин ҳунари Исмал ҳанӯз дар наврасӣ зуҳур карда буд ва бисёр мешуд, ки наздикон, ба мурғакону дарандаҳо ва рустаниҳои тасвиркардаи ӯ нигариста, ҳайрон мешуданд.

Боре, пеш аз субҳ, Исмалро дар соҳил одамони номаълуме, ки пӯсти барра ба тан доштанд, дастгир намуданд ва баста, ба хар бор карданд. Ҳамоно корвони моҳии тоза шитобон ба роҳ баромад, чунки то кӯҳдоман ҳанӯз дур буду моҳӣ вайрон шуда метавонист.

Дар деҳаи кӯҳдоман Исмалро назди пири қавм – мӯсафеди бузургҷуссаи чеҳракушод оварданд. Ӯ танутӯши марди саҳроӣ ва либоси вай – пӯсти гавазнро аз назар гузаронда, фармуд, ки бандҳои дасту пояшро кушоянд.

– Куҷо равон будӣ? – пурсид пир бо забони фаҳмо ва Исмал, албатта, пай намебурд, ки ҳарду ҳамхун ҳастанд.

– Кат-саг! Ба Катсаг меравам.

– Барои чӣ?

– Дравид, дӯстам он ҷо зиндагӣ мекунад. Назди ӯ меравам.

Баробари шунидани номи Дравид дар лабони пир табассум пайдо шуд:

– Медонам Дравиди тоҷирро. Пагоҳ корвоне ба Катсаг меравад…

Инак, дар байни теппаҳои сабзу хуррам, дар ҳалқаи марғзорон Катсаг намоён шуд ва дар болои дандонаҳои девораш пеши чашм ибодатхона ҳувайдо гашт. Ба манзараҳои бароящ аз нақли тоҷир ошно нигариста, Исмали зебопараст ботинан меболид.

Корвон ба шаҳр ворид гашта, бо аҳли он омехт. Исмал бо ҳамсафарон хайрухуш карда, зери дарахти лаби ҷӯ каме дам гирифт ва пас аз оби софи он каме нӯшида, сӯи ибодатгоҳ равон шуд. Дар пеши чашмаш бозор меҷӯшид. Овози фурӯшандаву харидорон, садоҳои бузу гӯсфандон ва ҳангоси харон атрофро пур карда буд. Ҳунармандон маҳсулоташонро бо пӯсти барзаговон, барзгарон бо ашёи ороиш иваз мекарданд. Гоҳе маъданҳои гаронбаҳо пеши чашмон медурахшиданд.

Исмал ин манзараҳои ноошноро тамошокунон аз қатори фурӯшандаҳо гузашт ва назди хонае қарор гирифт, ки рӯи зинаҳояш марди фарбеҳи ришсиёҳе менишаст.

– Хонаи Дравиди тоҷирро нишон медодед, – хоҳиш кард ӯ.

Марди фарбеҳ танбалона ба қатори муқобили хонаҳо ишора намуд:

– Ҳо он ҷо. Хонаи зардро мебинӣ?

…Тоҷири қадпасти тануманду ҷингиламӯй Исмалро бародарвор истиқбол кард. Рӯи бӯрё шинондаш ва хизматгорро фармуд, ки ғизову нӯшокӣ биёрад. Вақте ки Исмал хӯрду нӯшид, пурсид:

– Чӣ гуна то ин диёрҳо омадӣ? Охир, аз Баҳри Окс то ин ҷоҳо роҳи дуру пурхатарест.

Ва ҳикояти Исмалро шунида, сари ҷингилаашро ҷунбонда, гуфт:

– Қисмати ту қисмати ман аст, Исмал. Вале дар вақти носозгоре омадаӣ! Дар он сӯи кӯҳ, – Дравид ба қуллаҳои рӯбарӯ ишора кард, – шоҳи кишвари Ур қӯшунҳои Набонидро фиристодааст. Барои чӣ – худамон ҳам намедонем. – Дравид маҳзун гӯши чапи ҳалқадорашро молида, илова кард: – Чӣ илоҷ, қисматамонро бо ҳам мебинем.

Вале алҳол оромӣ ҳукмрон буд ва касе ҳаёти одамони озоди кӯҳдоманро халал намедод. Дравид зуд-зуд пайи корҳои хеш мерафт ва баргашта вақти зиёдашро ба Исмал мебахшид: хати мехиву ҳисобро меомӯхташ, соатҳо аз сафарҳояш ба Шарқ нақл мекард.

– Ватани ман, бародар, Катсаг нест, балки хеле дур аз ин ҷоҳо, дар ҳавзаи дарёи Ҳинд воқест, ки ба баҳри бекарони Уаҷ-Ур[1] мерезад. Як замон ман баҳрнаворд будам, он ҷо тиҷоратхона доштам. Ва ҳар мавсим, савори киштии норинҷи бодбон ба Пунту Шумер шино мекардам… Оре, як замон чунин буд… – Дравид оҳи сард кашид. – Ватанро на бо ихтиёри худ тарк намудам. Мисли ту, Исмал.

Дравид аз кишварҳое сухан мегуфт, ки дар диёри Нимашаб ҳатто номашонро нашунида буданд.

– Боре, баъди бӯрони серӯза, амвоҷ киштиамро ба соҳили ҷазираи номаълуме партофт. Баъд фаҳмидам, ки дар ривоятҳои мардуми мо онро Офтобӣ ва арабҳо Тапробаной меноманд. Кӯҳҳои басо баланд дорад ону дарёҳои сероб, ҷангалистони анбӯҳашро оғозу анҷом нест. Шабо-

[1] Уқёнуси Ҳинд.

на гамбусакҳои шуълабораш чашм мебаранду доду войи маймунҳояш, ки ба фарёди гурбаву рӯбоҳ монанд аст, бо «навои» чирчиракҳояш омехта, хоби касро мепаронад.

Дравид хомӯш монда, ба фазои бекарон нигарист. Аз афти кор, саргузашти деринаеро ёд меовард.

– Баъд чӣ шуд, бигӯ, – исрор кард Исмал. Чашмонаш медурахшиданд, ҳаваси сафарҳои дур дилашро пур карда буд.

– Баъд ҳамааш тамом шуд, – идома дод нақлашро тоҷир. – Ман ба Пунт[1], барои атриёту пӯсти ҷонварҳои камёб рафтам. Банохост бӯрон бархосту киштиро ба ҷазираи ваҳшиён афканд…

Ба асорати қабилаҳои Пунт афтодам ва маро ба коҳинони Та-Кема фурӯхтанд. Аз он ҷо тавонистам, ки ба Сарзамини Раҳмат[2] баргардам. Ва он ҷо, дар наздики Эрида имкон шуд, ки ба кӯҳҳои Загрос бигурезам. Чанде он ҷо дастёри шубонон будам, бузу гӯсфандонашонро мепоидам. Қобилиятамро дида, пешвои қабила сарвари корвоне, ки сӯи шимол, ба Катсаг равона буд, таъинам кард… Чунон ба мардуми саҳро дил бастам, ки то кунун ҳамроҳашонам.

* * *

Дравид пеш аз мӯҳлат ба хона баргашт. Исмал, ки пушт сӯи дарвоза менишасту саргарми офаридани симои Сарвӣ буд, инро пайхас накард. Дравид, лаҳзае чашм аз он офаридаи фиребо наканда, дар болои сари ӯ мафтуну лол истод.

Оқибат Исмал инро пай бурду ба Дравид рӯ овард ва хост суратро пинҳон кунад.

---

[1] Сомалӣ.

[2] Шумери қадим.

– Сабр бикун, бидеҳ, бубинам, – гуфт тоҷир ва дурудароз ба он нигарист, оҳ кашид. – Кӣ ҳунари сангкориро ёдат дод?

– Боди саҳрову Девонадарё, осмони нилуфару сабзаву мурғакон.

Дравид, ба симои нозуку ғамгини Сарвӣ нигариста, ба андеша фурӯ рафт.

«Истеъдодат беназир аст, Исмал» – аз дил гузаронд ва гуфт:

– Як кандакори ошно дорам. Аслан аз Шумер аст. Туро бо ӯ шинос мекунам.

Вале сабақи он устод Исмалро насиб накарда будаст: баъди се тулӯи моҳ ба Ҳамворӣ аз паси кӯҳҳо издиҳоми гурезаҳо фурӯ рехт. Онҳо бо даҳшат дар бораи сарбозони мудҳиши мисинапӯшу рӯинтан, ки ба деҳаҳои аҷдодиашон ҳамла оварда буданд, нақл мекарданд. Пешвоёни истилогарон – бахусус сарлашкар Набонид – бародари шоҳи Ур, сангдилу бераҳм буданд.

– Набонид бо лашкари фаровон ба ағба наздик мешавад! – фиғонкунон мегуфтанд онҳо дар шӯрои шаҳр. – Чӣ кор кунем? Ба куҷо гурезем?...

Ҳокими ришсафеди Катсаг посух дод:

– Мо ба ҷое намеравем. Дар ин сарзамин аз азал зистаем. Дар ин ҷост гӯри аҷдодамон. Аз ин рӯ, муҳофизаташ мекунем.

...Ба диловариҳои муҳофизон нигоҳ накарда, қариб ҳамаашон дар набарди Набонид, ки қувваашон даҳчанди лашкари аҳли ҳамворӣ буд, торумор гашт. Ва Катсаг таслим шуд.

Исмал ва Дравид, чун ҳама, мардона ҷангиданд. Дар атрофи онҳо садҳо тан сарбозон зери филони аз захм хашмии Набонид ҳалок шуданд. Дравид аз хурдӣ забони филҳоро медонист, медонист, ки чӣ хел онҳоро боздоштан мумкин.

Ӯю Исмал ҳанӯз барпо буданду ду фил дар ҳавли ҷон хурраскунон чор сӯ метохт. Дравид, чун сарбозони Дилмун[1] сусмор барин хазида, зери филҳо рафту раги пойҳояшонро бурид.

Баногоҳ чанд нафаре, ки кулаҳхӯдҳои мисӣ ба сар доштанду шамшерҳои кӯтоҳашонро болои сар албонҷ медоданд, бар ҳариф ҳуҷум оварданд. Исмал худро яктарафа карда тавонист ва дами шамшер тори сарашро лесида гузашт…

Ӯ субҳдам ба худ омад. Сараш беҳад дард мекард, ташнагӣ азобаш медод, дастонаш гӯё ҷон надоштанд. Батадриҷ фаҳмид, ки саропояшро бо тасма бастаанд. Касе ба қадкашакаш лагад зад. Исмал аз дарду алам фиғон кашид.

– Бихез, саг, – дод зад касе, – худоятро шукр бигӯ, ки зинда мондӣ.

…Сафар аз биёбон ва кӯҳҳои Аряснат[2] басе ҷонкоҳ буд. Асиронро паси аробаҳо баста, беист мебурданд. Ҳар рӯз як бор посбонон об ва пасмондаи ғизои худро медодандашону халос. То саргаҳи рӯди Паланг аз ним ками асирон расиданд. Вале ҷисми обутобёфтаи сайёд ба ҳамааш тоб овард! Шабҳо, ҳангоми дамгирӣ, ба замин меафтоду мурда барин хоб мерафт. Ҳарчи бештар симои Сарвӣ пеши назараш ҷилвагар шуда, аламу хуморашро афзунтар мекард. Чашмони шабаҳи духтар, ки гӯё зинда буданд, бо таъна ба Исмал менигаристанд. Ва ӯ ҳарчи бештар суханони ӯро мешунид: «Қиматтар аз ҳама чизи дунё озодист… Ман барои ту мегирям, Исмал! Ту аз озодӣ маҳрум шудаӣ!.. Баргард ба назди Сарвӣ. Биё сӯи марғзорон, гулистонҳо ҷониби мавҷҳои нилии Баҳри Окс, ки найистону ҷазираҳояш ин қадар

[1] Ҳинд.

[2] Форс.

фиребоянд…»

Бедор шуда, аз ғазаб дандон мехоид Исмал. «Сӯи дашт роҳ нест!.. Сарвӣ ҳам нест! Симои вай танҳо дар сангест, ки дар хонаи Дравид монда. Ва дӯсти меҳрубонам Дравид, аз афти кор, дар набард ҳалок шуд. Дар ҳарби он барзаговон зинда мондан муҳол буд. Ё шояд зинда бошад?.. Эй арвоҳи аҷдод, роҳи озодиро нишонам диҳед! Мехоҳам, ба соҳили Девонадарё баргардам. Баҳри Окс, даштҳои азизро бубинам!

Дар кӯҳҳои Тавр обшорони нуқрагун аҷаб садо мекунанду дарахтони сарсабз дил мебаранд. Ҳама ҷо саршори таровату ҳавои хуш! Вале ҷанубтар аз кӯҳдоман то Баҳри Поён[1] зери офтоби бетараҳҳум замин месӯзад. Дар он ҷо мусофир ҷое намеёбад, ки сар сахт кунад ва ногузир ҳалок мешавад. Танҳо дар баъзе деҳа ва шаҳрҳои Шумер, ки Евфрат ҷорист, хурмозорҳо мавҷуданд, марғзорону киштаҳо сарсабзӣ доранд.

Тоҷир Сингҳ аз Дилмун сӯи кӯҳҳои Тавр мерафт, то як даста ғуломони солиму бақувват – зодагони кишварҳои Шимолро, ки дар Дилмун баҳо надоштанд, бихарад. Ӯ дар байни коҳинҳои муқтадири Эрида дӯстон дошт ва онҳо дар бораи ӯ ба шоҳ Ур гуфта буданд. Корхонаи сангшикании Ур шоҳӣ буд ва шоҳ лутфан розӣ шуд, ки қисме аз моли зиндаю коргарони онро бифурӯшад. Албатта, дар баҳои нархи ҳангуфт – дорувор, сандалӣ, оҷ ва тилорезаи фаровон. Вале ба Сингҳ гардунаи рӯпӯшидаву барзаговону муҳофизон дод. Баъди чандин рӯз тоҷир ба мақсадаш расид.

Исмал низ, ки ҳамроҳи дигарон аз ҷониби Набониди муваффақ фурӯхта шуда буд, дар он ҷо рӯзгори ғуломӣ ба сар мебурд. Моҳҳои аввал сайё-

---

[1] Халиҷи Форс.

ди бечора азоби гӯр мекашид! Заифтарон афтода ҳалок мешуданду батадриҷ ҳарчи камтар бақувватҳо зинда мемонданд.

Мушакҳои Исмал ба заҳмати сахту меъдааш ба ғизои ночизе одат карда буданд. Ягона воситаи дилхушиаш оби ҷӯйҳои кӯҳӣ буду зебоии табиати атроф. Ин эҷодкор ботинан эҳсос менамуд, ки табиат интизори инъикоси ҳусни хеш дар санг аст ва дар лаҳзаҳои кӯтоҳи фароғат ин корро мекард: ягона чизе, ки пинҳон карда тавонист, теғи кандакорӣ буд ва инак, бо ёрии он сабуку озод ҳар чизеро нақшу зинда мекард. Дар офаридаҳояш гоҳ паланги ба замин хобида пайти ҳуҷум меҷусту гоҳ оҳувон чанги даштро хезонда медавиданд. Вале аксаран дар нақшҳо симои Сарвӣ, дар намуди духтаре, ки маҳзун дар лаби дарё нишастааст, намоён мешуд. Боре нозир, ки ноаён, барои дарёфта тозиёнакӯб кардани ғуломони ношуд меомад, инро дида дар ҷояш карахт шуд. Дар чашмони бераҳмаш кадом чизи инсонӣ падид омад. Баъд аз он ӯ боре ҳам ба сари муҷассамасоз чӯб набардошт.

...Дар нишебии ҷангалзори кӯҳ, зери як дарахт, хаймаи хушранге, ки ходимони шоҳ барои Сингҳ омода карда буданд, медурахшид.

– «Кӣ омада бошад ба ин кунҷи дунё? – дарёфтанӣ мешуд сайёд. – Чӣ меҷӯяд дар ин ҷойҳо?..» Баъди ним рӯз нозир Исмалро, ки бо хашму азоб тахтаи мармарро аз дами шах канданӣ буд, ҷеғ зад:

– Эй ваҳшӣ! Бас кун корро.

Исмал тахтапушти карахтгаштаашро базӯр рост кард ва донаи биринҷиро ба гӯшае партофта, ба нозир дида дӯхт.

– Хурсанд шав, – оҳиста гуфт нозир. – Меҳмони шоҳ наздамон омадааст! Ман дар бораи ту гуфта-

маш. Бирав ба хайма.

– Исмал дар қаъри хайма марди фарбеҳи миёнасоли гандумгун, зебову зеболибосеро дид. Дар чашмони сиёҳаш гӯё оташаки ақлу фаросат медурахшид.

– Кистӣ ту? Аз куҷоӣ? – пурсид вай бо овози марғуладори паст.

– Исмалам ман. Сокини Катсаг будам.

– Кат-саг? – такрор кард Сингҳ. – Шунидаам... Аз дастат чӣ меояд?

Исмал дарк кард, ки арвоҳи дашт фиристодааст ин одамро!

– Аҷдодам қуввату истеъдод меросам додаанд. Ман ахтаронро дар осмон медонаму бурҷҳоро мешиносам. Бо гиёҳу решаи рустаниҳо дармон таҳия карда метавонам. Дар санг симои ҳар чизеро, ки бихоҳед, зинда мекунам.

– Бисёр хоксор будай, ғулом. Аз баҳр наметарсӣ?

Исмал ба Сингҳ дар бораи завракҳои бузурги бодбонсиёҳ, ки Баҳри Оксро ба арзу тӯл мепаймуданд, нақл кард. Сингҳ сар ҷунбонд: ғуломи бақуввату хушзавқ табъи дилаш буд. Ӯ аз гӯшае теғи кандакорӣ ёфта, ба Исмал дод:

– Ягон чиз бикан! Пагоҳ меорӣ. Бирав акнун.

Рӯзи дигар симои духтаре ва нилуфари сӯи ӯ моилро, ки дар ақиқ сабт шуда буданд, аз назар гузаронд, вале тааҷҷубашро ниҳон дошта, бо дағалии барқасдона гуфт:

– Майлаш ваҳшӣ, шукри Худоёнат бикун. Бо худ мегирамат.

Баъди ду тулӯи офтоб дар роҳи кӯҳии Фурот силсилаи бардавоми ғуломон аз паси аробаи Сингҳ мерафт. Дар байни онҳо, ба беҳбуди қисмат имон овардаю шубҳа карда, Исмал қадам мезад. Фароғат аз заҳмати ба ҳар маъно сангин мефори-

даш ва ӯ ҳатто ҷониби корхонаи манфури сангшиканӣ боре нигоҳе ҳам накард. Аз ин бадтар намешудагист! Баъд ба бузургҷуссаи ришдоре, ки хомӯшона дар бараш қадам мезад, назар кард. «Қаблан ӯро надида будам, – аз дил гузаронд Исмал. – Пас ҳамроҳи мо набудааст, дар дараи Мармар кор мекардааст.»

– Номат чист, дӯст? – пурсид бузургҷусса аз вай.

– Исмал. қавмам аз шимол, дар соҳили Баҳри Окс зиндагӣ доранд.

Бузургҷусса як ӯро песонду бо дили нохоҳам гуфт:

– Ман Тирсам. Медонам қавми соҳили Баҳри Оксу Девонадарёро. Як шохоби он ба баҳри мо ҷорӣ мешавад. Шунидаӣ Баҳри Каспҳоро?

– Не, – гуфт Исмал. – Вале акнун медонам.

Тирс меҳрубонтар ба ӯ нигаристу гуфт:

– Пешвои қабилаи моҳигирон будам ман, акнун – ғуломи шоҳи Ури ношинос.

Дӯст шуданд онҳо. Тирс ба Исмал дар бораи каспҳо, ки нотарсона худро ба амвоҷи тунди Баҳри Сабз – чунин ҳам меномид ӯ Баҳри Каспҳоро – мезаданд, дар бораи тӯфонҳои зуд-зуди он ва орзӯи озодиаш нақл кард.

– Бармегардам ман ба соҳили баҳр, – оҳиста гуфт Тирс, муштҳои бузургашро фишурда. – Вагарна зиндагӣ маъно надорад! Аз дӯзахи сангин раҳидем мо, аз ҷое раҳидем, ки на ҳар кас раҳо мешавад.

Ҳама фикру зикрашон фирор буд. Вале сарбозон бехоб мардумеанд ва занҷири барои ҳамаи ғуломон муштарак халалнопазир аст.

– Вазъияти мувофиқро интизор шудан лозим, – гуфт Тирс.

– Оре. Лекин чӣ қадар?.. – ошуфтаҳол суол

кард Исмал.

Баъди панҷ тулӯи офтоб онҳо савори киштӣ ба поёноби Фурот равон шуданд. Ғуломоне, ки Сингҳ харида будашон, дар офтоби сӯзон, дар қаъри киштии чуқуре, ба ҳам ҷафс шуда менишастанд.

– Бало зад!.. – дандон мехоид пешвои каспҳо. – Аз рӯҳи баҳру даштҳо бояд имдод хост.

– Куҷо мебарандамон?.. – пурсид Исмал. – Раҳи диёрамонро чӣ хел меёбем дигар?

Тирс ғамгину хомӯш буд.

…Ба халиҷи Баҳри Поён субҳи барвақт расиданд. Дар он ҷо киштиҳои кишварҳои ҷануб, қаиқҳои моҳигирон, киштиҳои «фарбеҳи» дарёӣ лангар зада буданд.

Сингҳ дар паҳлӯи киштии «Магулим», ки масоҳати бузургаш – ба дарозӣ саду панҷоҳу ба бар панҷоҳ оринҷ – сайёдро батамом ҳайрон карда буд.

Киштиро аз чӯби кабуди сиёҳфом сохта, сатҳашро бо кундаҳои арғувонӣ пӯшидаанд. Тири баландашро чор тамба нигоҳ медошт. Бодбонашро ба ду дастак устувор карда буданд…

Сингҳ касеро садо кард ва ҳамоно дилмунии фарбеҳе омад. Худаш аз шаб сиёҳтару дандонҳояш аз садаф сафедтар буданд. Сингҳро гӯш карда, тозиёнаашро дар ҳаво бозӣ доронд ӯ ва ба ғуломон амр дод, ки часпида ба «Магулим» бароянд. Баъд онҳоро ба харакҳои холӣ бастанд. Акнун шумораи даркории белзанҳо – ҳафтодупанҷнафарӣ дар ҳарду тараф – муҳайё буд.

Исмалу Тирсро ба сифати белзанҳо дар сари киштӣ монданд. Як рӯз пеш «Магулим»-ро пур аз борҳои шумерӣ карда буданд. Сингҳ дар хаймаи зери тир либоси дурушти нохудоро ба бар карду амри шино дод. Ва ҳамоно ҳаракати якбораи

садупанҷоҳ бел киштиро такон бахшид. Соҳилҳои зарду хокистарранг ва пасти халиҷ батадриҷ ақиб монданд.

Ба Исмал нигариста, Сингҳ бо писханди лабони ғафсаш гуфт:

– Хайр, бо Баҳри Поён хайрбод бикун. Гуфтан душвор, ки боз кай мебинӣ онро.

Исмал чизе нагуфт, вале Тирс фаҳмид, ки тоҷир ба ӯ таваҷҷӯҳе дорад. «Эй арвоҳи даштҳо!...» – навмедона лаб ба дуо кушод сайёд. – Моро дар баҳри бегонаву ноошно ғарқ накунед. Ба ману касп мадад кунед, ки бозгардем!»

Боди мувофиқи арабӣ бодбонҳоро парафшон намуд ва ҳаракати «Магулим» босуръаттар шуд.

– Эй, ғанаб накунед!... – бонг мезад Сингҳ, асои нақшкориашро алвонҷ дода.

Маллоҳон – дилмуниҳои чун бӯзина чобук, самти бодбонро тағйир доданд ва ҳамоно ҷуръати «Магулим» ба маротиб афзуд.

– Аҷиб киштие будааст ин, – оҳ кашид Тирс, – дар баҳр чун мурғакон дар осмон меравад – е…

– Ва ҳарчи зудтар моро аз ватан дуртар мебарад, – гирифтахотир илова кард Исмал.

Тирс як ба атроф нигаристу оҳиста гуфт:

– Киштиро забт кардан мумкин.

– Ҳам силоҳ надорему ҳам занҷирбандем. Ба болои ин, Сингх бист маллоҳ дорад. Чӣ гуна забт мекунӣ?

Тирс каме ба андеша рафта, сипас посух дод:

– Занҷирро бо дастонам пора карда метавонам… Вале ту ҳақӣ. Ҳидояти арвоҳро интизор шудан лозим.

…«Магулим» дар баҳри ором шино дошт. Аз рост соҳили регзор, ки зери анвори офтоб медурахшид, тӯл кашида буд. Дар осмони камранг по-

раи абре набуд. Баногоҳ абри бузурги зардранге падид омаду хеле зуд ба киштӣ наздик шудан гирифт.

– Регбӯрон! Сарҳоятонро пӯшед! – дод зад Сингҳ.

Мавҷи гарми ҳаво якҷо бо қатраҳои оби баҳр ва рег сахт ба киштӣ зада, ба хайма, миёнҳои хами белзанҳо ва бодбон нишастанд. Маллоҳон, реги тарро туф карда, базӯр бодбонро идора менамуданд. Ду нафар зуд дари ҷоеро, ки обу ғизо нигоҳдорӣ мешуд, бастанд. Вале тӯфон ҳамон тавре ки зуд пайдо шуд, ором гардид.

Аз гармо беҳол шуда, белзанҳо латтаи дар оби нӯшиданӣ ва сирко таршударо беист мемакиданд, то ташнагиашонро рафъ созанд. Дар суккони киштибудагонро кор душвортар буд, гоҳе онҳо самтро нигоҳ дошта наметавонистанд, аз ин рӯ, боре нозир Шутра Тирсро чӯбе зад. Тирс чунон хашмӣ шуд, ки сӯи ӯ ниҳебида, занҷирро канд! Шутра аз тарс худро гум кард, вале ҳамин дам Сингҳ аз хаймааш сар бароварда, амр дод, ки минбаъд ба сарикиштинишастагон кордор намешаванд. Исмал Шутраро маҳкум накард: «Дунёе, ки мо афтодаем, ҳамин аст. Ту, ки ғуломӣ, Шутра бо чӯб мекӯбадат. Вале аз ҳаёти ғуломӣ марг беҳтар».

Баъди се тулӯъ ҷазираи Хурмозор, регтеппаҳо ва тунукоби пур аз марҷон пеши назар омад. Он ҷо бандари хуб ҳам буду дар атрофаш хонаҳои зиёд ва ибодатгоҳ ҳам. Ҳама аз фароғати қарибулвуқӯъ шодӣ мекарданд. Албатта, на Тирс медонисту на Исмал, ки ба Баҳрайн расидаанду он мустамликаи тоҷирони дилмунист.

Захираи обу ғизояшро пур карда, «Магулим» рост сӯи Шарқ, ҷониби Моҳенҷо–Даро равон шуд.

Сафар тӯлониву тоқатфарсо менамуду бод фиребо буд ва аз ин рӯ беш аз бодбон белзанҳо заҳмат мекашиданд. Қад-қади соҳили бедуҷҳо[1] киштиро худи Сингҳ идора намуд. Ва боз ҳамон якрангии тоқатфарсо. Танҳо гоҳ-гоҳ дар ҷойҳои беодаме лангар мезаданд, то ки оби нӯшиданӣ бигиранд. Куҷост он? – танҳо нохудои ботаҷриба медонисту халос.

Дере нагузашта, аз бемадорӣ ҳафт тан аз белзанҳо ҳалок шуданд: захираи ғизо намерасид ва ба ҳар яки онҳо дар як шабонарӯз ним нони ҷавӣ ва ду дона хурмо медоданд. Ғизои Исмалу Тирс як каме беҳтар буд – нохудо ба онҳо ҳатто моҳии хушк медод. Бо вуҷуди ин, Исмал хеле бемадор шуда буд. Вале ба касп гӯё ягон омил таъсир надошт, ки ҳамоно бақувват метофт.

«Чаро хомӯшед, эй рӯҳи даштҳо! – Рӯ ба дуо овард Исмал, аз ситораи қутб чашм наканда. – Ягон ишора кунед, охир. Роҳи озодиро бинмоед ба мо…» Аммо арвоҳи пок хомӯш буданд. Дар посух танҳо садои амвоҷи Уаҷ-Ура баланд мешуду бас.

…Рӯзе фаро расид, ки ин сафари мудҳиш анҷом ёфт. Ҳар қадар ба шаҳри бузурги дилмуниҳо наздиктар мешуданд, ҳусни Ҳинди қадим пеши чашмони Исмал бештар ҷилва мекард. Дар сангтеппаҳои аз гармо зардгашта ибодатгоҳҳои олиҷанобе бо муҷассамаи худоҳо меистоданд. Қад-қади Ҳинди бузург коху қасрҳои мӯҳташаме чашм мебурданд, ки дар хушрангӣ бо осмону баҳру марғзорон сабқат доштанд. Кӯчаву хиёбонҳо тоза рӯфта шуда буданд. Даҳонашро кушодаву дарди аъзои баданашро фаромӯш карда, муҷассамасози саҳроӣ мафтуни ин афсона мегашт.

---

[1] Покистон.

Дар бандар кор меҷӯшид: ғуломону маллоҳон ба киштиҳо молу мавод бор мекарданд; фурӯшандаҳое, ки дӯконҳои хурдашон дар кӯчаву тангкӯчаҳои атрофи бозори пӯшидаи майдон шумор надошт, харидоронро сӯи хеш мехонданд; бетанаффус корвонҳои хару шутурҳо мегузаштанд; ҷудо аз онҳо филҳои мӯҳташам ҳаракат мекарданд; атрофро садои ҳаммолону меваю сабзавотфурӯшон пур мекард.

Одамони гуногунчеҳраро аз тамоми шаҳру деҳоти қаламрави Ганг дар ин ҷо дидан мумкин буд. Тоҷирони дилмунӣ, шумерӣ ва араб бовиқор нарху наворо муҳокима мекарданд, тавассути омехтаи ҳамаи забонҳои Дилмун, Араб, Мовароуннаҳр савдо менамуданд. Баъд дар лавҳае қарордод иншо мекардандy бо мӯҳрҳои хеш ба тасвиб мерасонданд. Тоҷирони дилмунӣ мӯҳри аҷибе доштанд: дар он одаме шохдор бо думу пойҳои барзагов бо паланги шохдор дар набард буд…

Сингх, ки бояд дар намояндагии тиҷоратии ҳамдиёронаш – лотхалиҳо қарордод ба имзо мерасонд, лобаву зории Исмалро шунида, ӯро ҳамроҳ гирифт. «Хоҷаам, – гуфта буд Исмал, – ёрӣ бидеҳ, ки аз тақдири Дравид огоҳ шавам! Ёд дорӣ, дар борааш гуфта будамат? Қаблан вай дар ҳамин шаҳр мезист. Шояд дар ҷанги Катсаг ҳалок нашудаву ба зодгоҳаш баргашта бошад?..»

Гузашти айём натанҳо одамони одӣ, балки ҳатто шоҳонро ҳам ба фаромӯшхонаи хеш месупорад: Исмал дар бораи Дравид чизе нафаҳмид. Сардори бандар ҳам ӯро ба ёд оварда натавонист:

– Мутаассифона, ба наздикӣ ба сарамон бадбахтие фурӯ рехт: Энки – Худо ба хашм омада, сарзаминамонро ларзонд, Синд-дарё баракс равон шуд, шаҳр зери хоку лой монд. Одамони зиёде ҳалок шуданд. Дӯстат ба ин ҷо баргашта бошад

ҳам, аҷаб не дар он фалокат ба ҳалокат расидааст. Ҳамааш дар дасти Худоҳо!..»

Сингҳ корҳояшро анҷом дод ва «Магулим» бандари серғавғоро тарк гуфта, сӯи бандари дигари Дилмун – Лотхал[1] роҳ пеш гирифт. Белзанҳо ва маллоҳон дилхуштар буданд – аз ҳавои дамгири қаблӣ асар намондаву соҳилҳо бо манзараҳои дилфиреб рӯҳро болида месохтанд. Вале об басо шӯр буд ва аз қатраҳои амвоҷ бадан месӯхту мехорид.

Сингҳ зуд-зуд Исмалро ба хаймааш мехонд, ғизову шарбати чормағз медод. Баъд муҷассамаи сохтаи ӯро берун меоварду ба симои рӯҳбахшаш нигариста, мафтунона мегуфт:

– Аҷоиб истеъдод дорӣ, аҷоиб! Ман як духтар дорам – Деви. Ким-чӣ хел дилбари ваҳшии туро мемонад… Симои ӯро дар оҷ таҷассум карда метавонӣ?

– Оре, хоҷаам. Вале аввал ба ман лавҳаҳо бидиҳед, – Исмал сӯи тахтаҳои оҳории кунҷи хона ишора кард. – Ман бояд ҳама чизи дидаамро дар онҳо биканам, то ки чашмону дастонам боз ба ин кор одат бикунанд.

Борҳо офтоб бароммаду нишаст, вале аз Лотхал дарак набуд. Белзанҳо якнавохт месуруданд, Шутра табурок мезад, Исмал бошад, дар хайма кор мекард. Сингҳ назора менамуд, ки чӣ тавр дар рӯи лавҳаҳо батадриҷ дарахту теппаву сокинони уқёнус пайдо мешаванд…

– Мудҳиш аст уқёнуси мо, – оҳиста мегуфт Сингҳ. – Дар сафарҳоям чунон ҷонварҳои даҳшатнокро дидаам, ки ҳатто аз тасвирашон оҷизам. Аз гирдобҳо баногоҳ мебароманд

---

[1] Бандари қадимие дар ҳудуди Бомбайи имрӯза.

инҳову ҳамон гуна беасар ғайб мезаданд.

Исмал теғро як сӯ гузошта, дурудароз ба паҳнои бекарони уқёнус дида дӯхт. Дар вуҷудаш оташи шавқи ҷаҳонгардӣ торафт бештар аланга мезад.

– Дунёи ноошно нофаҳмосту фиребо, – аз дил гузаронд Исмал.

– Дашти бузург магар камтар аз он аст?! – дар ёдаш овози Сарвӣ баланд шуд. – Осмони нилгун, боди дашт ва мардуми Баҳри Оксро фаромӯш кардаӣ магар? Пас фирор бикун аз мулкҳои ғайр!

Исмал намедонист чӣ ҷавоб бидиҳад ба ӯ.

Лотхал дар паси хамгашти соҳили бешазор намоён шуд. Ба истиқбол, ба ҷараёни об, сӯи баҳр киштиҳои дигар шино мекарданд. Баъд «Магулим» аз назди корхонаи азими киштисозӣ гузашт, ки якчанд киштӣ якбора таъмир мешуданд. Ва оқибат дар гӯшаи дури бандар лангар партофт. Шаҳр дар доманакӯҳи бешазор воқеъ буд ва Моҳенҷо-Дари кӯчакро ба ёд меовард: нақшааш қатъӣ, кӯчаҳояш васеъ, хонаҳояш зебо.

– Ана, ба хона ҳам расидам! – қонеона нидо кард Сингҳ ва Шутруро хонда, амр дод: – Молу籠водро бифурор, киштиро тоза бикуну бишӯ. Занҷири белзанҳоро бикушо! Намегурезанд, ватанашон дар он лаби дунёст. – Ӯ ба Тирс, ки маҳзун шаҳрро тамошо мекард, ишора намуда, афзуд: – Ана, ину Исмал дар хонаи ман зиндагӣ мекунанд.

...Бори аввал Деви ба ҳаёти Исмал вақте ворид шуд, ки Шутру ӯву Тирсро ба хонаи Сингҳ бурд. Девии наврасу хушқад нахустин маротиба аз назди ӯ гузар кард. Нигоҳи гирои чашмони сиёҳаш лаҳзае дар рӯи Исмал қарор гирифт – духтар беихтиёр қадаммониашро суст карданӣ буд, вале ҳамоно ба худ омаду қариб тозон сӯи боғашон рафт. Аз афти кор, духтаракро симои ғайриодии

ғуломи комилҷисми шимолӣ мафтун намуда буд. Бо завқи хоси духтарона вай хилқати поки табиӣ ва иродаи қавии ӯро эҳсос намуд. Исмал бошад, Девиро содатар, чун ҷузъи табиати Дилмун пазируфт.

– Аз куҷоянд ин ғуломон? – баъдан пурсид духтар аз Шутру.

Шутру, писханди маънидорашро ниҳон дошта, бе парво ҷавоб дод:

– Аз кишварҳои нимашабон, бону. Падарат аз Шумер харидашон.

Рӯзу ҳафтаҳо мегузаштанд. Тамоми ин муддат Исмал сари муҷассамаи оҷии Деви заҳмат кашид. Сингх, қонеъ аз кори ӯву огоҳ аз ҳилаҳои беихтиёраш гоҳо ниҳонӣ табассум мекард – баъзан Исмал, бо баҳонаи беҳтар омӯхтани симояш, Девиро бештар аз муддати лозим ҳам дар назди хеш нигоҳ медошт.

Баъди чандин моҳ Сингҳ сайёдро ба хонааш хонда, харитаи қадимии аҷдоди баҳрнавардонашро, ки ба бобояш мутааллиқ буд, рӯи миз густурд.

– Маро орзӯи такрори корнамоии бобоям ором намегузорад, – гуфт ӯ. – Баъдан, Ҷазираи Офтобӣ, ки бобоям фатҳ карда буд, дарахтҳои пурбаҳои нодире дорад, ки дар дигар ҷои Замин нест. Барои онҳо тоҷирони Дилмун ҷонашонро дареғ намедоранд. Аз ин рӯ, «Магулим»-ро ба сафари дур омода мекунем.

Рӯзҳои дароз тоҷиру Исмал қайдҳои қадимаро, ки ба лавҳу матоъ сабт шуда буданд, мехонданд. Баъзан дар қайдҳо сатрҳое дучор меомаданд, ки сайёд бо эҳсос қабулашон мекард: «Тамоми ҷаҳон бо обу хоку ҳавояш шакли меваи чормағзро дорад, ки гирди хеш давр зада, дар тирагии том байни бурҷҳо ҳаракат мекунад. Гӯш ба

тоҷир дода, Исмал аз дил гузаронд: «Чунин ҳарфҳоро хирадмандтарин пирони биёбон ҳам гуфта наметавонанд. Оё ҷаҳон чормағзшакл аст, намедонам. Барои ин бояд ба дунёи аҷдод рафту аз он ҷо ба поён нигарист.»

Деви ҳарчи бештар дилбастаи Исмал мешуд. Натанҳо барои он ки аксашро офарид. Ҳарчи бештар аз падараш хоҳиш мекард духтар, ки ҳангоми сайругашт Исмал нигаҳбонаш бошад. Ва Сингх бе дудилагӣ иҷозат медод. Онҳо дар соҳилҳои беодами Катхиавар[1] сайругашт менамуданд, дар оби гарми уқёнус обёрӣ мекарданду дар офтоб, мафтуни навои амвоҷ, то дер дароз мекашиданд.

Ба ҷангале ҳам мерафтанд онҳо, ки дар қарибии Лотхал буд. Чӣ мафтункунанда накҳате доштанд гулҳои маҳтобшаб! Деви давида ба марғзор мерафту дастҳояшро сӯи моҳ ёзонда, тӯлонӣ ба он менигарист.

Нури сеҳрангези чароғи осмон андӯҳи дили Исмалро меафзуд ва дар ин ҳангом ҳаракати тунди хунашро дар шарён равшан эҳсос мекард. Баногоҳ Деви ба рақси мураккабу номафҳум, вале муназзам пардохт. Ва ба даъвати ӯ тан дода, Исмал низ ба духтар пайваст...

Баъд ҳарду, мафтуни амвоҷи нуқрагун, то дер дар канори уқёнус нишастанд.

– Туро муҳаббати ман шод намекунад, – гуфт Деви.

– Дили ман кайҳо мурдааст, – оҳи сард кашид сайёд. – Ман бисёр азият кашидаву бисёр бохтаам. Барои ин ту гунаҳкор нестӣ, ту – олиҳаи меҳрӣ. Чунин буд Сарвӣ, ки дигар дар рӯи Замин нест.

– Боз як бор дар бораи ӯ бигӯ, – хоҳиш кард

---

[1] Нимҷазирае да шимоли Бомбай.

Деви.

…«Магулим» ба сафари он канори баҳр омода буд. Онҳо бозу боз харитаи бобои Сингҳро, ки роҳи дурусту ростро нишон медод, меомӯхтанд.

Ва рӯзи видоъ бо Деви фаро расид. Ба ин манзара нигариста, Сингҳ бо андӯҳ меандешид: «Модари Деви кайҳост, ки ба олами абадӣ рафтааст… Ман ҳам сутуни ин дунё нестам! Кӣ такягоҳи ӯ мешавад? Ҳамқавмону хешу таборон ҷои маро гирифта наметавонанд… Ба духтарам мадад кунед, худоён!»

* * *

Уқёнуси бекарон бешазори барҷастаи ниливу сабзфомро мемонд. Боди мувофиқ «Магулим» – ро сӯи Ҷазираи Офтобӣ, Тапробани арабҳо ва Мадагаскари баъдин мебурд. «Ба наздикӣ ҷазираи ривоятҳои дилмуниро мебинем, – аз дил мегузаронд сайёд, дар назди сукон истода. – Чӣ дур бурданд маро арвоҳи поки дашт! Барои чӣ?... Оё ишораи ба Баҳри Окс баргаштанам мешуда бошад? Кай?.. «Ба саҳни киштӣ мунтазам моҳиҳои паррон меафтоданд ва маллоҳон гирифта бирёнашон мекарданд. Белзанҳои доим гурусна моҳиҳоро хом мехӯрданд. Бетанаффус дар об делфинҳо бозӣ мекарданд, рӯзҳои тӯфонӣ дар болои тири киштӣ парандаҳои бузурге болафшонӣ менамуданд.

Соҳили пасту сабзи Тапробана аз байни анбӯҳи оби уқёнус банохост пайдо шуд. Чашми тези Исмал дар дуродур, дар паси ҷангалзори тирафом кӯҳҳои мӯҳташамро ба хубӣ дид.

– Шукр, Энки!.. – аз ҳаяҷон нафасгардон шуда, хитоб кард Сингҳ. – Шукр, ки мо дар уқёнус раҳгум назадем!

Ҳо, дар он ҷо халиҷи Теппаҳои баланд намоён

аст. Маҳз дар ҳамин халиҷ бобояш бандаргоҳҳои қадимаи баҳрнавардони номаълумеро пайдо карда буд. Киштӣ боэҳтиёт ба халиҷе, ки ҳазорон сол баъд фаронсавиҳо Антонсилаш номиданд, ворид шуд.

Маллоҳону белзанҳо ба кӯҳсору бешазори тирафом менигаристанду интизори фароғат ва оби ҷонбахши нӯшиданӣ буданд.

– Мебинӣ, Исмал, офтоб аз тарафи дигар мебарояд. Сояҳо низ дигар хел меафтанд. Ривоят ҳақ аст.

...Ними лангарҳо пӯсида буд, вале коромадаш ҳам ёфт мешуд. Дуртар аз соҳил кулбаҳои матрук ба чашм мерасид. Одамони Сингҳ онҳоро таъмир намуданд. Дар шабони бемаҳтоб, аз бехобӣ азият кашида, Исмал садоҳои аҷиберо ташхис мекарду намефаҳмид, ки садои ҳайвонҳост он ё нолаи инсон. Мӯи сараш сих мешуд, ба назараш менамуд, ки дар ким-куҷо одамони номаълуме, ба овои бод тақлидкунон суруд мехонанд.

Баъди чор тулӯъ дастае ба бешазор равон шуд. Сингҳ орзӯ дошт, дарахтонеро биёбад, ки дар бораи он бобои баҳрнавардаш дар рӯномаи хеш зикр карда буд: рара, ки аз он қатрон қиматбаҳои сурх тайёр мекарданд; наххҳои канданашавандаи афлетуси, ки ба ҳар тӯфон тоб меоранду як гала фил канданашон наметавонанд. Дарахти арғувоние, ки аз сандалӣ гаронбаҳотар аст; асали бебаҳотарин дар ҷаҳон...

Боз Сингҳ мехост мурғи бузургтар аз фил ва тухми онро бубинад. Дар бораи ҳамаи ин дар рӯзномаи бобояш сухан рафта буд.

Заифону беморонро дар соҳил, барои нигаҳбонии «Магулим», захираи мева, моҳӣ ва гиёҳҳо монданду худ пайи орзӯ равон гаштанд.

...Дар дарёи бузурги ноошное, гӯё дар ғори

саропо сабзе шино мекарданд. Шохаҳои дарахтони ҷангали қадимии касногузар ба сарашон хам шуда буд, аз қаър бо чашмони обии бетарсу ҳарос тимсоҳҳо сӯяшон менигаристанд, аз ҳар ҷониб доду фарёди тӯтиҳои хокистаррангу сиёҳ ба гӯш мерасид. Гоҳо марғзорон дучор меомаданд ва он ҷо, дар фарози буттаҳои бамбук шапаракҳои хӯрданбоби баробари тақсимча парубол мезаданд. Исмал ба обсабзҳои ғафсу бовиқор низ, ки баргҳояшон дар басо баландӣ буданд, бо ҳайрати ошкоро менигарист.

Баъд даста аз дарё баромада, ба сӯи ҷангал роҳ кушод. Буттаҳое, ки шохаҳояшон ба мор шабоҳат дошт, ба дасту поҳо печида, роҳравиро душвор мекарданд. Маймунҳои аҷибу безебе, аз тори дарахтон тӯлониву дилбазан ғавғо доштанд. Дар ҷангал об набуд ва ҳамсафаронро аксаран нахли «равенала», ки байни баргу шохаҳояш ҳамеша захираи оби борон дошт, аз ташнагӣ наҷот медод.

Аз саросемагӣ нафасгардон шуда, одамони Сингҳ дарахтонеро, ки ӯ ишора мекард, мебуриданду кашолакунон ба соҳили дарё мебурданд. Камондорон барои мӯина маймун шикор мекарданд. Аз бӯи дарахтону гиҳҳои пӯсидаву заҳрнок сар чарх мезад. Дере нагузашта, ду ғулом аз кадом як меваи зарди сӯрох-сӯрох заҳролуд шуда, ҷон ба ҷонофарин супурданд; се маллоҳ аз заҳри мор ҳалок шуд…

Ҳангоме ки Сингх бо ҳамроҳонаш амадсавору завраҷсавор баргашт, дар соҳилмондагон онҳоро нашинохтанд. Ҳатто худи Сингҳ саропо мӯи сипсиёҳ бароварда буд ва шабаҳро мемонд. Вале ғаниматҳои ҷангал ба ҳама чиз меарзиданд! Ғайр аз ин, тоҷир ба орзӯяш ҳам расид: фил – мурғро[1]

[1] Эпиорнис

дид. Он дар канори ботлоқзори сиёҳи сурхфом меистод. Даҳ оринҷ бештар баландӣ дошт, ки камтар не. Гардану поҳои дароз, сари секунҷа, чашмони зард ва дандонҳои тезе дошт. Ба одамони ҳайрони атрофаш нигариста, баногоҳ чун мурғ ба як тараф песонда нигаристу бо овози гирифта чиррос кард ва баъд мореро, ки зери пояш фашшоскунон мехазид, нӯл задан гирифт.

...Инак, «Магулим» бодбонҳояшро бардошт ва оҳиста ба гулӯгоҳи халиҷ ворид гашт. Ва боз заҳмати дилгиру якнавохти белзанҳо оғоз ёфт.

Тирс, ки баъди «саёҳати» ҷангал хеле хароб шуда буд, бодиққат ба уфуқи ғарб менигарист. Дар он хатҳои сабзу сурх ба назар мерасид ва чун селаи бешумори моҳиён абрҳои парешон шино мекарданд.

– Авзои ҳаво бад... – ба Сингх гуфт касп, – Тӯфони сахт мешавад.

Сингҳ ҳайрон шуд: охир, ин хапак ба гап даромад! Ва посух дод:

– Мо Энки – Худоро бо ягон амал ба хашм наовардаем. Барои чӣ ба сарамон бало биёрад?

Тирс баҳс накард.

Баъди ним соат аз бекарониҳои уқёнус селаҳои бешумори парандаҳо намудор шуданд. Касе аз баҳрнавардон, ҳатто Сингҳ, намедонистанд, ки мурғакон аз муқобилат ба амвоҷи ҳавое, ки пеш аз тӯфон бармехост, хаставу беҳол мегаштанд ва ба соҳил зада, ҳалок мешуданд!

Чанде пас тӯфон бархост ва ҳамоно бо тамоми қувва аз худ дарак дод! Исмал, ду маллоҳи дигар ва Тирс базӯр аз ӯҳдаи идораи суккон мебаромаданд. Тапробана кайҳо дар тумани тирафом ғарқида буд. Баногоҳ мавҷи пурзӯре аз паси киштӣ зарба зад. «Магулим» вазнину оҳиста ни-

шаст ва сели оби шӯр аз саҳнаш ҳама чизеро, ки метавонист, шуста бурд. Бодбону хайма ҳамоно дар тирагӣ нопадид шуданд. Чанд маллоҳ парида ба баҳр афтоданд ва фарёди навмедонаашон дар дуродур хомӯш шуд…

…Тирро наҷот бидиҳед!... – бонг мезад Сингҳ. – Боз нахи афупутси биёред! – Вай, чизеро дар майдончаи назди суккон, ки фармондоронаш батадриҷ аз ҳол мерафтанд, дошта, базӯр ба по меистод. – Зудтар биёр. Шутра-а!..

Гоҳ-гоҳ ғурроси тӯфонро фарёди ҷонкоҳи белзанҳо, ки шикастапораҳои ҳар чиз ба сарашон мерехт, пахш мекард. Оҳангар бошитоб ғуломонро аз занҷир раҳо менамуд, ҷасади ҳалокшудагонро бо банду завлона ба баҳр мепартофтанд.

Шутра ва ду маллоҳ барои афупутси хазиданд. «Магулим» ҳар замон ба теғаҳои сиёҳу сабзфоми амвоҷ «бинӣ мехалонд» ва бо мӯъҷизае боз қомат рост карда, дарё-дарё оби уқёнусро аз худ меафшонд.

– Муқобили бод бирон! Мавҷро бибур!.. – ба фармондорон мегуфт Сингҳ. – Тезтар бел бизанед, мардум, тезтар! Ҳамаи онҳоеро, ки бо ман ба Лотхал бармегарданд, озод мекунам!

Шутраву маллоҳон, аз шитобу шиддат нафасгардон шуда, нах оварданд. Вале дер шуда буд: қисми болоии тир афтоду Сингхро пахш кард. Исмалу Тирс бо дастаи маллоҳон, илоҷе карда, сукконро нигоҳ доштанд ва ин «Магулим»-ро аз ҳалокат раҳонд.

Ҳангоми говгум шиддати тӯфон паст шудан гирифт. Бо як ҳоли зор шабро рӯз карданд ва саҳарӣ аз тӯфони мудҳиш танҳо осмони пасту тира ва амвоҷи тӯлоние, ки оромона сӯи уфуқ ме-

рафт, ёд меоварданду халос.

Офтоб баромад. Эминмондагон дар болои сари Сингҳ, ки рӯи як даста бӯрё мехобид ,ҷамъ шуданд. Косахонаи сараш шикаста бошад ҳам, ҳанӯз зинда буд ӯ. Ба чеҳраи бузургу зебояш навмедӣ соя меафканд. «Оҳ, Девии падар! – зери лаб мегуфт ӯ. – Ӯро дар паноҳат бидор, Энкии меҳрубон! Духтарамро нигаҳбон бишав…» Баъд бо азоб чашм кушоду баландтар пичиррос зад.

– Куҷоӣ, Шутра? Лавҳро ин ҷо биёр… Белзанҳо шер будаанд, киштиро наҷот доданд. Ҳамаашро озод мекунам. Зуд бош, Шутра!

Ва бо дастони бемадор дар руи лавҳ рақам кард: «Ман, Сингхи лотхалӣ, соҳиби «Магулим», ба ҳамаи онҳое, ки дар сафари Ҷазираи Офтобӣ ҳамроҳам буданд, озодӣ мебахшам. Инак, мӯҳру пайи дасти ман.» Тоҷир базӯр ба Исмал гуфт: «Девӣ… Девиро фаромӯш накун!..» Ва чашм бар ҷаҳон пӯшид.

Шутраву маллоҳон ӯро ба матоъҳои сафед сахт печонда, бо наххо танг бастанд ва ба даргоҳи Энки ниёишҳо намуда, ба уқёнус ҳаволааш карданд.

…Хушбахтона, тӯфон киштиро ба яке аз ҷазираҳои галаҷазираи Комор бурда буд. Кори баҳрнавардон омад кард, ки он халиҷи начандон калони аз амвоҷ эмине дошт. Онҳо лангар партофта, ба таъмири «Магулим» пардохтанд. Аз дарахти сиёҳи Тапробана тири нав сохтанд, дар таххона бодбони эҳтиётӣ пайдо карданд. Ва киштӣ боз ба уқёнуси Ҳинд баромад. Шутра медонист, ки ба шимол, чӣ хеле ки як маллоҳи араб гуфт, қадқади «замини сиёҳ» шино кардан лозим аст. Вале касе аз эминмондагон намедонист, ки соҳили ошнои Пунта ду ҳазор мил дур аст! Маллоҳи араб аз аҷдодаш шунида буд, ки роҳи он тулӯи бешумори моҳро дарбар хоҳад гирифт. Вале илоҷи дигар на-

буд: танҳо Сингҳ метавонист киштиро бо роҳи рост аз Тапробана ба Дилмун бубарад…

Шутраву Исмал киштиро ба самти Нимашаб равон карданд. Ба ҷои садупанҷоҳ навадучор тан белзан монда буд ва ҳар кадомро лозим меомад, ки ба ҷои ду нафар заҳмат бикашад. Аз маллоҳо танҳо шаш нафар зинда монданд.

Вале захираҳо дар таҳхонаи киштӣ буданд ва тӯфон ба он ҷо осебе нарасонд. Бо ҳисоби Шутра меваю гиёҳ ва боқии нонҳои ҷавӣ барои нимгурусна рӯз гузарондан кифоят мекард. Уқёнус – пури моҳӣ. Ва хушбахтона, захираи оби нӯшиданӣ низ кофист.

Субҳи як рӯзи офтобӣ «Магулим» ба соҳилҳои Африқо расида, ба самти шимол рӯ овард.

Саёҳати нохуше буд он. Шутраву Исмал боду ахтарону ҷараёни обро ба ҳисоб мегирифтанд ва «Магулим» гоҳ зери бодбонҳо мерафту гоҳ бо зӯри белҳо. Боз ҳам уқёнус азобашон дод, вале на чунон бераҳмона, ки ҳангоми он тӯфон. Офтоб бадани урёни белзанҳоро бераҳмона месӯзонд, дар тағораҳо қатрон об мешуд, аз таҳхона бӯи махмуркунандаи чӯби гаронбаҳо меомад…

Оби нӯшиданӣ тамом шуд ва Шутра ба белзанҳо фушурда нӯшидани шарбати моҳиро ёд дод. Моҳи шашум ба поён мерасид, вале киштӣ ҳамоно шино мекарду охири роҳ пайдо набуд.

– Тараҳҳум кун, Энкии бузург! – Пунти муқаддасро ба мо бинамо. Куҷост бодат, Худоё?

Исмалу Тирси лоғару аз гармо сиёҳгашта бемадорона дар назди суккон меистоданд. Ва қариб бо ҳам ҳарф намезаданд, чунки мадор надоштанд. Тирс, умеди ба Баҳри Каспҳо баргаштанро гум карда, торафт бештар дар худ фурӯ мерафт.

Исмалро фикрҳои дигар азоб медоданд: «Чӣ кор кунам ман, эй арвоҳи даштҳо? Ба Лотхал, ки

Деви интизорам аст, бираваму Сарвиро, Баҳри Оксро, Девонадарёро фаромӯш бикунам?.. Ё ба соҳили Баҳри Поён бирасаму ҳамроҳи Тирс ба Нимашабон роҳ бигирам?»

Интихоб осон набуд. Чунин менамуд, ки ҳама ҳодисаҳои гузашта на бо ӯ рух доданд. Оянда аш номаълум буд.

Сафари тоқатфарсо рӯзе ба поён расид, ки дар Баҳри Поён Баҳрайн пайдо шуд. Вале ин бо нархи гароне муяссарашон гардид – аз се ду ҳиссаи онҳое, ки ба ин сафар баромада буданд, абадӣ дар қаъри уқёнуси бекарон монданд.

Шутра дар ҳамон ширкати тиҷоратии Баҳрайн ғаниматҳои Тапробанаро бо қимати гароне фурӯхт. Ҳиссаи ҳамаро дод, ба сукkондорон – Исмалу Тирс се маротиба бештар расид. Бандари Баҳрайнро тарк намуда, Шутра мехост киштиро ба Шарқ, ҷониби Лотхал бигардонад, вале Исмалу Тирс гуфтанд:

– Моро ба резишгоҳи диёри шумерҳо бубар, бародар. Ба ватан, ба дашти Нимашабон меравем.

Дилмунӣ беҳуда онҳоро зорӣ мекард:

– Меарзад, ки бори сеюм тараҳҳуми худоёнро чашмдор бишавед? Хуб аст, ки сиҳату саломат ба ватан баргардӣ, вале чӣ хел? Роҳ то баҳри Каспҳо беҳад дур аст. Аз Шумер гузашта наметавонед: асорат ва ғуломии навбатӣ таҳдидатон мекунад. Сарбозони шоҳ Ур ҳар нафареро, ки хоҷа ва ё қабилаашро ном бурда наметавонад, дастгир мекунанд. Девиро ёд биёр, эй Исмал, интизор аст туро ӯ? Чӣ мегӯям ман ба вай?..

– Нагӯ!.. – бонг зад Исмал, ки ҳамин андешаҳо азобаш медод. – Дигар ҳарфе нагӯ. Ман Деви, духтари Сингҳро ҳамеша дар ёд хоҳам дошт! Вале ба бародарам Тирс ҳам хиёнат карда наметавонам. Танҳо сарзамини шумерҳоро убур карда намета-

вонад ӯ!.. Фаҳмидӣ, Шутра?

Шутра бо алам сар ҷунбонд. Баъд чизе ба ёдаш расид ва лавҳро гирифта, ба коҳинони ибодатгоҳи Эрида нома навишт: «Тавалло мекунам шуморо, эй оқилон! Ба ходимону ёварони ман барои сафар ба мулкҳои тоҷирони шимол гузарнома бидиҳед. Дуруд ба шумо, эй ёрони Худо, аз дӯстатон Сингҳ».

Хидмате буд ин, ки бештар аз онро касе орзӯ ҳам намекард.

…Расо ҳафтсаду чор бор маҳтоб иваз шуда буд аз он рӯзе, ки Исмалу Тирс бандаргоҳи шумерҳоро тарк карданд. Ва, инак! Субҳи барвақт дӯстон, дар бандари матруке нишаста, бори охирин садои амвоҷи халиҷи Форсро мешуниданд. Насими сабуке чеҳраҳои ришрасидаву дуруштгаштаи онҳоро навозиш мекард. Исмал бо ҳасрат ба уфуқ, ки дар пасаш, дар самти ҷанубу шарқ Лотхал ҷойгир буд, менигаристу фикрона бо Шутра, белзанҳо, Сингҳ, ки абадӣ дар оғӯши уқёнуси дӯстдоштааш хуфта буд, хайрбод мегуфт.

Баъд ба воқеият баргашт. Бояд ба Эрида рафт. Коҳинон, номаи Сингҳро хонда, гузарнома хоҳанд дод. Албатта, дар баҳои ҳадяҳои гаронбаҳо, бахшидаҳои Шутра. «Коҳинон ҳадяҳои хубро дӯст медоранд…» – аз дил гузаронд ва барои овардани маркабҳое, ки аз Баҳрайн харида буданду ҳоло дар найистон мечариданд, рафт.

Баъди як ҳафта ба Эрида расиданд. Исмал қариб тамоми тангаву тилои доштаашро аз номи Сингҳ ба коҳинҳо пешкаш намуд. Ва субҳи рӯзи дигар дӯстон роҳашонро идома доданд. Гузарномаи коҳинҳои Эрида дар сари синаи Исмал овезон буд ва посбонон дар даромадгоҳу баромадгоҳҳо бе ягон ҳарф ба онҳо роҳ мекушоданд. Саҳрои аз гармо сӯхтаро паси сар карда, Исмалу Тирс ба соҳили Паланг расиданд ва дар сояи нахлҳо дам

гирифта, оби нӯшиданӣ захира карданд. Баъд аз моҳигири ҳамонҷоӣ қаиқи чармие иҷора гирифта, ба соҳили чапи дарё гузаштанд…

Охирин тангаю тилояшонро Тирс ба шубонҳо, ки пайроҳаи ростро сӯи баҳри Каспҳо нишон доданд, бахшид ва хастагинопазир сӯи ватан шитобид. Исмал базӯр ба ӯ мерасид, як хараш тоб наоварду дар Дашти Кавир аз по афтод, вале онҳо мерафтанду мерафтанд.

Оқибат рӯзе фаро расид, ки Тирс аз сари теппае амвоҷи кафколуди баҳрро дид ва бо овози марғуладораш мурғону ҷонварони байни буттаҳоро ҳаросонда, фарёд зад: «Расидем, бародар, ба Баҳри Сабз расидем!»

Исмал мадоре надошт, ки ба ӯ посух бидиҳад: беҳолона рӯи сабзаҳо ғелида, чашм пӯшид ва ҳамоно хобаш бурд. Танҳо субҳи дигар бедор шуд ӯ. Дар ин муддат Тирс оҳуе шикор карда, ғизо пухта буд. Хӯрданду нӯшиданду фароғат карданд, лекин дили Исмал шодӣ эҳсос наменамуд. «Эй арвоҳи даштҳо, – меандешид ӯ, – назди шумо омадам ман… Шодам, албатта, лекин, афсӯси онро мехӯрам, ки бебозгашт рафт… Алвидоъ, Девии меҳрубон! Алвидоъ, Ҷазираи Офтобии канори уқёнуси бекарон…»

Андешаҳои ӯро пай бурда, пешвои каспҳо гуфт:

– Нахӯр ғами чизеро, ки барнамегардад. Шукр бигӯ, ки зиндаиву ба ватан баргаштаӣ. Ва Девию Сингҳи меҳрубонро ба некӣ ёд биёр.

– Илтимос, нагӯ!.. – зорӣ кард Исмал

Тирс хомӯш шуд, вале баъди лаҳзае пурсид:

– Боз ба соҳили Баҳри Окс бармегардӣ?

– Наметавонам. Тӯри пирро куштаам ман ва қабила намепазирадам.

– Қабилаи мо мепазирадат! – гуфт Тирс ва

қатъӣ илова кард: – Туро, ки бародари манӣ, қабилаи мо мепазирад!

Боди гарми намноке мевазиду гиёҳу сабзаҳо сабук алвонҷ мехӯрданд. Исмал хомӯш буду пешвои каспҳо дӯсташро тасаллӣ медод:

– Ману ту ними дунёро бо ҳам гаштем ва инак, фаҳмидам, ки он пур аз одамони нек аст; вале мутаассифона, бадон ҳам кам нестанд. Корхонаи сангшиканӣ, белзанҳои занҷирбандро ёд дорӣ? Ҳама ғуломони Сингҳ буданд, вале вай озодашон кард… Нек инсоне буд Сингҳ. Аз шарофати вай ману ту ҳам озодему аз ҳавои ватан нафас мекашем. Дилу ҷонро фараҳ бубахшову ҳамаро фаромӯш бикун.

– Ҳа, албатта… – гуфт Исмал.

Вале дар хаёлу ёдаш нахлҳои сари теппаву оббозигоҳи бекас давр мезад. Садои дарё меомад. Дар осмони Лотхал моҳи симобвор сафед медурахшид; дар марғзори пур аз гулҳо нозанини нозукандоме мерақсид. Ӯ чашмонашро пӯшиду фикран фарёд зад: «Наметавонам назди ту баргардам, Деви! Алвидоъ!»

* * *

Солҳои зиёде зиндагӣ кард ӯ дар қабилаи Тирс. Ҳамааш мувофиқи ваъдаи пешво буд: каспҳои ғаюр, он моҳигирони озод, ӯро чун бародар пазируфтанд; ва ба назараш менамуд, ки ҳамнавои амвоҷи кабуд, ҳам боди дашт, ҳам Тирс – ҳамааш абадист. Вале кӣ хондааст китоби фардоро? Рӯзе Тир ин ҷаҳонро падруд гуфт – аз захмҳое даргузашт, ки дар набарди истилогарони ватанаш бардошта буд. Ва бори дигар дид Исмал, ки аз шӯълаҳои гулхани бузурге рӯҳи инсон – ин дафъа рӯҳи уқобсони Тирс – ба сӯи авҷ пар мекушояд. Ва

зиндагӣ барояш батамом маънии хешро гум кард.

Боре нимашаб як машк об гирифта, ноаён аз қабила рафт Исмал; бисёр мехост дилаш, ки боз Баҳри Окс, он ҷазираеро, ки Сарвӣ ҳалок шуда буд, бубинад.

Чандин рӯз роҳ рафт. Дар атроф саксавулҳо ва гиёҳу сабзаҳо мерустанд. Онтарафтар, дар самти шимолу шарқ ин ҳама ба дашти сарсабзи канори Арал табдил меёбад. Вале дигар мадори рафтан надошт! Рӯи рег дароз кашид Исмал ва оромиши ширине дилу ҷонашро фаро гирифт. «Ана, омад он чизе, ки дер боз интизораш будам, – бепарво аз дил гузаронд ӯ. – Маро мебинӣ, Сарвӣ? Назди ту омадам ман, дуруд!..»

Шамоли тунде регҳои сӯзонро ба рӯяш зад, вале вай эҳсос накард. Аз ин ҷо дури дур буд акнун Исмал; ҷавон буду пурзӯр, дар «Магулим» шино мекарду аз зебоиҳои уқёнуси пурхавфи Уаҷ-Ур баҳра мебурд…

Боз дар нимашаби гармо, бо чашми муҳаббат ба сайёди хеш нигариста, Девии раққоса печутоб мехӯрд. Ва Исмал равшан нидоеро шунид: «Куҷой?.. Даштҳои бекаронатро пайдо кардӣ? Ман туро фаромӯш карда наметавонаму хуморат мегирад. Дилам мегӯяд, ки ӯ зинда асту туро интизорӣ мекашад… Мешитобам ман, пар мезанам ман!..»

Исмал хост ба истиқболи он садои мӯъҷизаосои хуштанин биштобад, вале бемадорона ба регзор парӯ афтод.

## МУНДАРИЧА

### НАЗМ

**Қаюм Тангриқулиев**
Пахта чун барф сафед. *Тарҷумаҳои Одина Мирак* ........4
Чинор ........4
Чоҳи сангин ........6
Се ғалбер ........6
Ҷангу оштӣ ........8

**Атамурод Атабоев**
*Лоиқ. Тарҷумаҳои Сайидалӣ Маъмур* ........9
Дар боби он, ки шеърҳои маро мехонанд ........11
Одамон ба чанд қисмат мешаванд? ........14
Дар ситоиши як зан ва таърихи як шеър ........16

**Байрам Жутдиев**
Ватан. *Тарҷумаҳои Ҳикмат Раҳмат* ........18
Ибодат ва тирандозӣ ........19
Дӯконҳо ........20
Сарбози пир ........22
Тире, ки дар пушти сари Мустай Карим қарор дорад ........23

**Ӯғилҷамол Чориева**
Сари саҳрои гулпӯш. *Тарҷумаҳои Зиё Абдулло* ........24
Шохи муроди ман ........25

**Давлат Гиркан**
Дар хобҳо назди ту меоям. *Тарҷумаҳои Сафармуҳаммад Айюбӣ* ........27
Не, гум намешавам ........28
Хона ........28
Аё дарёи шӯхи зиндагонӣ. *Тарҷумаҳои Зиё Абдулло* ........30
Дар чашму ба мӯйи шаббадӯшат ........31

**Оразгулӣ Аннаев**
Замин. *Тарҷумаҳои Бобо Ҳоҷӣ* ..............................32
Шамъ месӯзад ..............................33
Фориғболӣ ..............................34
Нисён ..............................34
Бори аввал ..............................35
Биёбон ..............................36
Чоҳ ..............................36
Вақте ки фаро расид бегоҳ ..............................37
Пирмард ..............................38
Варақ ..............................39

**Шодурдӣ Чориқулиев**
Андашаяк. *Тарҷумаҳои Сайидалӣ Маъмур* ..............................40
Куртаи сафеди ман ..............................41
Хонаи бесоҳиб ..............................43
Ҷои ҳайрат нест ..............................44

**Бяшим Одек**
Шутурмурғак. *Тарҷумаҳои Гулназар* ..............................46
Ду васият ..............................47
Ду дида бар фалак ..............................47
Андарз ..............................48
Қатра ..............................48
Осон ҷудо шудам ман ..............................48
Надорад ӯ ҳарос аз кори дунё ..............................49
Шеъри ман хону вале рашк макун ..............................50
Ҷавонӣ буду ҳар корам раво буд ..............................50
Худоё, бахти олӣ шуд насибам ..............................51

**Бибӣ Ораздурдиева**
Начвои ишқ. *Тарҷумаҳои Юсуфҷон Аҳмадзода* ..............................52
Ниёзи ишқ ..............................53
Аз таънаи даҳдаҳан нигаҳ дор ..............................54
Афсонаи айём ..............................54
Навҳа ..............................56

**Аҳмад Мамед**
Ба падарам Мамед Қадам. *Тарҷумаҳои Басир Расо* ...... 58
Андарзи бобо ......................................................59
Рӯбарӯ бо баҳр ...................................................59
Манзараи шаб .....................................................60

**С. Дергай**
Суруди оби равон. *Тарҷумаи Басир Расо* ....................61

**Қурбонниёз Дашгинов**
Намоишгоҳи зимистон. *Тарҷумаҳои Парда Ҳабиб* ...64
Модар ................................................................65
Сӯҳбати ширин ....................................................66
Шаҳидон .............................................................67
Ошнои дерин .......................................................68

**Аҳмад Қурбоннепесов**
Айнак. *Тарҷумаи Низом Қосим* ...............................70
Тифл ..................................................................71
Алла ..................................................................73

**Аллаёр Чориев**
Гуфтугӯ бо худ. *Тарҷумаҳои Ҳикмат Раҳмат* ...........74
Хирадмандон .......................................................75
Толеъ .................................................................75
Ҷадал бинмо, биё бар кӯҳсорам ...............................76
Кӣ хоҳам шуд? .....................................................77

## НАСР


**Осман Оде.** Ду ҳикоя.
Нидои дил. *Тарҷумаҳои Истад Қосимзода*....................79
Умри дубора ..........................................................................89

**Чорӣ Гелдимуродов.** Се ҳикоя.
Бемории Нодир.
*Тарҷумаҳои Нурмуҳаммад Исҳоқӣ.*........................112
Наҷотбахш.........................................................................117
Беғамёр..............................................................................120

**Гурбонназар Оразгулиев.** Ду ҳикоя.
Бори вазнин.*Тарҷумаҳои Ато Ҳамдам* .......................124
Охирин набард. ...............................................................131

**Ҷумъа Худойқулиев.** Ду ҳикоя.
Кетени. *Тарҷумаи Тоҳир Мамадризоев.*........................140
Ифтихор. *Тарҷумаи Абдуғаффори Абдуҷаббор.*..........145

**Агагелдӣ Алланазаров.** Ойини биёбон.
Новелла. *Тарҷумаи Маҷид Салим.*........................154

**Қосим Нурбодов.** Охирин каломи *Лоҳутӣ.*
Ҳикоя. *Таҳияи Мубашшири Акбарзод.*..................170

**Худойбердӣ Девонқулиев.** Бозгашт сӯи Сарвӣ.
Қисса. *Тарҷумаи Пури Ҷаҳонгир.*............................180

**НАСИМИ ХАЗАР**

**(Баёзи назму насри**
**адибони Туркманистон)**


Муҳаррири ороиш: Ромиш Шералӣ
Муҳаррири саҳифабандӣ: Меҳрӣ Саидова
Мусаҳҳеҳ: Зулайхо Неъматова
Чопи компутерӣ:
Шамсия Мирзоева, Саломат Орифова

Ба матбаа 25.07.08 супурда шуд. Чопаш 31.08.08. ба имзо расид. Андозаи 60х84 1/16.. Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопии шартӣ 14,0. Адади нашр 1000 нусха.

Нашриёти «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018 Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17 «а».

Дар чопхонаи КВД комплекси табъу нашри
«Шарқи Озод» чоп шудааст.
734018, Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ, 16